# Ҳадиси ишқ

Номи китоб: «Ҳадиси ишқ»
Муаллиф: Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид
Мураттиб: Муҳаммадсиддиқи Комил
Ҳуруфчин: Абдулмаҷиди Муҳаммадӣ
Тарроҳи компютер: Файзалии Додарбек
Зери назари муаллиф
Чопи офсетӣ,
Адади нашр 1000 нусха
Нашриёти «Паёми ошно»
Душанбе 2002

# Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

# Оғоз

Сано мар Худованди бахшандаро,
Ба ҳикмат ҷаҳон офаринандаро.
Ҳама зеру боло санохони ӯ,
Ду олам пур аз файзу эҳсони ӯ.
Ба сози латофат чу оҳанг баст,
Ҷаҳоне чунин ранг дар ранг баст.
Шақоиқ ба саҳро, ақиқ дар Яман,
Шукуфа ба боғу суман дар чаман.
Ҳама нақшу зебогии ин ҷаҳон,
Зи табъи латифи вай омад нишон.
Пас аз ҳамду тасбиҳу тақдиси том,
Дуруд Мустафоро алайҳи-с-салом.
Ки чун ӯ набудӣ, ҷаҳоне набуд,
Замине набуд, в-осмоне набуд.
Саломе ба пайванду ёрони ӯ,
Ба атбоъу ҳам дӯстдорони ӯ.

**Қасидагунаҳо**

Аҳд кардам, ки дигар ҳарфи парешон назанам,
Такя бар маснаду бар коху бар айвон назанам.
Санг бар шишаи ҳар сарду гаронҷон назанам,
Таъна бар тоифаи аблаҳу нодон назанам.

Ман аз ин валвалаву шур, ба ҷонам соқӣ,
Пур кун аз бода ду-се ратли гаронам соқӣ.

Ёди рӯзе, ки дилам мазҳари руҳонӣ буд,
Чеҳра аз нури дарунам, ҳама нуронӣ буд.
Нашъа буд дар дилу ҷон нашъаи раҳмонӣ буд,
В-аз латофат суханам лаъли бадахшонӣ буд.

Вой бар ҳоли ману ҳолати афсурдаи ман,
Дӯстон гиря кунед, бар ману бар мурдаи ман.

Не ҳавову ҳаваси мансабу номаст маро,
Субҳи умед фурӯ рафта ба шомаст маро.
Манам он ринд, ки сад бода ғуломаст маро,
Ман хароботияму бода ҳаромаст маро.

Пас аз ин аз дари майхона наҷӯед маро,
Пас аз ин масти зихуд рафта нагӯед маро.

Дӯстон дар суханам маънии пинҳоне нест,
Рози дилро ба забон гуфтан осоне нест.
Ҳарфи берабту суханҳои парешоне нест,
Ва ба андозаи зарфияти нодоне нест.

Гавҳарӣ огаҳаст аз тарзи гуҳар суфтани ман,
Донад аҳли сухан ингуна сухан гуфтани ман.

Ба Худое, ки чунин қасди матинам дода,
Ба Кариме, ки чунин илми яқинам дода,
Раҳнамое, ки гузар дар раҳи динам дода,
Қодире, ки дили бо ғусса қаринам дода,

Ки ман аз даргаҳи ӯ роҳ ба ҷое набарам,
Фитнаву макри шуморо, ба ҷаве ҳам нахарам.

Солаке чанд ба пиндор маро санҷидед,
Хайрхоҳона сухан гуфтам агар ранҷидед.
Ҷиддӣ будам ба ҳама кор, вале хандидед,
В-аз гумони баду гандида басе гандидед.

Ба шумо бод ҳалол ончи, ки худ доштаед,
Оқибат медаравед, ончи, ки худ кոштаед.

Чанд гӯед, ки чунинасту чунонаст Навид,
Аз кӯҷо омадааст, офати ҷонаст Навид.
Ӯ ҳамонасту ҳамонасту ҳамонаст Навид,
Ӯ зимо кай биравад, кӯҳи гаронаст Навид.

Ман аз ин маҳфили беранг, бирафтам падруд,
В-аз сари ъотифаву нанг, бирафтам падруд.

Ман дилозурда сухан гуфтаам, бахшоед,
Сарду афсурда сухан гуфтаам, бахшоед.
Фошу бе парда сухан гуфтаам, бахшоед,
Ном нобурда сухан гуфтаам, бахшоед.

Шеърам оина бувад, зишту наку бинмояд,
Ҳарки дар оина бинад рухи ӯ бинмояд.
С 1994

* * *

Рахт барбастаму з-ин маҳлака берун рафтам,
Дар шигифтам ки аз ин варта бурун чун рафтам.
Шукри Эзид, ки аз ин маҳбаси пурранҷу тааб,
Толеам саъд буду бахти ҳумоюн рафтам.
Зи Заҳокони замон ҷаври фаровон дидам,
Пас аз ин дар талаби мулки Фаридун рафтам.
То ки маслуби чаҳормехи аносир нашавам,
Чу Масиҳ пар задаму бар сари гардун рафтам.
Лутфи Эзид на муқайяд ба карамҳои шумост,
Ман ки аз даргаҳатон бо дили пурхун рафтам.
Борилоҳо ту бубахшо, ки ситам карда ба худ,
Бо ғазаб аз бари ин қавм чу Зуннун рафтам.
с. 1980

* * *

Як даме бо ман нишин, то ҳарфи воло гуямат,
Ончи гуфтандам биё танҳо ба танҳо гуямат.
Ҷони моро буда бо ҷони ту, пайванди азал,
З-ин сабаб ҳарфи дили худ, бе муҳобо гуямат.
Гар аз ин туҳматсарои ваҳми ҳастӣ вораҳам,
Рози пинҳоне, ки медонам, ҳувайдо гуямат.
Ҳамнафас бо корвонҳо, гом зан дар бодия,
Нарм-нармак то ҳадиси, ишқи Лайло гуямат.
Маст гаштам оби сардам, зан ки кор аз даст рафт,
Аз сари мастӣ мабодо ҳарфи беҷо гуямат.
Дар баҳорон ҳасрати гумкардае дорам ба дил,
Ҳамнаво бо гиряи, борони саҳро гуямат.
Андарин водӣ, ҳазорон мушкил андар мушкиласт,
Ин ҳама ҳеҷаст, аз завқи таманно гуямат.
Тан агар бори гаронат мешавад, тан дармадеҳ,
Ку зи худ ворастане, то рамзи ҷонҳо гуямат.
Гаштаам маслуби ин дори аносир, эй ҳариф,
В-арна аз сайри мақомоти Масеҳо гуямат.
Ман аз ин Юсуфнамоёни Зулайхоиниҳод,
Ончи дидам, ончи бишнидам саропо гуямат.
Зарраи гумгаштаам андар замири коинот,
Андарин оворагӣ, аз зишту зебо гуямат.
Дар дили мо ҷои ту холист ҳамроҳи Навид,
Пушти дар боз о садо кун, токи бикшо гуямат.
с. 1997

* * *

Ҳарифи сифла аз тан қисса гуфту ман зи ҷон гуфтам,
Ғалат кардам ба ин ношустарӯ, рози ниҳон гуфтам.
Замин буд соҳати ҷавлони афкори парешонаш,
Заминро тай намудам, нуктаҳо аз осмон гуфтам.
Сухан аз кавн мерафт дар миёни мову ӯ, аммо
Гузар кардам зи кавну, шаммае аз ломакон гуфтам.
Ҳама гуфту шуниди ӯ гумоневу хаёле буд,
Гумонро парда бидридам, ҳақиқатро аён гуфтам.
Зи зарроти ҷаҳону аз баситу таркибот эйдун,
Баён мекарду ман ҳар зарраеро, як ҷаҳон гуфтам.
Фазои диданиҳо ҷилвагоҳи сайри мавҳумаш,
Нишон аз дида мегуфт уву ман аз бенишон гуфтам.
Баҳори бенишоти ӯ гирифтори хазоне буд,
Ба ҷонаш ҳайрат афзудам, баҳоре дар хазон гуфтам.
Паи исботи ҳастӣ аз фано бурҳону ҳуҷҷат гуфт,
Вуҷуди бесуботашро, саробею гумон гуфтам.
Ғаму андӯҳи бепоёни ӯ з-андешаи тан буд,
Зи ҷон ғофил буд, аз рози ҳаёти ҷовидон гуфтам.
Гумон кардам, ки ин афсурда ҷӯёи ҳақиқат буд,
Ғалат кардам ҳақиқатро ба сад шарҳу баён гуфтам.
Зи хайли нокасон, ҳангомаи тақлид барпо шуд,
Ба ин ғавғописандон аз мақомоти касон гуфтам.
Ба шавқи манзили Лайло, ба оҳанги ҳиҷоз аз дил,
Навое баркашидам, қиссаҳо аз сорбон гуфтам.
Магар дар санги хора, қатраборонро асар бошад?
Суруди ишқро баҳри чӣ дар гуши карон гуфтам?
Ба ин андеша худро медиҳам таскину оромиш,
Ки ҳарфи гуфтаамро, аз барои имтиҳон гуфтам.

Ба ин ғафлатпарастон, к-аз ҳавои ханда сармастанд,
Ҳадиси гиряолуде, ба оҳанги фиғон гуфтам.
Каломи ёвагӯёнро, сукути банда кофӣ буд,
Пушаймонам, пушаймонам, ҷавоби ройгон гуфтам.
Ба гӯши мурдарегон, қиссаи оби бақо ҳайфаст,
Зи бас хушбоварам, инро ба гӯши мурдагон гуфтам.
Ба зери пардаи миллат, балои миллатанд эшон,
Гуноҳам ин, ки роҳи рушди миллатро нишон гуфтам.
Зи рӯи содагиҳо ман ба ин кирмони мурдобӣ,
Ҳадиси мавҷ гуфтам , қиссаи баҳри дамон гуфтам.
Навид дар ин пушаймонӣ зи худ мепурсам аз ҳайрат,
Чунин маънои мавзунро, чаро гуфтам, чисон гуфтам?
с. 1993

**Мунофиқин**
Чӣ сон гӯям, ки онҳо одамастанд
Ки бар илму адаб номаҳрамастанд.
Тиҳимағзанду сар пурбод аз кибр
Зи сар то по ту гӯӣ ишкамастанд.
Чу ҳайвон ҳиммати эшон хӯру хоб
На, бал аз чорпоён ҳам камастанд.
Худоро бандаанд аммо забонӣ,
Ба дил дар кофарӣ мустаҳкамастанд.
Зи зулми кофирон болида гарданд,
Зи адли муслимин дар мотамастанд.
Ба назди аҳли маънӣ сар пур аз кибр,
Ба назди аҳли дунё сархамастанд.
Накӯӣ ҷустан аз эшон нашояд
Ба анвоъи бадиҳо тавъамастанд
Ба чашми аҳли таҳқиқу маъонӣ
Чу имлои ғалат ношоямастанд.
Зи ашки чашми мазлумон натарсанд,
Зи андӯҳи ятимон беғамастанд.
На зангии сияҳ, на румии Рум
Ба монанди муханнас мубҳамастанд.
Ба занни худ фалосуфанд, аммо
Ба ангушти ҷаҳолат хотамастанд.
Агар боло раванд, гарду ғуборанд,
Ҳубоби рӯи дарё як дамастанд.
Навид, аз ман бипурсӣ ҳоли эшон,
Чӣ сон гӯям, ки онҳо одамастанд.

Қундуз.1995

# Рамазон

Марҳабо, моҳи шарифи Рамазон.
Моҳи бикшодани дарҳои ҷинон.
Омаданҳот муборак бодо,
Пойандози раҳи ту дилу ҷон.
Мужда оварди бари хастадилон,
Зи ҳарими ҳарами шоҳи шаҳон.
Маҳи дӯстдоштаи назди Худо,
З-они худ хонда туро рабби ҷаҳон.
Моҳи мағфирату бахшиши гунаҳ,

Аз каромоти нузули Қуръон.
Ҳар ки дар синаи ӯ нури Худост,
Дӯстдори ту бувад аз дилу ҷон.
Эй, ки дар бастӣ ба рӯи дузах,
В-эй, ки ғул бастӣ ба пои шайтон.
Эй, ки бӯи даҳани соими ту,
Бӯи мушк аст ба назди Раҳмон.
Бар мунофиқ чи басо душворӣ,
Лек бар муъмини содиқ осон.
Моҳи нуриву суруриву сафо,
Зери ҳар рӯзи ту сад рози ниҳон.
Зикри васфи ту наояд зи Навид,
Ки ту болотарӣ аз ваҳму гумон.

Кундуз.1994

## Кобус

Ин чи кобусест ваҳшатзову, хобе бас муҳиб,
Осмони тираранг, бе офтобу моҳтоб.
Ахтарон сӯи адам рафтанд гӯӣ аз само,
Зулмат андар зулмату нури дурӯғин аз шаҳоб.
Дидаам хайли малак саргаштаву бепову сар,
Ҷои эшон лашкари иблису макри беҳисоб.
Бо сари афканда Ҷибрили амин андар сукут,
Чунки иблисзодагон бикшода чашми худ зи хоб.
Осмон бар ҳоли зори донишу донишварон,
Бо дили пурҳасрату андӯҳу бо чашми пуроб.
Инчунин ворунақонун аз куҷо омад падид,
Ҷоҳилон дар маснади илму адибон дар ғиёб.
Бори дигар Буалиро аз Бухоро рондаанд,
Вой бар қавме, ки бигзинад шикамро бар китоб.
Эътироз аз оби ҳикмат кардаанд ин ҷоҳилон,
Дар биёбони адам рафтанд дунболи сароб.
Донишу озодиву дину шарофатро бадал
Кардаанд бо мансабу ҳирсу ҳавасҳову шароб.
Аз ҷаҳолат чеҳраи хуршедро андудаанд,
Бехабар аз ин ки нури Ҳақ намонад дар ҳиҷоб.

Куҳандиз. 15.10.94

## Ошуби маҳшар

Дар ватан ошуби маҳшар дидаам.
Мардуме бе пову бе сар дидаам.
Ҷаҳл пирӯз асту дониш гӯшагир,
Фитнаҳо дар парда дидам мустатир.
Парчами Фиръавн боло шуд, чаро?
Сад балову фитна барпо шуд, чаро?
Боз Юсуфро чаро гургон даранд?
Бори дигар чун зи Канъонаш баранд.
Бори дигар оташе афрӯхтанд,
В-ин бароҳимзодагонро сӯхтанд.
Ин замон Буҷаҳли нав омад падид,
Боз дандони Расулуллаҳ шаҳид.

Булаҳаб даъвои ҳастӣ мекунад,
Ҷоҳилонро сарпарастӣ мекунад.
Бори дигар он расули мустатоб,
Сӯи Ясриб рахт баста бо шитоб.
Макри шайтон фитнаи нав офарид,
Бо ливои ҷаҳл пайдо шуд Язид.
Боз аз нав нури чашми Мустафо,
Роҳи худ бигрифт сӯи Карбало.
Алғараз бар ҷои шерон саг нишаст,
В-он виқору шавкати шерон шикаст.
Эй Худоё, бо кӣ гӯям моҷаро?
В-аз кӣ посухе биҷӯям, эй Худо!
Шукри беҳад, эй Карими меҳрабон,
Рози зери парда бинмудӣ аён.
Гарчи Фиръавн як-ду рӯзе мечарад,
Боз оби руди Нилаш мебарад.
Дасти Мусоро асое мерасад,
Душманонро аждаҳое мерасад.
Гарчи Юсуф хории зиндон кашад,
Тоҷу тахти Миср мар ӯро сазад.
Боз масруру музаффар з-ин сафар,
Сӯи Канъон мерасад ҷони падар.
Бо бароҳимзодагони ҳақпараст,
Раҳмати Ҳақ мерасад ҳарҷо, ки ҳаст
Оташистон гулситоне мешавад,
Шӯълааш оби равоне мешавад.
Ҷаҳли Буҷаҳл аз ҷаҳон гум мешавад,
Булаҳаб расвои мардум мешавад.
Боз аз нав он Расули муҷтабо,
Аз Мадина сӯи Макка марҳабо.
В-он шукӯҳу шавкати раббониён,
Бори дигар чира гардад дар ҷаҳон.
Бар язидон мерасад маргу фано,
Зинда монад он шаҳиди Карбало.
Дар шаҳодат зиндагӣ бошад ниҳон,
В-он шаҳидон зиндаанду ҷовидон.
Бигзарад ин зулмати шабҳои тор,
Рӯшноӣ мерасад аз ҳар канор.
Мо зи ҳиҷрат сӯи меҳан меравем,
Мутакои ҳақпарастон мешавем.
Мерасад ин мужда аз ғайб, эй Навид,
Яъсу навмедӣ басар хоҳад расид.
Толиқон.1993

**Зи хоки поки Бухорову Буалӣ нозам**

Хуш он замона, ки қудрат ба Оли Сомон буд,
Ки аҳли фазлу ҳунар дар паноҳи эшон буд.
Шарофати ин дудмон зи илму дониш буд,
Кароммати ин хонадон зи адлу эҳсон буд.
Ҳама сарони давлатшон ҳакиму доно буд,
Ҳама зимоми умуршон ба дасти покон буд.
Чу бо бандагони худованд меҳрубон буданд,
Бубин, ки раҳмати ҳақшон басар чу борон буд.

Ба дузду сифла дари ъофият чу бастандӣ,
Ба ногузир хас каму, ҷаҳон гулистон буд.
Чу асли гавҳарашон поку софу воло буд,
Ҳама сари иродатшон ба суи некон буд.
Бубин, ки даргаҳашон пойгоҳи дониш буд,
Бубин, ки маҳфилашон маҳфили бузургон буд.
Дар он замона Бухоро шариф гашту азиз,
Ки қуввате ба бозувони илму имон буд.
Чу садри аъзамашон Балъамии доно буд,
Умури кишварашон бо ниҳоду сомон буд.
Хуш он замон, ки дар он Рӯдакӣ басар бурдӣ,
Хуш он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.
Зи камтарини камиҳо, бадӣ буди камтар,
Бадӣ буди камтару некӯӣ фаровон буд.
Ба ҷои ҷаҳлу такаббур, ҳасодату даъво,
Сафо буду ъутуфату вафову паймон буд.
Зи хоки поки Бухорову Буалӣ нозам,
Ки дар ниҳояти илмаш замона ҳайрон буд.
Нифоқу тафриқа омад, висол ҳиҷрон шуд,
“Чи наҳс буд ҳамоно, ки наҳси кайвон буд”.
Чу фарру шавкати эшон нифоқу тафриқа бурд,
Ту дар нифоқ чӣ кӯшӣ, ки кори шайтон буд.
Бигӯ, чӣ суд зи тафохур ба рафтагон, эй ҷон,
Ки фазлу шӯҳрати онон барои онон буд.
Биё, ки аз сари ҳиммат камар зи нав бандем,
Зи баҳри миллату кишвар, чу маслиҳат он буд.
Шукӯҳу шӯҳрати гумкардаро зи сар гирем,
Чу кори даҳр саранҷом ба коми мардон буд.
Биё, ки дӯст бидорем обу хоки меҳанро,
Ки дӯстдории меҳан гувоҳи эмон буд.

06.1999

* * *

* * *

Бадгуҳар ар Буалӣ бошад, дил андар вай мабанд,
Хубси ботинаш ба охир коргар хоҳад шудан.

Бутаи хор ар ба боғи ҷанатулмаъво барӣ,
Хор хор асту дарахти бесамар хоҳад шудан.

Бачаи хар ар ба шири модашерон парварӣ,
Хар хар асту оқибат ҳам боз хар хоҳад шудан.

Гар мунофиқ мусҳаф азбар хонаду в-ар сад ҳадис,
Дар нифоқу кофарӣ бебоктар хоҳад шудан.

Аз зани бадроҳа духтар покдоман кай бувад,
Устодаш чун ғараст, ӯ низ ғар хоҳад шудан.

Гар диҳӣ бо Зам-заму Кавсар сагеро шустушу,
Заҳмати беҳудааст, нопоктар хоҳад шудан.

Тоҷи шоҳӣ гар гадоеро фалак бар сар ниҳад,
Оқибат сармояи сад шӯру шар хоҳад шудан.
Афғонистон. 1994

Дӣ ба хобам ин нидо бишнидаам:
«К-эй ҳарифон, аз ману мо бигзаред.
Махзани нуреду аз худ бехабар,
Пардаҳои зулмати шаб бардаред.
З-ин нишемангоҳи сад ваҳму гумон,
Бо пару боли яқин боло паред.
Дар биёбони талаб госе ниҳед,
Рахти худ аз шаш ҷиҳат берун баред.
Шеваҳои бутпарастӣ то ба кай?
Охир аз насли Халили Озаред.
Бандаи Ҳақро ду олам чокараст,
То бакай дар хидмати симу заред?
Чокарӣ бар ину он нангаст, нанг!
Хоҷаед, дар ҳадди худ ҳам сарваред.
Дастхуш бар аҳли ҷоҳед, ай дареғ,
Гарчи донову маъорифпарваред.
Шери майдону вале аз рӯбаҳон ,
Борҳо бишнидаам, гӯл мехӯред.
Дар хирад нобиғаи асреду лек,
Саҳлкору содаву хушбоваред.
Арҷмандонеду волопойгоҳ,
Пас чаро дунҳиммату дунпарваред?
Гавҳари волои худ нашнохтед,
Аз ситоишгустарӣ болотаред!
“Аҳсануттақвим” дар васфи шумост,
Ошиқона ҷониби худ бингаред!
Аз ситоишҳои Искандар чӣ суд?
Ҳар яке дар зоти худ искандаред.
Восифи ғайреду мункир аз худӣ,
Дӯстонро душмани зӯроваред.
Суди ҳамҷинсон намехоҳед ҳеҷ,
Баҳри нафъи хештан афсунгаред!
Сарви озоде бирӯяд дар чаман,
Дар замон аз бех ӯро мебуред.
Ҷонҳо ҳеҷу баданҳо пуршукӯҳ,
Дар алафзори ҷаҳон ҳай мечаред!
Шеваи мардонагӣ аз байн рафт,
Дар дифоъи хеш чодарбарсаред».
З-ин нидо дар ҷони ман оташ фитод,
Месазад бар ҳарфи ман гӯш оваред!
Мунҳариф аз роҳи ҳақ бошам агар,
Дасти ман гиреду бар роҳам баред!

* * *

Эй, ки зи тарзи гуфтанат бори ҳаё ҳамекашам,
В-аз сухану иборатат бин ки чиҳо ҳамекашам.
Гарчи сухан азони ту, ранҷу хиҷолат аз манаст,

Бин, ки зи рӯи мардумӣ ҷабру ҷафо ҳамекашам.
Ҳарза бигуфтӣ сарбасар, дам бизану дигар магӯ,
В-рна бидон, ки ман туро то ба куҷо ҳамекашам.
Дархури худ сухан бигӯ, ҷой бубину пой неҳ,
Чанд хато ҳамеравӣ, чанд туро ҳамекашам?

С 1989.

## Дар даъвои яке аз худношиносон

…Дар шигифтам, ки чунин бехираде,
Сухан аз олами ирфон бизанад.
Бетамизе зи адаб дур чунин,
Лофи ҳамрангӣ ба некон бизанад.
Сарду бе ҳис чу сангаст вале,
Масал аз сӯхтаҷонон бизанад.
Он шунидӣ, ки яке мӯри заиф,
Такя бар тахти Сулаймон бизанад.
Оқилон ҷумла хамӯшанд, вале,
Аблаҳе ҳарфи парешон бизанад.
Лафзи бе рабту маонӣ мавҳум,
Мисли девона, ки ҳазён бизанад.
Ӯ ҳаме бандаи нафс асту бадан,
Гарчи худ дар сафи мардон бизанад.
Динзудоӣ будааст ойинаш,
Сухан акнун чу мусалмон бизанад.

С 1989.

## БА ЯК ГАНДУМНАМОИ ҶАВФУРӮШ

Агарчи номи ӯ номи бузург аст,
Ба зоҳир меш, дар ботин чу гург аст.
Ман ӯро озмудам дер гоҳе,
Бикун бовар намеарзад ба коҳе.
Ба зоҳир гарчи ӯ бошад мувофиқ,
Мунофиқаст, мунофиқаст, мунофиқ.
Ҳикоят гарчи аз ойина дорад,
Чу каждум дар дили худ кина дорад.
Ҳикоятҳош аз Қуръон таҳқир,
Ривоятҳош аз эмон таҳқир.
Ба ин ҷаҳлу ба ин куфру ба ин кор,
Мусалмон гӯямаш, зинҳор -зинҳор.
Ба ҳирси моли дунё ҳамчу мушаст,
Тамаллуқпешаасту худфурӯшаст.
Тавазуъҳои ӯ айни такаббур,
Сари пасташ нишони сад тафохур.
Чунин инсони фосиқро кӣ дида,
Ба мисли ӯ мунофиқро кӣ дида.
Ба ҳар найрангу тазвире бикӯшад,
Ба ҳар навъе, ки хоҳад ҷома пӯшад,
Ман аз тарзи хиромаш мешиносам,
Баландиҳои бомаш мешиносам.

* * *

# Ғазалиёт

*(пеш аз ҳиҷрат ва баъди ҳиҷрат)*

Эй насими субҳидам, аз Ясрибу Батҳо, биё.
Эй тараббахшандаи ҷону дили шайдо, биё.
Эй басо шабҳо ба ёдат хоб аз чашмам рамид,
Дар дили шаб н-омадӣ, дар домани шабҳо биё.
Аз намози мо чӣ мепурсӣ, ниёзи мо бубин,
В-аз ду олам бениёзу кони истиғно, биё.
Мо асири фитнаи фиръвниёни бадкуништ,
Эй калими ҳақ, куҷоӣ, бо яди байзо биё.
Марги тан ҳеҷаст, лек аз марги ҷонҳо алғиёс,
Эй Масеҳи вақт, эй Исои руҳулло, биё.
Муслим имрӯз пеши сад бут дар рукъу дар суҷуд,
Эй Халили бутшикан, бархез, барқосо биё.
Сакта дар ҷони хирад афтод, кӯ роҳи наҷот?
Эй сафои ҷону дил, эй Бӯалӣ Сино, биё.
Аз шақоват тирагӣ афтода дар рӯи ҷаҳон,
Эй сафои ҳарду олам, Хоҷаи Тоҳо, биё.

* * *

Мазори ишқ месозам, дили девонаи худро,
Ба дасти хеш оташ мезанам, кошонаи худро.
Дар ин бозор колое надорам ғайри бадномӣ,
Куҷо пинҳон кунам охир, матоъи хонаи худро.
Шунидастам, ки дар вайронаҳо ганҷест пинҳонӣ,
Аз инрӯ хӯ гирифтам гӯшаи вайронаи худро.
Зи бас оинаи ғафлатнамои хеш гардидам,
Зи ҳарфи дигарон бишнидаам афсонаи худро.
Зи бори миннати дунон, чу сарв озод меоям,
Зи хуни дил муҳайё карда обу донаи худро.
Навид, рози дили моро, касе чун мо намедонад,
Биё тақрир созем то хати паймонаи худро.

20.02/2001.

Чи суд аз навбаҳорон, чун латофат аз чаман рафта,
Назокат рахт барбаста, зи сунбул в-аз суман рафта.
Ва боғ аз ҳуҳуи чуғзон азохонаст пиндорӣ,
Зи бас сурма ба хурди тутии шакаршикан рафта.
Дар ин саҳро чӣ мегардӣ, ки хотир шод гардонӣ,
Фараҳ домони худ барчида, аз дашту даман рафта.
Камоли офият хоҳӣ, бирав бар кӯи танҳоӣ,
Ки ойини вафодорӣ зи ёрони куҳан рафта.
Дар ин маҳфил дили моро, кудурат ранҷа медорад,
Намак аз хон бигрехта, сафо аз анҷуман рафта.
На обе бар рухон монда, на нуре бар ҷабин эдун,
Гунаҳ бепарда гардида, ҳаё аз марду зан рафта.
Ман аз рӯи зарурат шеър гуфтам, эй Навид, варна,
Ту медонӣ тароват қаҳр карда, аз сухан рафта.

С 2000.

Асли одамият чист, зодаи башар будан,
Илму фан зи бар кардан, соҳиби ҳунар будан.
Аз ҳунар бишуд мумтоз, одамӣ зи деву дад,
Фазлу бартарӣ ин аст, аз бани башар будан.
Аз ҳунар насаб ояд, в-аз ҳунар ҳасаб зояд,
Варна ифтихоре нест, аз фалон падар будан.
Ҷисми одамӣ кон аст, андарӯ ҳунар гавҳар,
Шарм ояд он конро, холӣ аз гуҳар будан.
Филмасал агар инсон, чун дарахт пиндорӣ,
Шохи пурсамар хубаст, ёки бе самар будан?
Дар сухан ҳунар инаст, эй Навид, агар донӣ,
Бо маонии мавзун, қисса мухтасар будан.

Ёди рӯи ӯ кардам, навбаҳор пайдо шуд
В-аз ғубори ҳиҷронаш шоми тор пайдо шуд.
Сайри гулшани ҳастӣ офати назарҳо буд,
Сад чаман хазон омад, мушти хор пайдо шуд.
Шӯълаи дуруштиҳо чун зи табъи мо ҷушид,
Об санги хоро гашт, кӯҳсор пайдо шуд.
Решаи шикебоӣ дар умеди фардо буд,
Сабри мо ба худ болид, интизор пайдо шуд.
Сифла пои ин бӯсид, дасти ону меҳтар гашт,
З-обрӯи барбодаш, эътибор пайдо шуд.
Соҳати дили инсон мазраъи худоӣ буд,
Чашмаи сафо хушкид, шӯразор пайдо шуд.
Ёри мо зи мо рам кард, қадри ӯ надонистем,
Ошиқи ҷигархуну, дилфигор пайдо шуд.
Хайбари тани инсон пур зи ҷайши кофар буд,
Ҳайдаре зи ҷон омад, Зулфиқор пайдо шуд.
Ё маро бубар хона , в-арна эй санам в-арна,
Хосу омро гӯям, к-он нигор пайдо шуд.
Толеъам саид омад, муждаи Навид омад,
Аз ғубори ин саҳро як савор пайдо шуд.

* * *

Ҳадиси ишқро гӯям , забони ҷони ман сӯзад,
Ҳаметарсам, ки оташ дар фитад, эмони ман сузад.
Басе паймон бубастам, то ки лаб бандам аз ин гуфтан,
Ишоратҳои абру решаи паймони ман сӯзад.
Ба сад шарҳу баён исботи худ дар ҳазраташ кардам,
Ба ними ғамзае сад ҳуҷҷату бурҳони ман сӯзад.
Ниҳону ошкоро шӯру исёни дигар дорам,
Бизан оташ, ки пайдои ману пинҳони ман сӯзад.
Магар обро табиат дигараст дар ин замон варна,
Чаро борони ашкам хирмани домони ман сӯзад.
Саре дорам нишоти зиндагониро зи сар гирам,
Зи бому дар бирезад оташу сомони ман сӯзад.
Навид овораи дашту биёбони чунунастам,
Магар барқи таҷаллӣ ҷони саргардони ман сӯзад.

* * *

Махмураму махмурам, ҷоми дигар ай соқӣ,
Ё аз дари майхона моро бубар, ай соқӣ.
Фарёд аз ин ҳастӣ, фаёд аз ин мастӣ,
З-ин ҳастиву з-ин мастӣ, сад дарди сар, ай соқӣ.
Шаб рафту сиёҳӣ рафт, рӯз омаду бедорӣ,
Дар ҷоми шароби мо шамсу қамар, ай соқӣ.
Дар кӯи хароботем, дар сайри мақомотем,
Дар ҳар нафасе моро ҳоли дигар ай соқӣ.
Ҷоне ба лаб овардем, то чанд шикебоӣ,
Аз дидаи мо полид, хуни ҷигар, ай соқӣ.
Бар мо манигар моро, сад ҷурму гунаҳ бошад,
Аз мо гузар, ай соқӣ, бар худ нигар, ай соқӣ.
Гӯӣ, ки бар афтода мо пушту паноҳастем,
Ин лаҳза зи мо набвад афтодатар, ай соқӣ.
Ҳамроҳи Навидастем ғарқи арақи хиҷлат,
Бо чашми хатопӯшӣ ними назар, ай соқӣ.

* * *

Нақши ту аз хотири мо меравад.
Аз дили оина сафо меравад.
Ашк ба мижгон видоъе намуд,
Шабнам аз ин боғ куҷо меравад?
Дар аламободи дили беқарор,
Бин, ки чи ошуби бало меравад.
Бонги раҳиласту салои сафар,
Қофилаҳо суи Худо меравад.
Оҳи дилам ҳар саҳар аз дурият,
Ҳамқадами боди сабо меравад.
Расми вафо равнақи дигар гирифт,
Шоҳ ба пурсиши гадо меравад.
Мазҳабу машраб, ҳама дар банди ақл,
Ишқ аз ин ҷумла ҷудо меравад.
Ақл агар буда далели тариқ,
Ишқ магар роҳи хато меравад?
Бо кӣ бигуям ғами дил, эй Навид,
Нақши ту аз хотири мо меравад.

* * *

Ин чи савдост, ки садгуна тапидан дорам,
Ба ҳавои ту зи худ майли рамидан дорам.
Зеру боло ҳама пурвалвалаву савту наво,
Ҳартараф бехабар аз хеш чамидан дорам.
Тоза аз майкада берун шудаам дастам гир,
Ки чу мастон ҳаваси ҷома даридан дорам.
Ман аз ин валвалаву шур, ба ҷонам соқӣ,
Сари дар гушаи танҳоӣ, хазидан дорам.
Хирмани ақл бибар, арзане аз ишқ биёр,
Ки ба ҷону дили худ, майли харидан дорам.

Ҳамчу шабнам сару поям, ҳама нурасту сафо,
Саҳар аз гулбуни афлок, чакидан дорам.
Чанд гуи сухан имруз, пароканда Навид,
Ки ман аз ҷои дигар, қисса шунидан дорам.

Ба ёдат орзӯро нашъаи дигр ба ҷони ман,
Фурӯғи субҳ мерезад, зи домомни шабони ман.
Маро аз бому дар ҳар дам ҳазорон файз меборад,
Кафи пои туро бӯсидааст, то остони ман.
Суроғи оташи шавқам, зи сӯзи ман машав ғофил,
Танам чун шамъу ҳамчун риштаи шамъ аст ҷони ман.
Чамангумкардаам, дар дил ҳазорон доғҳо дорам,
Нишони ранҷу маҳҷурӣ бувад ранги хазони ман.
Ба оташхорӣ хӯ кардам, Навидосо дар ин гулхан,
Самандармашрабе ку, то кунад сайри ҷаҳони ман.

Сӯи гулшан чӣ равам, ту гули хушранги манӣ,
Ту хурӯши дили ман, нағмаву оҳанги манӣ.
Гоҳ бар масҷиду гаҳ ҷониби дайрам бибарӣ,
Аз сари шӯхӣ ҳаме, дар паи найранги манӣ.
Эй сари зулфи парешону хам андар хами ёр,
Ҳамчу бахти сияҳу толеъи шабранги манӣ.
Чӣ хирадҳо, ки ба бод додаам, андар раҳи ту,
Фаҳму идроки манӣ, донишу фарҳанги манӣ.
Бо рақибон ҳама дар хандаву бо ман ба ситез,
Дигаронро ҳама сулҳу ба сари ҷанги манӣ.
Ту ки берун зи хаёлотию бартар зи мақом,
Гӯ чӣ сон ҷой гирифта ба дили танги манӣ?

Шаб расиду гӯшаи танҳоиву савдои дил,
Ақли саркашро ҳаме сар мениҳам, дар пои дил.
Дар баҳори синаам, шури ҷунун гул кардааст,
Мастии сад хум, фуру мерезад аз минои дил.
Нек дидам шашҷиҳат, оинадори ҳайратаст,
Чун нигаҳ гум гаштаам, дар соҳати саҳрои дил.
Тору пуди ҷони мо, пур аз навои улфатаст,
Нашъаи сад нағма пинҳон аст, дар овои дил.
Чеҳраи дилро зи гарди маъсият кадам сияҳ,
З-ин сабаб дар мотамам, эй вои ман, эй вои дил.
Ақлро падруд гуфтам, оқилонро алвидоъ,
«Боз фарёди ҷунун меояд аз ғавғои дил.»
Умр бигзашту хабар аз дил надорам, эй Навид,
Раҳбаре ку, то намояд роҳи нопайдои дил.

* * *

Тори ҷонам сози мотам мекунад , во ҳасрато,
Ҳасрате бар ҳасратам зам мекунад, во ҳасрато.
Абри андӯҳе фазои синаам бигрифтааст,
Новадони мижа нам-нам мекунад, во ҳасрато.
Дӯст моро мезанад бо санги кам, эй войи мо,
Шодии душман фароҳам мекунад, во ҳасрато.
Мурғи ҷонам, к-аз нишемангоҳи улфат пар кашид,
Ошён дар гушаи ғам мекунад, во ҳасрато.
Ёр бо мо ёру бо ағёри мо ағёр буд,
Ин замон аз пеши мо рам мекунад, во ҳасрато.
Соқиё, ҷоми фузунам деҳ, ки пири майфурӯш,
Илтифоти хешро кам мекунад, во ҳасрато.
Ҳамнавои гиряи борону андӯҳи Навид,
Тори ҷонам, сози мотам мекунад, во ҳасрато.

С 1997.

Хез, ки бо ёди дӯст, бодаву соғар кашем,
Ҳуву ҳаёҳу зи дил, мисли қаландар кашем.
Ҳарчӣ ба мо мерасад, он зи қазо мерасад,
Шиква куҷо мерасад, сар ба таҳи пар кашем.
Яъҷуҷу Маъҷуҷи тан, баски намуд тантана,
Тан надиҳему зи ҷон, садди Сикандар кашем.
Ҳамлаи мардонае ҷониби Хайбар барем,
Ҳамчу Алӣ наъраи, аллоҳу акбар кашем.
Сурати Исӣ чӣ суд, ҷони яҳудоиро,
Ҷомаи тазвирро, хез, ки аз бар кашем.
Сидқу сафоро дар ин дайри дудар кас надид,
Зору забунӣ бас аст, пой аз ин дар кашем.
Давр чунин доварӣ, дораду мо ай Навид,
Довариҳоро ҳама, бар дари довар кашем.

С 1992

Раво диди ҷафоро, боракаллоҳ,
Куҷо бурдӣ вафоро, боракаллоҳ.
Зи мо шармат наёмад, шарм н-орӣ
Ту ҷониби Худоро, боракаллоҳ.
Зи мо парҳезию, ори баҳона,
Ту тақдиру қазоро, боракаллоҳ.
Шикоят менависам назди қозӣ,
Тамоми моҷароро, боракаллоҳ.
Сафар кардему дар мулке надидем,
Раҳу расми шуморо, боракаллоҳ.
Тағофул созию нодида гирӣ,
Ишоратҳои моро, боракаллоҳ.
Навид, аз мо бигу он бевафоро,
Раво дидӣ ҷафоро, боракаллоҳ.

С 1994

Андарин водӣ зи ҳайрат, пой дар гил мондаам,
Корвонҳо рафту ман, дар ёди манзил мондаам,
Дил ба як ними нигоҳе, хайрбодам карду рафт,
Аз кӣ пурсам ошёни дил, ки бедил мондаам.
Субҳи нур аз машриқи дил, бардамида як шабе,
Бахти хоболударо бингар, ки ғофил мондаам.
Ҷони саргардони ман, умре ба дунболи сароб,
Ташаналаб аз содагӣ, дар соҳили Нил мондаам.
Не раҳи майхона медонам, на дайру хонақаҳ,
Ҳиммате эй раҳравон, дар ҳоли мушкил мондаам.
Сурате аз беҷиҳат, сабру қарорам мебарад,
Волаву ҳайрони он ширинашамоил мондаам.
Ақл шуд занҷири пои дил, дар ин раҳ, эй Навид,
Ман зи нодонӣ чунин донову оқил мондаам.

С 1996

Мурдем дар интизорӣ охир,
То чанд кашем хорӣ охир.
То кай бикашем бори миннат,
Ан ғояти бурдборӣ охир.
Ҷуз даргаҳи ту дари дигар нест,
Моро ба ки мегузорӣ охир?
Бо ҷурму гуноҳ муъьтарифем,
Дар хиҷлату шармсорӣ охир.
Гар масту харобу сархушастем,
Аз хумми туем хуморӣ охир.
Пажмурдадилему ташнаҷонем,
Бинмой даме баҳорӣ охир.
Ё марҳамате ба ҷони хаста,
Ё захме бизан корӣ охир.
Вомонда зи корвони ишқем,
Эй ҳамсафарон, ёрӣ охир.
Боз ой Навид зи кӯи ғурбат,
Мурдем дар интизорӣ охир.

Теҳрон. 1995

Чунин моро раҳо карданду рафтанд,
Ба ҷони мо ҷафо карданду рафтанд.
Ба доми ишқ афканданд моро,
Гирифтори бало карданду рафтанд.
Ҳама буду набуди мо рабуданд,
Ғарибу бенаво карданду рафтанд.
Ба бозори муҳаббат ишқи ӯро,
Ба хуни дил баҳо карданду рафтанд.
Намуда дар паси сад парда рӯяш,
Ба мо як марҳабо карданду рафтанд.
Ба ними ғамзае куштанд моро,
Ҳавола бар қазо карданду рафтанд.
Дили дардошное буд бо ман,
Маро аз дил ҷудо карданду рафтанд.

Навид он ошноёни раҳи ишқ,
Ҳикоят з-ошно карданду рафтанд.

С 1994

Эй хушо қиссаву афсонаи дил,
Эй хушо мастии мастонаи дил.
Баста иҳром зи ихлосу яқин,
Бирав аз роҳи Ҳарам хонаи дил.
Чашм бар худ бикушодему дареғ,
Ошнои худу бегонаи дил.
Ба Худо нури Худо мерезад,
Зи дару равзану кошонаи дил.
Ду ҷаҳон ба ҷаве ҳам нахарад,
Онки май хурда зи майхонаи дил.
Эй, ки гардан бикаши шамъ сифат,
Як даме бош ту парвонаи дил.
Ақл доми раҳи ишқаст, Навид,
Дасти мо домани девонаи дил.

* * *

Омад хабар, ки ёрон, иҳроми ишқ бастанд,
Эй хуш баҳоли эшон, к-аз банди ақл растанд.
Ту худ куҷову мастӣ, даъвои майпарастӣ,
Мо дуғмасту риндон, аз ҷому бода мастанд.
Савту навои ин қавм, з-он суи коинотаст,
Аз нағмаҳои ғайбӣ, дар ваҷду ҳолатастанд.
Дидӣ агар бирафтанд, аз куи тан бирафтанд,
Дидӣ агар нишастанд, дар базми ҷон нишастанд.
Дар сурату ҳаюло, ҳамранги дигаронанд,
Дар сирату маъонӣ, мавҷуди дигарастанд.
Парвози мокиёнҳо, аз бом то бадевор,
В-ин тоирони қудсӣ, то боми Арш ҷастанд.
Дар роҳу расми эшон зикри ману ту куфраст,
Ёҳу кашида аз ҷон, в-аз айри ҳу гусастанд.
Мо эй Навид асирем, дар банди ақли саркаш,
В-эшон ба базми улфат, тарфи кулаҳ шикастанд.

С 1997

* * *

На бӯе бар машоми дил зи тарфи сунбулистонат,
Чӣ сон тақрир созам қиссаҳои андалебонат.
Муқаллидвор васфи лаъли майгунат кунам, в-арна,
На аз лаълат хабар дорам, на аз кӯҳи Бадахшонат.
Раҳини хиҷлатам саргаштаи гирдоби худкомӣ,
Ба ин тардоманиҳо баҳравар аз хони иҳсонат.
Арақпарвардаи шармам, хиҷолатпешаам умре,
Аз ин камзарфиҳои хешу инъоми фаровонат.
Ғуборам аз ҳавасҳо баршуда то домани гардун,
Ба умеде, ки биншинам магар рӯзе ба домонат.
Шабу рӯзам бишуд яксону ман он дузди шабгардам,

Хушам з-ин шабравӣ гар раҳ биёбам дар шабистонат.
Ба ботин бингарӣ туғёни ман з-андоза берун аст,
Вале дар чашми зоҳирбин ғуломи сарбафармонат.
Дар ин зулматшабони зиндагонӣ хуни дил хурдам,
Ба бӯи он, ки хуршеде занад сар аз Хуросонат.
Ба дайру хонақаҳ дар ҷустуҷӯят рафтаму дидам,
Мусалмон, габру тарсову масеҳӣ, ҷумла ҳайронат.
На бе кешам, на бо кешам, на бо хешам, на бе хешам,
Парешонам, парешонам, парешонам, парешонат.

* * *

Аҳли хабаро, аз дили худ бехабарастӣ,
Манзурӣ ҷаҳонию зи худ беназарастӣ.
Дарди сари халқе зи ту дураст валекин,
Дорам аҷабе з-онки ту бо дарди сарастӣ.
Оташ ба дили анҷумане дарзада аз шавқ,
Худ сарду хамӯшиву басе бешарарастӣ.
Дӣ ҳалқаи ашке бари чашмони ту дидам,
Охир зи чӣ маҳзунию хунинҷигарастӣ?
Пеши нигаҳат пардаи ғафлат бигирифта,
Ин парда барандоз, ки худ пардадарастӣ.
Бинӣ ба нигоҳе ду ҷаҳон, лек сад афсӯс,
Барбаста назар аз ду ҷаҳон, худнигарастӣ.

* * *

Муддате оинаи нақшу нигорам кардаанд,
В-онгаҳе бо худнамоиҳо дуҷорам кардаанд.
Роҳи душвору рафиқе не, далели роҳ не,
Бо чунин ҳоле раҳо дар кӯҳсорам кардаанд.
Ваъдаи васлам чу дода дар ҳаримистони қурб,
Тоқиёмат дар раҳаш бо чашми чорам кардаанд.
Субҳ бинмуданду дар дил сад таманно ҷӯш зад,
Вонгаҳе саргаштаи шабҳои торам кардаанд.
Тан мазори ҷони покам гашт, эй соҳибдилон,
Дил даруни сина чун санги мазорам кардаанд.
Гулбуне аз гулситони маърифат будам, вале,
Шиква аз ҳақношиносон, баски хорам кардаанд.
Душманонам мудате шуд дил зи ман хуш кардаанд,
Дӯстон аз баски душман эътиборам кардаанд .
Дил зи қилу қоли ин ҳангомаҷӯёнам гирифт,
Аз шумори хеш з-инрӯ ихтисорам кардаанд.

С 1983

На тоби дурӣ зи моҳи рӯят, на пои рафтан ба ҷустуҷӯят,
На як навиде, на як саломе, на як паёме зи тарфи кӯят.
На бар машомам зи боғи улфат, насим орад шамими зулфат,
На як садое багӯши ҷонам шамол орад зи гуфтугӯят.
Зи шоми торик дилам гирифта, на як сафое на рӯшноӣ.
На хонақаҳро хуруши завқе, на дар харобот ҳою ҳӯят.
Ман арчи дурам, чаро ҳарифон, ки лофи қурбат зананд ҳардам,

Ба ташнаҷонони кӯи ҳирмон намечашонанд зи оби ҷӯят.
Бирав муғаннӣ, ки аз муҳаббат садо надорад навои созат,
Ба кӯи риндон чӣ мешитобӣ, шикастасоғар, тиҳӣ сабӯят.

* * *

Баҳри сайдам чашми масте дар камин биншастааст,
Раҳзане дар раҳгузори, аҳлу дин биншастааст.
Чун бибандам чашм, аз чашми хуморинаш бигу,
Чашми масти ӯ, ба чашмонам ҳарин биншастааст.
Меҳри чашми ман бубину, кинаи чашмони ӯ,
Фитна хезад ҳаркуҷо, ки меҳру кин биншастааст.
Холи мушкини лабашро дидаму гуфтам ба дил,
Дар канори ҷуи Кавсар, ҳуриъин биншастааст.
Сурхии рухсори рӯи ҳамчу моҳаш, эй аҷаб,
Гулшакар гӯи, ки бо тарангубин баншастааст.
Қоматаш аз нозукӣ ҳардам хаму чам мешавад,
Сарв аз рашки хиромаш, бар замин биншастааст.
Нест дилро дар расидан бар висолаш, даст рас,
Моҳи ман дар осмони ҳафтумин баншастааст.

с. 1995.

Шаҳд дар коми мани зор шарангаст, эй дӯст,
Зиндагӣ бо мани дилхаста ба ҷангаст, эй дӯст.
Ғами дил бо ки бигуям, ки ғами андак нест,
Ғазали шиква балаб, қофия тангаст , эй дӯст.
Дур аз хоки ватан, ҳасрату андӯҳ ба дил,
Ҳар нигаҳ дар назарам тири хадангаст, эй дӯст.
Рӯзи ман шоми сиёҳаст, шабам ялдоӣ,
Софии оина дар панҷаи зангаст, эй дӯст.
Зеру бам дар нафасам, пардаи сад нолаву оҳ,
Хоби ман беҳушию рафтанӣ рангаст, эй дӯст.
Гар даме ғофилам аз ёди ватан, дурам бод,
Ғафлат аз ёди ватан, мояи нангаст, эй дӯст.
Хизри вакт ар ту ба сарвақти ғарибон нарасӣ,
Сорбон хаста, дили қофила тангаст, эй дӯст.
Мо ҳама содаву, хушбовару бо ҳам ба ситез,
Хасм пурфитнаву, пурмакру зарангаст, эй дӯст.
Юсуфи мо ба таги чоҳу, касе огаҳ не,
Юнуси мо ҳала дар коми наҳангаст, эй дӯст.
Эй Навидо ту дилафсурдаву маҳзун мабош,
Оқибат домани мақсуд ба чангаст эй дӯст.

С 1993.

* * *

Ин шаби ялдо ба поён мерасад,
Субҳи васл аз шоми ҳиҷрон мерасад
Боз меояд насиме аз ҳиҷоз,
Кишти моро абру борон мерасад.

Нолаи най дар гулӯ хушкидааст,
Найнавое аз найистон мерасад.
“Он қадаҳ бишкасту он соқи намонд”,
Боз даври майгусорон мерасад.
Ҷонам аз “ашки Хуросон”, реш-реш,
Шаҳсаворе аз Хуросон мерасад.
Дар сарои дил чӣ шурасту садо,
Пири дарвеш аз биёбон мерасад.
Боз сармасти зи худбигзаштае,
Даст афшон, пой кубон мерасад.
Эй Навид, аз интизорӣ сӯхтем,
Ҷони мо кай то ба ҷонон мерасад.

Теҳрон. 1995

Сабоҳал хайр эй соқӣ, ки ту ҳастиву мо ҳастем,
Каҷу-маҷ меравем ҳарду, ки ту мастиву мо мастем.
Шаробе дар сабӯ кардем, видоъи обурӯ кардем,
Сари мову маниҳоро , ту бишкастиву бишкастем.
На аз худ будаам як дам, на бе худ будаам як дам,
Кунун з-они туам эй ҷон, ки пайвастиву пайвастем.
Матоъи худнамоиро ба дасти нокасон додем,
Зи худкомиву бадномӣ, аҷаб растему ҳай растем.
Салом эй аҳли майхона, саломи масти риндона.
Шумо эхроми май бастеду мо эхроми май бастем.
Салом эй хайли майхорон, муборак бод ин даврон,
Шумо дар пои хум мастеду мо дар пои хум мастем.
Салом эй хум, салом эй май, саломе пур зи ҳую ҳай,
Ки ин мастӣ чу сар ояд кӣ медонад, ки мо ҳастем.
Бигӯ эй май, ки дар дастӣ, чӣ сон бо нашъа пайвастӣ,
Дар он базме, ки будастӣ, магар мо низ будастем.
Ало ё айюҳал мавло, Навид афтодааст аз по,
Бидеҳ дасте ту бар дасташ, ки мо афтода аз дастем.

С 1997

Дар чаманҳо рангу бӯ хушкидааст,
Шоху барги орзӯ хушкидааст.
Чанд меҷӯи нишони эътибор,
Дар рухе, ки обрӯ хушкидааст.
Гӯши ибратошноён шуд гарон,
Нолаи най дар гулӯ хушкидааст.
Ноқаи мо роҳ бар манзил набурд,
Чунки пои ҷустуҷӯ хушкидааст.
Бода боди ҷаҳл дар сар парварад,
Нашъа дар ҷому сабӯ хушкидааст.
Бо садои ҳоюҳу бояд гирист,
Бар диле, ки завқи ҳу хушкидааст.
Хирмане аз ҳарфу мазмун арзане,
Маъни андар гуфтугӯ хушкидааст.
Дар дили бемуддаъои мо Навид,
Шоху барги орзу хушкидааст.

C 1998
* * *

Мотамзадагон дасти дуъоро бикушоед,
Бо дасти дуъо банди қазоро бикушоед.
Абрасту баҳорасту насимасту дами субҳ,
Эй бехабарон, панҷараҳоро бикушоед.
Сад майкада пурмасту яке ринд надидем,
Соқӣ талабеду хуми моро бикушоед.
З-он хум, ки бари мост яке ҷуръа нахӯрдем,
Нӯшеду ҳаме навбати моро бикушоед.
Бинед сабо бар дили сад ғунча асар кард,
Дар синаи худ роҳи сабоeffectро бикушоед.
Бинед ҳумо бар сари мо соя фиканда,
Аз боли ҳумо фоли ҳуморо бикушоед.
Бо банди ҷаҳолат зи чӣ побастаи ваҳмед,
Бо дасти яқин бастаи поро бикушоед.
Олам ҳама пурнағма шунидед? Нашунидед,
Дар дил биравед, гӯши наворо бикушоед.
Абрасту баҳорасту Навиду дили маҳзун,
Мотамзадагон дасти дуъоро бикушоед.

C1998
* * *

Бархезу ба ҷӯш овар, дар сина таманноро.
Наззораи нав бахшо, ду дидаи биноро.
То чанд гирифтори сад ваҳму гумон бошӣ?
То чанд кашӣ имрӯз бори ғами фардоро?
Бар соғару мино зан, сад валвала барпо кун,
Лутфе бикун, эй соқӣ, аз мо биситон моро.
Гар зинда шавӣ аз ишқ, ҳаргиз намемирӣ,
Ин роз магӯ дигар побанди ду дунёро.
Аз сабҳаву зуннорат сад тафриқа барпо шуд,
Оташ бизан аз ғайрат масҷиду калисоро.
Ин хона на ҷои туст, дунё на сарои туст,
Он сӯи фалак барчин дӯкони тамошоро.

* * *

Зи дил, берун бикун андешаи имрӯзу фардоро.
Ҷаҳон ҷавлонгаҳи ишқаст, ту бикшо чашми биноро.
Саропо ғафлатам, вомондаам аз корвони ишқ,
Сабо бар гӯши ӯ аз мо расон арзи таманноро.
Ҳуҷуми яъс азбас қасди ҷони нотавонам кард,
Ба дӯши бехудӣ маҳмил бибастам бори ғамҳоро.
Машав ғофил зи оҳу нолаи хотирпарешонон,
Зи дуди равзане дарёб нишони сӯхтани моро.
Ба ёди рӯи ту ҷоми тараб дар гардиш овардам,
Хаёли чашми мастат нашъае бахшид миноро.
Надоматпарварам, сад кардаву нокардаҳо дорам,
Ба чашми лутф бингар ин хатоандеши расворо.

* * *

Ту ба хунрезии мо кардаӣ оҳанг, чаро?
Шишаи нозуки дилро бизанӣ санг, чаро?
Ҳарза паймоиву сад фикру хаёли раҳи дур,
Зиндагӣ рафт бадин восита якранг чаро?
Ҳавасовораам, аз олами таҳқиқ мапурс,
Ранҷи беҳуда пайи донишу фарҳанг чаро?
Зи вуҷуд то ба адам як қадамаст, медонӣ,
Корвони ҳавасат рафта ба фарсанг чаро?
Ғаму андӯҳи фаровон, дили бебаҳра зи ишқ,
Ё раб, ин бахти баду толеи шабранг чаро?
Зи тааммул ду ҷаҳон маънии равшан дорам,
Лек ҳангоми баён қофияҳо танг, чаро?
Ғаму шоди чу бувад собиқаи нақши азал,
Гоҳ масруру гаҳе бар ҷабин оҷанг чаро?
Рахт барбанду аз ин манзили вайрона гурез,
Ту чӣ дил бастӣ дар ин арсаи найранг, чаро?!

* * *

Саломе эй сабо, аз ман бигӯ ёрони ҷониро,
Ки дур аз рӯи эшон менадидам комрониро.
Биёбон дуру мо вомондагону қофила дар пеш,
Нишон аз кӣ бипурсем ин тариқи бенишониро.
Ғами ишқу ҳавои дӯстону орзӯи васл,
Набошад беш аз ин ҳаргиз нишоте зиндагониро.
Ман аз моли ҷаҳон ғамҳои ширини туро дорам,
Надонам чун кунам шукр ин атои осмониро.
Ба чашмонат қасам, чун наргиси масти туро дидам,
Ба чашми худ бididам фитнаи охирзамониро.
Нигоҳе аз надомат в-аз хиҷолат пушти по дорам,
Гувоҳ овардаам рухсори зарди заъфарониро.
Лаби пурхандаву дар сина андӯҳи ниҳон дорам,
Ба ин найранг мепӯшам ғаму дарди ниҳониро.

* * *

Бе ту моро мушкиле дар рӯзгор афтодааст,
Изтиробе дар дилу ҷони фигор афтодааст.
Домани мақсуд то аз каф раҳо кардам, раҳо,
Кори ман бо нолаҳои зор-зор афтодааст.
Бо хаёлат торикистони вуҷудам равшан аст,
Дар хазони зиндагӣ ёди баҳор афтодааст.
Фасли гул бигзашту он гулпираҳан н-омад ҳанӯз,
Аз ҷудоиҳо ба ҷонам хор-хор афтодааст.
Лолаи ин боғ захми синаамро тоза кард,
Дар ҷигар ӯро чу ман доғи нигор афтодааст.
Баҳри пуртуғёну мо пурбиму ҷонҳо пур хатар,
Киштии мо аз саломат бар канор афтодааст.
Субҳи умедам бирафт, аз ҳасрати ӯ то абад,
Ҷони нооромi ман дар интизор афтодааст.
Тирабахтиҳо насиби мо шуда, ай арҷманд,
Меҳрубонӣ кун чу бахтат комкор афтодааст.

Навбаҳор омад, дилам гум мезанад бо ёди ту,
Боз андар хирмани сабрам шарор афтодааст.

* * *

Бархез зи хоби ғафлат, эй дил,
К-ин умри азиз роягон рафт.
Айёми гузашта боз н-ояд,
Гар суд бирафт, ё зиён рафт,
З-ин бодия, ки надорад охир,
Якчанд ҳазор корвон рафт.
Бигзашт басе баҳори рангин,
В-андар паи ӯ басе хазон рафт.
Дунболаи корвони даҳрем,
К-аз кавну макон ба ломакон рафт.
Як идда раҳи яқин бирафтанд,
Як тӯда ба ҷодаи гумон рафт.
Фарзона касе зи рӯи идрок,
Чун рафт, ба номи ҷовидон рафт.
Тарсидани ман зи рафтанам нест,
Пеш аз ману ту кам аз ҷаҳон рафт?
Даҳшат задаам, ки баъди рафтан,
Гӯянд, фалонӣ бенишон рафт.

* * *

Ҳаббазо, корам ба дасти дил фитод,
Ақл андар вартаи мушкил фитод.
Ин китобу дафтару сад гуфтугӯ,
Нек дидам, даъвии ботил фитод.
Ақл набвад раҳнамои ин тариқ,
Маркаби сад файласуф дар гил фитод.
Шӯълаи шамъе хурӯшад бе фурӯғ,
Зара з-он хуршед чун дар дил фитод.
Хуш бар он девонае, к-аз бехудӣ,
Дар тақадум рашки сад оқил фитод.
Ҳар, ки дар кавн аз мукавин бехабар,
Ранҷу заҳмат бурду беҳосил фитод.
Гул бирезам аз даҳан ҷои сухан,
Дида то бар он бути хушгил фитод.
Домани соҳибдиле бояд гирифт,
Зулмате бар дил зи қолу қил фитод.

* * *

Эй ҳарифон, зи чӣ сад валвала бунёд кунед?
Зи чӣ сад фосилаву тафриқа эҷод кунед?
То ба кай теғи забон хуни мусалмон резад?
То ба кай хотири ҳам хаставу ношод кунед?
Чун адоват набувад дархури муслим, зи чӣ рӯ,
Кинатузию сияҳкорию бедод кунед?
То ба кай мазҳакаи ҳар касу нокас бошед,
Бахудо! Ончи худо гуфтааст ёд кунед.
Ло такунукал лазина тафарраҷу вахталафу,

Пас аз ин гуфтаи ҳақ баҳри чи илҳод кунед?
Фитнаро чун бадтар аз қатл бигуфтаст Худо,
Оташи фитна чаро бо дами худ бод кунед?
То ба кай аз ҳасади Булаҳаби дар табу тоб,
То ба кай даъвии Фиръавнию Шаддод кунед?
Ҳилму тамкини Паямбар суннат аст бар ҳамагон,
Ҷони Бучаҳли бадандеш чаро шод кунед?
Чун таъовун ба накӯиву ба тақво бошад,
Ба чафокорию ъудвон зи чӣ имдод кунед?
Нола аз дил чу барояд, ба диле биншинад,
Эй нафасбеасарон, баҳри чӣ фарёд кунед?
Рухи Ширин чу надидед аё бебасарон,
Пас чаро таънаи беҳуда ба Фарҳод кунед?
Баҳси бе моя бувад маҳбаси ҷон дар чаҳи тан,
Ҷони озода зи чоҳи бадан озод кунед.
Фахри ансоб бувад расми ҷаҳолат, зи чӣ рӯ,
Такя бар фазли абу шӯҳрати аҷдод кунед.
Чун Худованд бишуд розӣ ба ислом аз мо,
Шукри ин неъмату ин бахти хододод кунед.
Чун бувад раҷъати мо сӯи Худои ду ҷаҳон,
Охир андеша зи ҳангомаи мийъод кунед.

* * *

Хароби бодаи ишқам, раҳи майхона гум кардам,
Тиҳӣ аз шавқаму ҳам соғару паймона гум кардам.
Бидор, эй сорбон, маҳмил, ки хок аз гиря созам гил,
Ки ман рӯзе дар ин манзил дили девона гум кардам.
Ман он мурғам, ки доштам ошиён бар торами аъло,
Асири банди тан гаштам, раҳи кошона гум кардам.
Замоне оташи сӯзандае буд ҷисму ҷони ман,
Кунун сарду хамӯшам, машраби парвона гум кардам.
Асирам, бехудам, вомондаам, овораи ишқам,
Харобам, бедилам, саргаштаам, ҷонона гум кардам.
Ба гирдоби ҳаводис ғарқаам, бар хеш мепечам,
Дури мақсуди худро дар миёни хона гум кардам.
Дили вайронаи худро агар ҷӯям, макун айбам,
Ки ман ганҷи фаровоне дар ин вайрона гум кардам.

* * *

Фасли баҳор ҷониби саҳро шудам,
Роҳии сарманзили Лайло шудам.
Тарфи чаман сунбулу гул ранг- ранг,
Волаву саргаштаву шайдо шудам.
Нағмаи мурғони чаман савт-савт,
Дар тараб аз шавқи таманно шудам.
Дар ғами як дилбари сабзинапӯш,
Оташи сӯзанда саропо шудам.
Муддаиён, банд ба поям кунед,
Ошиқи девонаи расво шудам.
Панд надорад дигарам ҳеҷ суд,
Рондаи масҷиду калисо шудам.

* * *

Эй оташу эй обам, эй шӯълаи пуртобам,
Тобу таби нав бахшо бар ин дили бе тобам.
Дар сина ҳазорон гул бо ёди ту бишкуфта,
Ҳамрози баҳоронӣ, эй наргиси серобам.
Ҳар лаҳза ба тасвират сад ранг барангезам,
Сурат напазироӣ, эй сурати ноёбам.
Ҳангомаи ҳастиро сад фитнаи нав омад,
Тӯфони ҳаводисро саргаштаи гирдобам.
Имрӯз ҷаҳон гашта ҳамчун шаби тӯлонӣ,
Сад фикри ниҳон баста, бар дида раҳи хобам.
Дар роҳи талаб рафтам, сад мавҷи сароб омад,
Шояд, ки барад рӯзе ин раҳ ба сари обам.
Ин нахли таманноро сад реша ба дил бошад,
Аз хуни ҷигар қуту аз дидаи тар обам.
В-аз нолидани шабҳо ҳосил чӣ бувад ҷоно,
Шояд, ки муроди дил дар вақти саҳар ёбам.
З-ин ҷабҳаи нолоиқ саҷҷода ба ҷон омад,
З-ин пайкари ноқобил шармандаи меҳробам.

* * *

Ҳар лаҳза гунаҳ кардаву бад карда чӣ гӯям,
Аз карда пушаймону зи нокарда, чӣ гӯям.
Ту парда ба рӯи амали зишт кашидӣ,
Аз бехирадӣ чок задам парда, чӣ гӯям.
Бо он, ки ҷаве некӣ на дар хирмани ман буд,
Як умр ба бахшиши ту хӯ карда, чӣ гӯям.
Бо он, ки наям лоиқи побӯсию хидмат,
Умрест ҳавои ту басар карда, чӣ гӯям.
Эй он, ки тасаввур набарад роҳ ба сӯят,
Ҳар шаб ба хаёли ту саҳар карда, чӣ гӯям.
Ту мазҳари ҳуснию нишемангаҳи хубӣ,
Ман волаи ту, бар ту назар карда, чӣ гӯям.
Коме, ки ба ӯ заҳри ғаму ғусса чашидам,
Бо бурдани номи ту шакар карда, чӣ гӯям.
Рафтам зи маконеву бигаштам зи маконе,
Бо ёди ту ман азми сафар карда, чӣ гӯям.
Аз оташи шавқи ту дилам пуртабу тоб аст,
Ман хонаи дил ҷои шарар карда, чӣ гӯям.

* * *

Мо ба чашми оқилон девонаем,
Ҳам ба риндӣ дар ҷаҳон афсонаем.
Маҳрами розат шуда бегонагон,
Мо муҳибон аз чӣ рӯ бегонаем?
Оташе дар ҷисму ҷони мо бизан,
Шамъи рухсори туро парвонаем.
Чун бувад ҷонона ҷони мо чаро?!
Дур аз ҷонему, аз ҷононаем.
Ақл дар бандаст в-арна эй фақиҳ,
Ҳам муҳаққиқему ҳам фарзонаем.
То шикаста аҳди мо он бевафо,
Аз алам дурдикаши паймонаем.

Ганҷ дар вайрона бояд ҷустан,
Ишқи ту ганҷасту мо вайронаем.
Ҳеҷу ночизем, лек аз марҳамат,
Гар навозӣ, гавҳари як донаем.
Ҷону дил хоҳӣ фидоят мекунем,
Дар сари аҳду вафо мардонаем.

* * *

Ҷуз шӯри ишқ дар дил шӯри дигар надорам,
Шавқи дигар чӣ бошад, аз ин хабар надорам.
Эй, ки зи сар битарсӣ, наздики ман ту маншин,
Ман, ки зи ҷон гузаштам, парвои сар надорам.
Эй хасми бемурсват, аз ман маҷӯ мадоро,
Аз ҳайбати ту дар дил биму хатар надорам.
Ман шеъри оташинам, ман нолаи ҳазинам,
Дар қалби бешуурон, аммо асар надорам.
Дар роҳи ҷустуҷӯҳо бас хуни дил, ки хӯрдам,
Дигар чӣ боядам кард, хун дар ҷигар надорам.
Дар анҷуман зи фарде боло наям, валекин
Таъзиму эҳтироми ҳар хирасар надорам.
Ман интизори бахтам, к-аз шарқ хоҳад омад,
Лек тоби интизорӣ з-ин бештар надорам.

* * *

Биё бо мо нишин, к-аз худ фаромӯшат бигардонем,
Ҷамоле бар ту бинмоему мадҳушат бигардонем.
Агарчи дар фасоҳат марди майдони сухан бошӣ,
Ба як ними нигоҳе лолу хомӯшат бигардонем.
Магӯ айби касон, то айби ту дар ду ҷаҳон пӯшем,
Ту айби худ бубин, то мо хатопӯшат бигардонем.
Агарчи сарду сокит ҳамчу санги зери дарёӣ,
Ба ҷонат оташ афрӯзему пурҷӯшат бигардонем.
Мазан санги ҷафо бар шишаи қалби касон, в-арна
Ба як оҳи саҳаргаҳ хонабардӯшат бигардонем.
Таҳаммул гар намоӣ неши зулму кулфати ағёр,
Ба рағми душманон сармояи нӯшат бигардонем.
Қадам мардона неҳ дар роҳи ҳақ аз ҷону дил бигзар,
Ки матлуби ҳақиқиро дар оғӯшат бигардонем.

* * *

Бархез, ки дар олам тарҳи дигар андозем,
Сад валвалаи дигар дар баҳру бар андозем.
Гаҳ чокару гаҳ банда, хомӯшу сарафканда,
Ин қоидаи манфур аз беху бар андозем.
То шоҳиди маъноро аз парда бурун орем,
Дар хирмани бедардон бояд шарар андозем.
Аз дудаи поконем в-аз силсилаи некон,
Бояд зи сари фитрат бар худ назар андозем.
То кибру ҷаҳолат сар боло накунад, з-ин пас,
Худбинию худраъйӣ бояд зи сар андозем.
Хуршеди ҳақиқат гар бар ҷониби мо тобад,

Дар шашҷиҳати ҳастӣ аз худ хабар андозем.
Кошонаи мо равшан аз нуру сафо гардад,
Гар зулмати дилҳоро беруни дар андозем.
Аёми баҳорон аст, сайри чамани мо кун,
Ту ҷилва бикун, то мо дар пот сар андозем.

* * *

Шавқи парвоз ба дил тоири бишкаста парам,
Эй хуш он рӯз, к-аз ин манзили вайрона парам.
Нағмапардоз наям, валвалаву шӯр зи чист?
Бегумон аз асари захмаи он беасарам.
Эй, ки пурсӣ хабаре аз дили девонаи ман,
Умр бигзашту набуд аз дили мискин хабарам.
Ҳама аз неку бад андӯхтаам тӯшаи умр,
Зиндагӣ роҳи дарозасту аз ин дар хатарам.
То нагардам ба забони касу нокас масале,
Ҳама аз хуни дил аст қути масоу саҳарам.
Дар биёбони адам бесару по хоҳам рафт,
То наёбанд ҳарифон ба ду олам хабарам.

* * *

Ман, ки бо ёди ту ҳар дам ҳой-ҳое мезанам,
Дар биёбони ҷунун ҳар дам салое мезанам.
Мардумат хунхору зулфат доми дилҳои ҳазин,
Бин, ки худро аз балое дар балое мезанам.
Тоири бишкастаболам, пойгоҳат бас рафиъ,
Бо вуҷуди бепариҳо дасту пое мезанам.
Булбулам, к-аз гулситони қудс дур афтодаам,
Ҳар замоне сад нафиру сад навое мезанам.
Дасти фиръавнзодае бигрифт роҳи кӯи ту,
Оқибат дасти талабро бар асое мезанам.
Фитрати ҳангомахезе шуд насибам дар азал,
Бегумон сар дар сари як моҷарое мезанам.
Аз забон теғе ба қасди фитнаҷӯе мекашам,
В-аз сухан тир бар даҳони жожхое мезанам.
Орзуро болу пар бахшидаам аз шавқи дил,
В-аз тапишҳои нафас пар дар ҳавое мезанам.
Аз шино чун оҷизам, в-аз мавҷи баҳр андешанок,
Меравам худро ба пои нохудое мезанам.
Качравишиҳо бишуд мар ибтидоямро халал,
В-аз ҷаҳолат лофу даъво з-интиҳое мезанам.
Тозагиҳои суханро ҷустуҷӯ дорам аз он,
Нуктаи пӯшида аз нозукадое мезанам.
Домани мақсуд аз дасти талаб кардам раҳо,
Навҳаҳо аз дасти бахти норасое мезанам.
Корвони ҳастиро, дар ин биёбони махуф,
Ё ба манзил мебарам, ё дар фаное мезанам.
Дар хафо гуфтан нашояд инчунин розе, ки ман,
Бе тааммул з-ӯ сухан андар малое мезанам.
Нағмаро оҳанги нав мебахшам аз мизроби шавқ,
В-аз садо бигзаштаву бар бесадое мезанам.
Андарин маҳфил адофаҳми сабукрӯҳе набуд,

Меравам худро бари рамзошное мезанам.
Гиря андар синаам маҳбусу ман дар анҷуман,
Бо ҳарифон хандаи дандоннамое мезанам.
Шуълаи оҳе зи дил бар мекашам бо ёди ту,
Оташ андар хирмани аҳли сафое мезанам.

* * *

Пой зи сар гирифтаам, баски ба хеш хониям,
Як назари ризо кунӣ, сар ба фалак расониям.
Ҳастии ман ба ҳастият баставу ногусастанӣ,
Ранҷи фано намекашам, зиндаву ҷовидониям.
Аз ту ҳикояте кунам, ё ки ривояте кунам,
Номи хуши ту бар забон боиси хушзабониям.
Мурғи қафас шикастаам, бастаи обу гил наям,
Сӯи фалак ҳамекашад фитрати осмониям.
Тухми умед коштам, коми дилам бар оварид,
Ишқу муҳаббати ту шуд ҳосили зиндагониям.
Эй ту ниҳону ошкор, эй ту нахусту вопасин,
Раҳ ба нишонае намо аз раҳи бенишониям.
Эй тарабу баҳори ман, сабри ману қарори ман,
Шодии ошкори ман дарду ғами ниҳониям.

* * *

Эй дастгир! афтодагон, бедаступоёнро нигар,
Ғурбатқаринонро бубин, в-ин бенавоёнро нигар.
Зан шӯъла ин хошокро, в-ин фитрати бебокро,
Бо як шарар аз имтиҳон ин худнамоёнро нигар.
Эй сорбон, маҳмил бидор, бар ҳоли ман раҳме биёр,
Афтодаам ҳайрону зор , зери мағелонро нигар.
Зиндониёни хастаро, мурғони парбишкастаро,
Рахти фано барбастаро, ғаминтизоронро нигар.
Хайма буруни хона зан, дар гулситон кошона зан,
Як наъраи мастона зан, кӯҳу биёбонро нигар.
Гар ҷилва хоҳӣ нозро, в-он қомати таннозро,
Бо кас магӯ ин розро, боғу баҳоронро нигар.
Теғи ҳалокам мекашӣ, бар рағми душман мекушӣ,
Ин бахри душман дилхушӣ, андӯҳи ёронро нигар.

* * *

Рафтиву дигар н-ойӣ бар ҷониби ман ҳаргиз,
Фориғ набувад аз ту ҷону дилу тан ҳаргиз.
Ишқи ту ба ҷони ман пайванди дигар дорад,
Меҳрат наравад аз дил бо гуру кафан ҳаргиз.
Бо ёди ҷамоли ту дар сина гулистонҳо,
Майлам набувад бе ту бар сайри чаман ҳаргиз,
Аҳде зи вафо бастӣ, сад бор ту бишкастӣ,
Паймон нашикастам ман, эй аҳдшикан, ҳаргиз.
Эй қиблаи мақсудам, ҷои ту даруни дил,
Баҳри чӣ намеоӣ бар сӯи ватан ҳаргиз.

* * *

Тоираму болу парам орзуст,
Дидани мулки дигарам орзуст.
Замзамаи олами зебоиям,
Ҷониби дилҳо сафарам орзуст.
Фасли баҳору чамани бӯи гул,
Нағмаи мурғи саҳарам орзуст.
Раҳгузари шавқ пур аз печу тоб,
Сайр дар ин раҳгузарам орзуст.
Бо, кӣ бигӯям ғами ҳиҷрони ту,
Ошиқи хунинҷигарам орзуст.
Сар зи раҳат гар бикашам аз хато,
Бар раги ҷон нештарам орзуст.
Гар ту бихоҳӣ, ки кашам дарду ғам,
Дарду ғами бештарам орзуст.
Захр агар нӯш кунам, хушдилӣ,
Захр ба ҷои шакарам орзуст.
Ҷон ба лабу дар интизорам, биё,
Бар рухи ту як назарам орзуст.

* * *

Дигарам хабар чи пурсӣ, паи як нишона рафтам,
Шабе аз қафас биҷастам, ба суроғи лона рафтам.
Синаам куништ гардид, дилам оташи фурӯзон,
Бари дил тавоф кардам, равиши муғона рафтам.
Ба миёни ҷамъ гуфтам сухане зи ошное,
Ҳама дар хурӯши шавқу худ аз ин миёна рафтам.
Чи навои ҷонфизое, ки шунидам аз сарое,
Дили ман зи ман рабуду паи ин тарона рафтам.
Ту зи кеши ман чӣ пурсӣ, сару пои ман яқин аст,
Ба ҳарам, ба дайр рафтам, ҳама содиқона рафтам.
Ҳама масти бодаи ишқу басар хумор рафтанд,
Ба ҷаҳолатам бубинед, ки ман оқилона рафтам.
На муҳаққиқам дар он чи сухани ба рамз гуфтам,
Паи муқбилон гирифтам ва муқаллидона рафтам.

* * *

Сад мавҷ ба дил дорам, ман зодаи тӯфонам!
Аз оҳи ғарибонам, в-аз ашки ятимонам.
Ман шӯри ҷунун дорам, андӯҳи фузун дорам,
Дил ғарқаи хун дорам, ин аст сару сомонам.
Асрори ниҳон дорам, сад шӯъла ба ҷон дорам,
Мӯҳре ба даҳон дорам, ман оташи пинҳонам.
Дил ҳар нафасе гӯяд бархезу хурӯшон шав,
Бихрӯшаму аз ин пас халқе бихурӯшонам.
Гар теғ ба сар ояд, з-ин роҳ намегардам,
Ҳон, қисса махон дигар, аз кундаву зиндонам.
Ман тухми талаб корам дар синаи ҳар фарде,
Ман қатраи боронам, аз файзи баҳоронам.

* * *

Ё бибар ин арзро тоза замине биёр,
Ё, ки дигар мардуме беҳтар аз ине биёр.
Ё дили инсонро махзани асрор кун,
Ин ҳама шакро бубар, ё ки яқине биёр.
Ё зи ҷаҳон гум кун оини куфру нифоқ,
Ё ҳама халқи ҷаҳон бар сари дине биёр.
Чашму дили ҷоҳилон яксара равшан намо,
Ё бибар ин қавмро як ҳамабине биёр.
Салтанати аҳриман яксара бар хок кун,
Ё, ки ба аҳли яқин фатҳи мубине биёр.
Ҳар тарафе даъвии мазҳабу миллат бубин,
Ё хати бутлон ба он, ё ки ба ине биёр.

* * *

Ё бадиал ҳусн ё бадрал мунир,
Анта ҳайун анта боқин фи замир.
Қад наҳони лоими зикрал висол,
Инни ло асмаъ ило қавлиннакир.
Имтиноъи минка мавтун оҷилун,
Иҷтиноби минка саъбун ва хатир.
Мо санаъту мо таракту мо ақул,
Иннака анта-с-самиъу валбасир.
Куллу ҳаммин фи тариқика сурур,
Куллу маъсурин фи ҳуббика ясир.
Қад раайту фи маномӣ ваҷҳака,
Маъшарал ушшоқ! Ҳал ҳозо башир?!

* * *

Ба раҳе нишаста будам, ки нигор омаду рафт,
Чу насими субҳгоҳӣ, чу баҳор омаду рафт.
Ба нигоҳи ҷонситоне зада оташе ба ҷонам,
Дили нотавони моро ба шикор омаду рафт.
Нанишаст, ки аз ғами ӯ бари ӯ кунам шикоят,
Ба чунин шитобкорӣ, ба чӣ кор омаду рафт?
Дили ман кунун мазоре зи ғамасту номуродӣ,
Зи раҳи савобҷӯӣ ба мазор омаду рафт.
Чу бидид, ҷону дилро, ба раҳи фано ниҳодам,
Зада оташам зи ғайрат, чу шарор омаду рафт.

* * *

Боди сабо, муждае аз бари Салмо биёр,
Ҷӯшу хурӯши тараб, бар дили шайдо биёр.
Дарду ғами зиндагӣ тобу тавонам рабуд,
Лутф бикун, соқиё, бода ба саҳбо биёр.
Ишқу муҳаббат кунун ҷуз ҳавасе беш нест,
Ростии Қайсро покии Лайло биёр.
Гар зи талаб домани ёр ба даст н-оварӣ,
Қофилаи шавқро сӯи таманно биёр.
Рӯи ҷаҳоне гирифт фитнаи фиръавниён,
Боз яке Мусие бо яди байзо биёр.

* * *

Чу бувад сояи лутфат ба сарам,
Пар кушоям зи фалакҳо гузарам.
Хуни дил гар зи ғамат нӯш кунам,
Беҳтар аз шодии дунёст барам.
Эй, ки пеши назарам ҷилвагарӣ,
Ҳолиё дур марав аз назарам.
Дар раҳат бесару по хоҳам рафт,
Сад бало гарчи дар ин раҳгузарам.
Эй, ки оташ задӣ бар хирмани дил,
Бештар кун табу тоби шарарам.
Ҷодаи ҳақ бинамо ҷодаи ман,
То бувад сӯи ту роҳи сафарам.
Чун ту ҳамроҳи манӣ, бе шаку райб,
Нест аз деви биёбон хатарам.
Баски фаҳми суханам кас нанамуд,
Ман аз ин хаставу хунинҷигарам.

* * *

Эй зи ғамат ҳоли дили мо параш,
Бе ту бувад нӯши ҷаҳон ҷумла неш.
Синаи ғампарвари мо чок-чок,
В-ин ҷигари хастаи мо реш-реш.
Сабру шикебоии дил кам шуда,
Чунки таманои висоли ту беш.
Ҷониби ту азми сафар кардаам,
Ман зи пасу лашкари ғам пеш-пеш.
Умри абасрафта чу ёд оядам,
Мефиганам сар зи хиҷолат ба пеш.

* * *

Мусалмонзода аз баски мусалмонӣ намедонӣ,
Ту нодонӣ, вале онро зи нодонӣ намедонӣ.
Ту дур аз роҳи имонӣ, пушаймон мешавӣ охир,
Вале ҳоло раҳу расми пӯшаймонӣ намедонӣ.
Бувад таълими имонӣ, ҳама тарғиби инсонӣ,
Маранҷ, эй ҷон, агар гӯям ту инсонӣ намедонӣ.
Туро бо макр аз дину забонат дур месозанд,
Чаро, эй бехабар, ин қасди пинҳонӣ намедонӣ.
Зи бас фикрат парешону зи бас ақлат табаҳ карданд,
Ҳақиқатро ту аз рӯи парешонӣ намедонӣ.
Забонам бастаанд то бо ту равшантар сухан гӯям,
Ҳаминро боядам гуфтан, ба зиндонӣ, намедонӣ.
Туро биме ба дил афтода аз васвоси шайтонӣ,
Ан ин рӯ қуввати аҳзоби раҳмонӣи намедонӣ.
Ҳақиқатро ба чашмат баски чун афсона бинмуданд,
Ту з-инрӯ ҳикмати оёти қуръонӣ намедонӣ.
Ҳама халқи ҷаҳон ҳақ будани ислом донистанд,
Фақат як ту намедонӣ, намедонӣ, намедонӣ.

* * *

На ба сӯи ман хиромӣ, ки назар кунам ба сӯят,
На тавони роҳ рафтан, ки сафар кунам ба кӯят.
Ба хаёли ман чаманҳо зи тасавури ҷамолат,
Чӣ кунам, ки аз ту дурам мани зору орзуят.
Зи талаб агарчи мушкил ба муроди дил расидан,
Чи саодатаст онро, ки мирад ба ҷустуҷӯят.
Хушам ояд ар ба маҳфил сухан аз висол гӯянд,
Ғами дил фурӯ нишонам ба ҳавои гуфтугӯят.
На ғуломи ину онам, на асири ному нангам,
Манишинӣ хоҷа бо мо, ки бикоҳад обурӯят.

* * *

Эй хаёлат дар сари пуршӯри ман,
Орзуят дар дили ранҷури ман.
Аз баҳору гулситонҳо фориғам,
Эй гули рухсори ту манзури ман.
Сар ба ҷайби интизарӣ бурдаам,
Дил таҷаллигоҳи кӯҳи Тури ман.
Ғарқа дар зулмот гаштам, алғиёс,
Нури ман, эй нури ман, эй нури ман.
Узри бадномии худ овардаам,
Эй ба хубӣ дар ҷаҳон машҳури ман.
Ончи мақдурам набошад дар азал,
Аз такопӯ кай шавад мақдури ман.
Чокарони даргаҳатро чокарам,
Ҷон фидоят, хоҷаи мағрури ман.
Ёди дору ёди зиндон мекунам,
Нашъа аз Ҳаллоҷ дорад шӯри ман.

* * *

Ало ё ман хаёлука фи фуодӣ,
Ва ҳуббука муниси фи инфиродӣ.
Валав озайтани би-з-заҷри вал ҳаҷр,
Ило бобика руҷуъи ва маъодӣ.
Вақафту соилан ё соҳибад-дор,
Ва арҷу минка имҳоа саводӣ.
Аъишу хоифан ва роҷиялъафв,
Музиллун анта ё мавло ва ҳодӣ.
Баъидун манзилӣ валлайлу музлам,
Алайка ё ҳабиби иътимодӣ.
Насимуссубҳи мин тилқои дорик,
Ало ё лайта ҷовазат биводӣ.
Ало ман ятлубу шайан яҷидуҳ,
Самиъту мин мунодиян юнодӣ.
Ва мо мин соилин маҳрум дунак,
Каримун анта ё раббал ъибоди.

* * *

Туӣ ҳаёти ҷовидон, туӣ баҳори зиндагӣ,
Ту ҷилваи ҳақиқатӣ, ту эътибори зиндагӣ.
Ту нурбахши ҷону дил, ту ҷонбахши обу гил,

Ту моҳтоби рўшанӣ шабони тори зиндагӣ.
Туӣ ғами ширини дил, мароми вопасини дил,
Мақоми охирини дил, ба раҳгузори зиндагӣ.
Ту гар набудӣ, ин ҷаҳон харобу мурдаранг буд,
Латофати чаман туӣ, ту обёри зиндагӣ.
Ба ҷон тараб фузун кунӣ, ғам аз дилам бурун куни,
Сабук намоӣ рафтанам ба зери бори зиндагӣ.
Ту ишқи поки беғашӣ, фараҳфизои ҷону дил,
Зи ту суботи коинот, зи ту қарори зиндагӣ.

* * *

Эй фитрати хоболуд, бедор шавӣ ё на?
В-аз мастии дерина ҳушёр шавӣ ё на?
Ҳозиқ табибо, бас бе меҳрию бе раҳмӣ,
Дар фикри мудаввоӣ, бемор шавӣ ё на?
Афкори ҷаҳони ту таҳлили ту меҳоҳад,
Андар паи таҳлили афкор шавӣ ё на?
Колои ту рангину, дар хона вале маҳбус,
Ороиши дукону бозор шавӣ ё на?
Асрори ҷаҳонсозӣ таълими дигар хоҳад,
Саргашта пайи кашфи асрор шавӣ ё на?
Аз робитаи аҷзо ҷисме ба вуҷуд ояд,
Эй қатра, ту ҳам рўзе анҳор шавӣ ё на?
Чун дасти ситамгоре аз боғ гулат чида,
Андар паи озораш чун хор шавӣ, ё на?
Бо пардаи пиндоре пеши нигаҳат бастанд,
Ту пардабарандози пиндор шавӣ, ё на?
Вайронаи ҳастиро таъмири дигар бояд,
Бо хоҷа камар баста, меъмор шавӣ, ё на?
Бегона зи ҳилми ту гарданкашу мағрураст,
Бар фарқи сараш рўзе мисмор шавӣ, ё на?
Ин мояи шарро бин, в-ин нанги башарро бин,
Аз сифлапарастиҳо безор шавӣ, ё на?

* * *

Фасли баҳор аз нозукӣ дар барги гул печидаӣ,
Аз ғафлати мо ҳар замон дар ранги гул хандидаӣ.
Аз талъатат шамсу зуҳо в-аз нури ту бадруддуҷо,
Худ ошиқи худ гаштаӣ, ишқе ба худ варзидаӣ.
Дар гардиши афлокҳо, ҳар зара обу хокҳо,
Дар фаҳмишу идрокҳо, худро аҷаб пўшидаӣ.
Кавну маконро рўҳ ту бо ҳар забон мамдўҳ ту,
Ҳамди сазоворе ту лек аз ҳеҷ кас нашнидаӣ.
Ҳам ҳамди худро худ расо, бар тавсифи худ худ сазо,
Ман мўъминам бар он, ки ту онӣ, ки худ номидаӣ.
Ман ҳомили исёнҳо як васфи ту ҳам қоҳираст,
Ин ҳам ҳамедонам, ки ту бахшанда бахшояндаӣ.

## Тоби беқарорӣ

Баҳор омад ману бо сад алам дар худ тапиданҳо,
Зи тоби беқарорӣ ҳар нафас, аз худ рамиданҳо.

Ба ҳар як қатраборонe, к-аз абри баҳманӣ ояд,
Диле хункардану в-аз чашми пурҳасрат чакиданҳо.
Ҳама дашту даман, боғу чаман болидане дорад,
Вале дасти таманно кӯтаҳ аст аз нашъачиданҳо.
Хаёлистони ҳасрат лолазорони дигар дорад,
Ки бӯи ин гулистон, аз ҷигар бояд шамиданҳо.
Зи файзи абри найсон ҷону танро шустушӯ бояд,
Хушо айёми тифлӣ, зери боронҳо давиданҳо
Ту ранҷи дурӣ аз хоки ватан бишнидӣ кай дидӣ?!
Тафовутҳост, эй ҷон, аз шунидан то ба диданҳо.
Дар ин шаҳри пур аз ғавғо, миёни ҷамъ танҳоям,
Бувад мушкил, ғами ҷамъе, ба танҳоӣ кашиданҳо.
Навид, аз ин парешонӣ нишони ъофият ҷӯяд,
Ки мардони худоро дар талош аст орамиданҳо.

Кундуз. 23.03.95

## Боди навбаҳорӣ

Эй боди навбаҳорӣ, баргӯ саломи моро,
Бар хоки поки меҳан пинҳону ошкоро.
Сӯи ватан гузар кун, бар ҳар даре назар кун,
В-аз ҳоли мо хабар кун ёрони босафоро.
Баргӯ, ки аҳд бастем, бо холиқи тавоно,
К-аз по фурӯ нишонем ин оташи дағоро.
Осоише надорем, аммо чи сон тавон кард?
Бо нокасон мурувват, бо ҷоҳилон мадоро.
Эй абри навбаҳорон, селоба резу туфон,
В-аз беху буна баркан ин фитнаву балоро.
Нанг аст зиндагонӣ, дар кишваре, ки он ҷо,
Бар Буалӣ бисозанд тарҷеҳ Булъалоро.
Аз руди поки Ому, эй боди шурта бархез,
«Бошад, ки боз бинем он ёру ошнороо».
Дар мушкилоти гетӣ, роҳи Навид сабр аст,
«Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро.

Кундуз. 1993

## Қабри таманно

Ба рӯи сабзаи қабри таманно абри боронӣ,
Бизан обе, ки шояд як гуле, аз сад ҳавас рӯяд.
Ки он шуридасар баҳри зиёрат мерасад рӯзе,
Ба ёди рӯзгори рафта он гулро ҳамебӯяд
Надонам фитрати ошуфтаи ҳангомахоҳи ман,
Дар ин шаҳри пур аз ангезаи ҳайрат,чӣ меҷӯяд.
Гаҳе дар ғусса шодиҳои пинҳонӣ ҳамебинад,
Ва гоҳе дар миёни хандазораш гиря мерӯяд.
Ҳамон нақши азал дар синаву гарде ба рӯи ӯ,
Ғубори лавҳи дилро бо сиришки дида мешӯяд.
Бахуд овораам, кай аз замири дигарон донам,
Вале оина ҳар нақше, ки бинад рост мегӯяд.

Навид, аз роҳи душворе, ки мардони худо рафтанд
Ба нақши пои он озодамардон роҳ мепӯяд .

Кундуз. 1993

## Нур омад

Кори дили бе сомон, имрӯз ба сомон шуд
Нур омаду нур омад, ҳар гӯша чароғон шуд
Он ёри сафаркарда, он муниси парварда,
В-он субҳи сафо омад, зулмот ба поён шуд.
Аз бодия гард омад, он бодиягард омад,
В-он дилбари фард омад рашки гулу райҳон шуд.
Ёрам зи сафар омад, дар вақти саҳар омад
Он нури басар омад, барҳамзани ҳиҷрон шуд.
Ёр омаду ёр омад, дай рафту баҳор омад,
В-он лолаузор омад, олам чаманистон шуд.
Ид омаду ид омад, хуршед падид омад,
Пайғоми Навид омад, ороми дилу ҷон шуд.
Кундуз.1994

## Пайк

Эй пайкарони обу гил, пайке зи султон мерасад.
Аз баҳри дафъи душманон, бо амру фармон мерасад.
Хуни ҷигар хӯрдем агар, чун ғунча пажмурдем агар,
Баъди чунин ранҷу бало лутфи фаровон мерасад.
Гар боди гарми ҳодисот боғу чаман пажмурда кард,
Баҳри карам ҷӯшидааст, борони найсон мерасад.
Гарчи алам дидӣ басе, ранҷу ситам дидӣ басе,
Ин бесару сомониҳо рӯзе ба сомон мерасад.
Эй корвон, эй раҳравон, аз ъофият омад нишон,
Аз пушти ин мавҷи сароб Хизри биёбон мерасад.
Мо аз қирони ахтарон дидем пайдову ниҳон,
Бумуслими соҳибқирон, боз аз Хуросон мерасад.
Бо парчами сабзу сияҳ, пайдо шавад чандин сипаҳ,
Даврони зулми золимон охир ба поён мерасад.
Чашми ту равшан мешавад, эй ҳамдилу ҳамдостон,
Рӯзе Навиди хастаҷон аз мулки Афғон мерасад.
Кундуз.15.06.94

## Нуру сафо

Зи тоби бехудӣ афтода шӯре бар сарам имшаб.
Ки сар аз по намедонам, ба ҳоли дигарам имшаб.
Бадан дар оташи ҷонам аҷаб болидане дорад,
Тани ҷон гаштаам, кай ғам бувад аз пайкарам имшаб.
Ғаме дорам, ки шодиҳои пинҳон дар бағал дорад,
Аз ин рӯ бо лаби пурхандаву чашми тарам имшаб.
Бирав, ҷоно, зи ҳоли оташинҷонон чӣ медонӣ,
Ки ман дар гулхани шавқаш басони ахгарам имшаб.
Ман имшаб дар миёни зулматистон нурҳо дидам,
Ҳаме нуру сафо меборад аз бому дарам имшаб.

Биё ҷоно дар ин маҳфил, ки чандин нашъаҳо дорад,
Румузи ишқ мехон аз китобу дафтарам имшаб.
Замингире кунун дар авҷи гардун мезанад ҷавлон,
Ки завқи бехудиҳо додааст болу парам имшаб.
Магар ин ман, магар ин базми улфат дар ҳарими ёр,
Аз ин бахти ҳумоюн ҳеҷ н-ояд боварам имшаб.
Ту, эй Хизри накупай, раҳнамои раҳнавардон шав,
Ки ман дар зулматистони адам Искандарам имшаб.
Нагуфтам ончи гуфтам, эй Навид, аз ихтиёри худ,
Ки илҳомоти файзи сармадӣ шуд ёварам имшаб.
Кундуз.20.07.94

# Дар пайравӣ аз ғазалиёти урду

Ҷаҳл шуд бениқоб, замона хароб шуд.
Ишқ шуд дар ҳиҷоб, замона хароб шуд.
Хонаи ҷабру зулм аз чӣ обод гашт,
Бишнав аз ман ҷавоб, замона хароб шуд.
Фитнаҳо сар зи хоб карда боло валек,
Ъофият сар ба хоб, замона хароб шуд
Як тараф сугу дард, як тараф бехабар,
Айшу базми шароб, замона хароб шуд.
Ғафлати як нафас, хиҷлати ӯрузгор,
Бо хабар, эй ҷаноб, замона хароб шуд.
Бахту иқболро вақти пирӣ расид,
Алвидоъ, эй шабоб, замона хароб шуд.
Базму улфат париш, синаҳо реш-реш,
Душманон комёб, замона хароб шуд.
Муддате шуд Навид, бори ғурбат кашид,
Хонаи ғам хароб, замона хароб шуд

Кундуз.05.1194

# Роз

Гулу себарга дар гулшан набошад.
Дигар ҳангоми гул чидан набошад.
Ғами дил бо кӣ гӯям, эй азизон,
Касеро гӯши бишнидан набошад.
Ҳазорон пурсиши бинҳуфта дорам,
Валекин тоби пурсидан набошад.
Маро гӯянд, ки чашм аз рӯи ӯ банд,
Чи созам, сабри нодидан набошад.
Намедонам сароберо зи обе,
Маро чун амри нӯшидан набошад.
Дили худро Навид аз даст дода,
Замони роз пӯшидан набошад.

Толиқон.1994

# Қатраборон

Эй ҳарифон, сӯи майдонам баред,
Пойкубон даст афшонам баред.
То ба кай афтода дар чоҳи танам,
Ё ба Мисрам ё ба Қанъонам баред.
Ҳамчу шабнам дар саҳаргоҳи висол,
Ҷониби хуршеди тобонам баред.
Тираам дар тирамоҳони фироқ,
Сӯи гулшан дар баҳоронам баред.
Аз латофат шустушӯ бидҳеду пас,
То ба батни абри найсонам баред.
То аразҳоям ҳама ҷавҳар шаванд,
Қатраборонвор Уммонам баред.
Ақли зирак роҳ бар ҷое набурд,
Волаву шайдоюю ҳайронам баред.
Хона тангаст баҳри оҳу нолаам,
Кӯҳу ҳомуну биёбонам баред.
Эй Навид, як мижа то барҳам занам,
То таҷаллигоҳи ҷононам баред.

Қундуз.1995

# Навбаҳори ҳусн

Эй нусхаи баҳорон оинадори ҳуснат.
Ороиши чаманҳо шуд навбаҳори ҳуснат.
Аз лолазори ҳасрат гул кардаам саропо,
Дар гулшани таманно дил доғдори ҳуснат.
Чун шабнами саҳаргаҳ бо чашми чор то кай,
Эй меҳри оламафрӯз, дар интизори ҳуснат.
Аз парда рух намову моро зи мо раҳо кун,
Эй ҷони мову сад мо, бодо нисори ҳуснат.
Ҳамчун дарахти Сино дар оташам саропо,
Сад тобу таб ба ҷонам аз як шарори ҳуснат.
Сад олами латофат бепарда дар баҳорон,
Сад корвони хубӣ дар раҳгузори ҳуснат.
Овора чун Навидам , бо ҳолати парешон,
Дар дил ғами фаровон, дар сар хумори ҳуснат.

Толиқон10.03.9

# Нишоне аз таҷаллӣ

Суроғи кӯи Салмо метавон рафт.
Ба ёдаш бесару по метавон рафт.
Зи худ берун шуда бар кӯҳу ҳомун,
Ҷамолашро тамошо метавон рафт.
Агар пои талаб обилазор аст,
Ба нерӯи таманно метавон рафт.

Чу савдо ғолиб ояд бар мизоҷат,
Мудовво то сувайдо метавон рафт.
Зи зиндони аносир гашта берун,
Мақомоти Масеҳо метавон рафт.
Фазои ақл танг аст, эй ҳарифон,
Ба боли ишқ боло метавон рафт.
Халилосо агар дорӣ иродат,
Ба оташ бемуҳобо метавон рафт.
Нишоне гар биёбӣ аз таҷаллӣ,
Ба кӯҳи Тури сино метавон рафт.
Зи ҳақ восил шавӣ гар бар «аналҳақ»,
Зи чӯби дор боло метавон рафт.
Гуҳар мебоядат, аз хеш бигзар,
Зи худ то қаъри дарё метавон рафт.
Навид, аз водии андӯҳу ҳасрат,
Ба ёдаш бесару по метавон рафт.
Кундуз.1995

# Туруш-ширин

Қаҳру нозат, эй туруш ширин хушаст.
Дар миёни абрувонат чин хушаст.
Он шабони тираву тори фироқ,
Бо хаёлат, эй маҳу парвин, хушаст.
Аз хазон сӯи баҳорон омадем,
Бод гулбезасту фарвардин хушаст.
Дар баҳористони ёди оразат,
Ёсамину лолаву насрин хушаст.
Мо ба худ ҳеҷему бо ту сад ҷаҳон,
Сахт моро ин чунин оин хушаст.
Чун ба қаҳру лутфи ту хӯ кардаем,
Баҳри мо ҳам он хушаст, ҳам ин хушаст.
Дуру наздик дидане дорад, вале,
Эй бародар, чашми охарбин хуш аст.
Душманон худбин бихонандам, вале,
Хоҷаи мо аз чунин худбин хушаст.
Завқи ашъори куҳан дорад Навид,
Иқтидо бар суннати пешин хушаст.
Кундуз.1995

# Баҳори ғам

Имсол баҳори ғам андӯҳи фаровонаст.
Ҳар лолаи ин саҳро аз хуни шаҳидонаст.
Дар синаи ҳар фарде, сад гуна ғаму дарде,
Марду зани ин кишвар бо ҳоли парешонаст.
Ин қавми ҷафодида, сад ранҷу бало дида,
Шукрона ба лаб дорад, зеро, ки мусалмонаст.
Хушку тари ин водӣ месӯзаду месӯзад,
Охир чӣ тавон кардан, оташ ба найистонаст.
Ҳар қатраи бороне, к-аз абри сиёҳ ояд,
Аз хуни дили модар, в-аз ашки ятимонаст.

Он меҳани ободон, в-он кишвари озодон,
Он боғу баҳористон имрӯз биёбонаст.
Дар қавли Навид, эй дил, ин мужда ҳамебинам,
Нур омаду нур омад, зулмот гурезонаст.

Кундуз.1993

## Аҳду паймон

Худоё, сари аҳду паймон бимирам.
Мадад кун, ки дар раҳи имон бимирам.
Парешониям баҳри дин асту миллат,
Мабодо ба ҳоли парешон бимирам.
Дилам пур зи хун дар фироқи азизон,
Зи андӯҳу дарди азизон бимирам.
Ало Тоҷикистон, замини ниёгон,
Маҳоласт, ки дур аз ту осон бимирам.
Ватан ҷони ман ҳасту ҷононаи ман,
Бар онам, ки дар кӯи ҷонон бимирам.
Навид, аз Худованди якто бихоҳам,
Худоё, сари аҳду паймон бимирам.

Толиқон.1993

## Хазон

Фасли гул рафту хазон омад, бинол эй дил, бинол.
Пои фурқат дар миён омад, бинол, эй дил, бинол.
Дар видоъаш лолаи ҳасрат дамида аз замин,
Ашки ғам аз осмон омад, бинол, эй дил, бинол.
Мурғаки осуда аз кошона пар зад ногаҳон,
Оташе бар ошён омад, бинол, эй дил, бинол.
Сад таманно дар дилу сад орзу дар сина буд,
Ғусса ҷои ину он омад, бинол, эй дил, бинол.
Пой даргилмондагони водии андӯҳро,
Сели ғам аз ҳар карон омад, бинол, эй дил, бинол.
То ба манзил як қадам раҳ буд, аммо сад дареғ,
Ҳамлае бар корвон омад, бинол, эй дил, бинол.
Мо нишони ин бало аз ҷои дигар дидаем,
Сад балои бенишон омад, бинол, эй дил, бинол.
Дар муҳаббат ранҷҳо бояд кашидан, эй Навид,
Имтиҳон бар имтиҳон омад, бинол, эй дил, бинол.

Кундуз.1993

## Санам

Дили ман баставу ошуфтаи зулфони санам.
Гаштаам волаву ҳайрону парешони санам.

Ҳар тараф мебарадам сӯи басӯ кӯи бакӯ,
Чокари даргаҳаму бандаи фармони санам.
Ғами ман, шодии ман, давлату озодии ман,
Буду нобуди ману ҳастии ман з-они санам.
Ранҷи ӯ гар накашам, лофи муҳаббат на равост,
Ман, ки худ дида басе лутфи фаровони санам.
Чашм дорам зи карам банданавозӣ созад,
То хиҷолат накашам пеши рақибони санам.
Ба дили шаб дигарам тарсу ҳаросе набувад,
Пеши чашмам рухи зебову дурахшони санам.
Тан агар боди фано мебарад, эй хоҷа, чӣ ғам,
Дар азал басташуда ҷони ману ҷони санам.
Эй гули лолаи саҳро, сухан аз ишқ бигӯ,
Ба мани гумшуда аз роҳи гулистони санам.
Эй Навид, мужда, ки аз равзанаи дил дидам,
Дар паси пардаи ғайб чеҳраи тобони санам.
Кундуз.1994

## Масти тараб

Як шаб зи худ рамидаву бегона мешавам.
Андар забони ину он афсона мешавам.
Рахти худ аз нишемани дониш ҳамекашам,
Падруди ақл кардаву девона мешавам.
З-ин кохи зарнигори ҷаҳон дил маро гирифт,
Дар ҷустуҷӯи гӯшаи вайрона мешавам.
Гарчи матоъи фазлу адаб шуд касод лек,
Гаҳ-гаҳ ба рағми ҷоҳилон фарзона мешавам.
Эй шӯъла, сар бикаш, ки ман аз шавқи сӯхтан,
Аз пайравони машраби парвона мешавам.
Он хушнигаҳ ба ғамзаи мастона дил рабуд.
Масту хароби ғамзаи мастона мешавам.
Эй мӯҳташам, ба чашми ҳақорат маро мабин,
К-аз ходимони камтари ин хона мешавам.
Як шаб ба қасди манзили ҷонона, эй Навид,
Аз худ бурун гаштаву бегона мешавам.

Кундуз.1994

## Озода

Гарчи аз ҷамъи азизонам ҷудо афтодаам.
Пар ба сӯи водии сабру ризо бикшодаам.
Ман алифосо ба базми васл сар боло кунам,
Гарчи дар чашми назарбозон зи по афтодаам.
Аз муҳити фазл то рахти сафар барбаст ақл,
Пои худ дар водии ранҷу бало бинҳодаам.
Ваҳ, ғалат гуфтам, балое не, атои дигар аст,
Ман дар ин ранҷу бало афтодаму, озодаам.
Мушкил аст дар манзили зулму ҷаҳолат зистан,
Ман аз ин рӯ тан ба хориҳои ғурбат додаам.
То бинои ҷаҳл ободасту дониш гӯшагир,
Дар дифоъи фаҳму идроку адаб омодаам.

Ё раб, андар имтиҳони сабр по бар ҷой дор,
В-арна кай ҳосил бувад аз сабҳаву саҷҷодаам.
Нақши ботил дар замири ман нагунҷад, эй Навид,
Тинати оина дорам, поку софу содаам.

Кундуз.1994

## Ин чӣ савдост

Ин чӣ савдост, ки сад гуна тапидан дорам,
Ба хаёли ту зи худ майли рамидан дорам.
Зеру боло ҳама пурзамзамаву савту наво,
Ҳар тараф бехабар аз хеш чамидан дорам.
Тоза аз майкада берун шудаам, даст бигир,
Ки чу мастон ҳаваси ҷома даридан дорам.
Ман аз ин валвалаву шӯр ба ҷонам, соқӣ,
Сари дар гӯшаи танҳоӣ хазидан дорам.
Гарчи раҳ пурхатару манзили Салмо дур аст,
Мекунам саъйу таманнои расидан дорам.
Хирмани ақл бибар, арзане аз ишқ биёр,
Ки ба ҷону дили худ майли харидан дорам.
Банди авҳом зи пои дили ман гашта раҳо,
Ба пару боли яқин қасди паридан дорам.
Ҳамчу шабнам сару поям ҳама нур асту сафо,
Саҳар аз гулбуни афлок чакидан дорам.
Чанд гӯӣ сухан имрӯз пароканда, Навид,
Ки ман аз ҷои дигар қисса шунидан дорам.

Теҳрон.1995

## Гиря

Дишаб ба ҳоли зору парешон гиристам.
Аз фарти ғусса бо дили ларзон гиристам.
Гӯӣ, ки осмон ба мани мубтало гирист,
Ман ҳамнавои қатраи борон гиристам.
Дар Исфаҳон, соҳили Зояндаруд дӯш,
Сурхоб ёдам омаду чандон гиристам.
Дар масҷиде, ки тарҳ-ш бувад аз Низомимулк,
Як лаҳза ман ба ёди ниёгон гиристам,
Дар маҳфиле агар нафасе шод будаам,
Андар миёни ханда чӣ пинҳон гиристам
Фасли хушӣ гузашту хазони алам расид,
Дур аз ватан, ба ёди азизон гиристам.
Ё раб, ба муқтазои каломи муқаддасат,
Аз хандаҳои карда фаровон гиристам.
Ашкам чаро зи дида ба домон намечакад,
З-он рӯ, ки ман ба чашми дилу ҷон гиристам.
Гӯянд об маънии нурасту равшанӣ,
Ман, эй Навид, чашма шудам, з-он гиристам.

Теҳрон.1995

## Сози улфат

Сози улфат мерасад аз наѓмаи ноҷури ман.
Нолаи пайваста дорад пардаи танбури ман.
То тиҳӣ аз хеш гаштам, доманаш омад ба каф,
Дор мерақсад кунун аз нашъаи Мансури ман.
Толеъи ошуфтаам аз офият дорад нишон,
Рӯшаноӣ дар баѓал дорад шаби дойҷури ман.
Бо хёлаш сад макону ломакон паймудаам,
Шавқи манзил мекунад наздики роҳи дури ман.
Нашъаамро вақфи риндони шаробӣ кардаам,
Баҳра аз мастӣ надорад решаи ангури ман.
Бо лаъимон дар ситезам, бо каримон меҳрубон,
Бо тавозӯъ тавъам омад фитрати маѓрури ман.
Оташе дар сина дорам, растахезе дар замир,
Аз ҷаҳони дигар омад ин навои сури ман.
Лутфи ӯ гар шомили ҳолам нагардад, эй Навид,
Ҷуз сиёҳӣ кай бувад дар сафҳаи маншури ман.

Афѓонистон.1994

## Ѓуруб

Аз ѓуруби шоми ѓурбат ҳасрате бар ҷони ман.
Гӯӣ аз хуни шафақ гулгун шуда домони ман.
Рӯзгорам аз парешонӣ иморат кардаанд,
Бесару сомониҳои зиндагӣ сомони ман.
Чашми равшан доштам, дар интизорӣ хира шуд,
Аз сафар кай мерасад он Юсуфи Канъони ман.
Ранги хунини шафақ оинадори захми дил,
Ошкоро шуд ба охир сад ѓами пинҳони ман.
Аз талаб шаҳре ба шаҳре меравам, матлуб кӯ?
Кай ба манзил мерасад ин ҷони саргардони ман.
Бо ҷамоле дар шабони тира дил хуш кардаам,
Зулмати шаб мерамад аз тоби нуристони ман.
Саргузаштам аз Навиди хастадил бояд шунид,
Нуқли базми улфат омад қиссаву дастони ман.

Бадахшони Афѓонистон.1995

## Лаби дарёи Кобул

Дар лаби дарёи Кобул қалби маҳзунасту ман,
Аз шафақ гӯӣ фалак як ҷоми пурхонасту ман.
Шоми ѓурбат мерасад, шӯри қиёмат дар баѓал,
Лашкари ѓамро ба дил майли шабохунасту ман.
Чашми маънобини ман ҳаргиз ба зоҳир хӯ накард,
Тоири андешаам дар банди мазмунасту ман.
Домани саҳро нигорин гашта аз амвоҷи гул,

Дар дили ман ҳасрати як ҷомагулгунасту ман.
Базми улфат шуд парешону азизон дарбадар,
Рахт баста ъофият з-ин мулк берунасту ман.
Шаҳр хомӯшу ҳаво боронӣ, дарё тираранг,
Кобули вайронаро андӯҳи афзунасту ман.
Ғуссаи дилро фазои шаҳр танг омад, Навид,
Баъд аз ин дар сар ҳавои кӯҳу ҳомунасту ман.

Кобул.1994

# Ғазал дар пайравии Мавлавӣ

Дишаб ин наво шунидам, ки таран таран таронӣ.
Оваҳ аз куҷо шунидам, ки таран таран таронӣ.
Ба дили чаман нуҳуфта, зи гулони навшукуфта,
Саҳар аз сабо шунидам, ки таран таран таронӣ.
Зи даҳони абри найсон, зи чакидаҳои борон,
На, бал аз фазо шунидам, ки таран таран таронӣ.
Зи замин чу сар кашидам, ҳамаро ба рақс дидам,
Зи дили само шунидам, ки таран таран таронӣ.
Чӣ нидо зи дур омад, чу навои сур омад,
Ҳама з-ошно шунидам, ки таран таран таронӣ.
На ба ибтидо расидам, на ба интиҳо расидам,
Дигар аз куҷо шунидам, ки таран таран таронӣ.
Ба Навид агар расидам, буду ҳам набуд он дам,
Зи фано сало шунидам, ки таран таран таронӣ.

Кундуз.1994

# Шаҳри обод

Шаҳри ободе расидам, мир не, дастур не,
Моҳ не, хуршед не, дар шаш ҷиҳат ҷуз нур не.
Шиква не, андӯҳ неву қабзу басти рӯҳ не,
Амр не, фармон неву хоҷаву муздур не.
Ҳар тараф мавҷи баҳор андар баҳорон дидаам,
Рангу бӯву ҳусну раъноӣ, вале мастур не.
Сад навои дилфиребу бонги ною уд не,
Нашъаи сад мастӣ пайдову вале ангур не.
Ишқ бо сад ҷилва пайдо, содагиҳо дар бағал,
Ақли дурандеш неву фитрати мағрур не.
Шаш ҷиҳат як ҷо бидидему нафаҳмидем ҳеҷ,
Имтиёзи зеру болову қарибу дур не.
Ин магар хоб аст ё сайри хаёлоти Навид,
Ҳарчи бошад, эй азизон, аз ҳақиқат дур не.

Кундуз.1994

# Абри найсонӣ

Эй насими атромез, эй ҳавои боронӣ.
Сина пур зи андӯҳам ҳамчу абри найсонӣ.
Хитаи Пишовар шуд маҳбасе барои ман,
Рӯзи равшани ғурбат, шоми тори зулмонӣ.
Ноумеди имрӯзам, бехабар зи фардоям,
Ҳоли ман чӣ мепурсӣ, дарди ман чӣ медонӣ?
Растаҳои Гулхона, Садр то Ҳаётобод[1],
Гаштаму вале афзуд ҳасрату парешонӣ.
Гуфтамат сафар дорам, сӯҳбатам ғанимат дон
Ҳолиё чӣ суд дорад, гиряву пушаймонӣ.
Эй Навид, агар аз ғам хаставу ҷигархунӣ,
Оқибат ба сар ояд ғусаҳои давронӣ.

Покистон.1993

# Мавҷи ашк

Мавҷи ашк аз баҳри дил ояд ҳаме.
Ғуссаҳоро ин далил ояд ҳаме.
Гарчи мо афтода дар обу гилем,
Нақши ҷон аз обу гил ояд ҳаме.
Боз Фиръавн лофи ҳастӣ мезанад,
Мусии мо сӯи Нил ояд ҳаме.
Боз Иблис саҷда бар Одам накард,
Бори дигар ҳам хиҷил ояд ҳаме.
Абраҳа зору забун аст оқибат,
Гарчи бо сад фавҷи фил ояд ҳаме.
Зиндаанд намрудиёни асри нав,
Бутшикан ҳамчун Халил ояд ҳаме
Ҳеҷ моро такя бар асбоб нест,
Нусрат аз Рабби ҷалил ояд ҳаме.
Баъди душворист, осонӣ басе,
Муждаи «сабри ҷамил» ояд ҳаме.
Раҳнавардон рахт бастанд, эй Навид,
Ҳар нафас бонги раҳил ояд ҳаме.

Кундуз.1993

Гуфти бирав бо дили озурда меравам ,
Заҳри ғами фироқи туро хурда меравам.
Аз ишқи ту ҷавон будаам чун гули баҳор,
Акнун хазон гаштаву пажмурда меравам.
Бо орузуи васли ту ман зинда будаам,
Бар мотамам биё, ки кунун мурда меравам.
Лаъли лабат давои дили беқарор буд,
Ман шаҳд аз лабони ту нохурда меравам.
Гуфтам шабе бимираму сӯзам дар оғушат,
Ин орузу ба хоки сияҳ бурда меравам.

Бухоро соли 1980

* * *

Ду- се руз бигзашт, ки Лайло наёмад,

[1] Маҷалҷое дар Покистон.

Дилаш ҷои дигар буд инҷо наёмад.
Зи мо ӯ чӣ дида, ки паймон бурида,
Чу оҳу рамида бари мо наёмад.
Баҳор омаду рафт, афсус-афсус,
Ки он гул ба сайру тамошо наёмад.
На аз ӯ паёме на бокас саломе,
Дили реши моро тасалло наёмад
Сабо бомдодӣ наёварда бӯяш,
Магар ин саҳар, аз Бухоро наёмад.
«Ситора» шуморам баёдаш шабонгаҳ,
Ки он «моҳи хоса» ҳувайдо наёмад.
Зи ӯ сангдилтар, зи ӯ бевафотар,
Зи ӯ пурҷафотар ба дунё наёмад.
Чунин кори мушкил, чунин пой дар гил,
Чунин дарде дар дил касеро наёмад.
Бухоро соли 1980

* * *

Риндему хароботиву маъшуқпарастем,
Бар дайри муғон муътакифу сархушу мастем.
Ин бахти сияҳ бин, ки бо санги ҷаҳолат,
Паймонаи зуҳду вараъи хеш шикастем.
Сар хоки раҳи пири харобот намудем,
Дил дар хами абрӯи яке муғбача бастем.
Дар кӯи талаб бе сару бе пой давидем,
Дар водии ҳиҷрони ту маъюс нишастем.
Дар хеш чу бо дидаи таҳқиқ бидидем,
Тан буд қафаси ҷон, ки ӯро нашикастем.

* * *

Сад чаман ҳамеболад, аз ҷамоли гулҷӯшаш,
Бӯи ноз меояд, аз баҳори оғӯшаш.
Дар нишемани улфат, ҳарфи мо фузулӣ буд,
Сад ҷаҳони маъно бин, дар лабони хомӯшаш.
Чашм то ба рӯям баст, гум шудам дар ин водӣ,
Ман ба худ намеоям, то шудам фаромӯшаш.
Зулфи ӯ шаби қадр аст, нест ҷои дилтангӣ,
Нашъаи саҳар дорад, машриқи багногӯушаш.
Ишқ ар бувад арзан, ақл ар бувад хирман,
Хирмане ба як арзан, суд хоҳи бифрӯшаш.
Аз гиреҳи абрӯяш, ларзае бо ҷон, аммо
Ғамзаи ниҳон дорад, наргиси хатопӯшаш.
Пои қофия лангаст, эй Навид чун созам,
Сад ҷаҳони маъно бин, дар лабони хомӯшаш.
С 2001.

Абр омад бо дили маҳзуну, бар саҳро гирист,
Гӯӣ Маҷнун аст, к-андар мотами Лайло гирист.
Як шаб аз рӯзи сиёҳи хеш, ёд омад маро,
Дар хаёлам дӣ гирист, имрӯз бо фардо гирист.
Рӯзгори рафтаро рӯзе ба ёд овардамаш,

Чун шунид ин қиссаро, он ёри бепарво гирист.
Соғари чашмам мудом, пур аз шароби талх буд,
Кай тараб орад майе, к-андар дили мино гирист.
Шояд ин борони ғам, шодоб созад ҷони мо,
То бихандад ин чаман, абр омаду дарё гирист.
Бар сари куяш гузар афтод, баъди солҳо,
Ҳасрати гумгаштаам, дар синаи дунё гирист.
Сӯзи ҷони мо чу бигзашт аз раҳи дил , эй Навид,
Аз қалам нақши ғам омад, ин ҳама маъно гирист.

С 2001.

* * *

Чун Масеҳо аз чалипо меравем,
“Мо зи болоему боло меравем”.
Бастаем эҳроми ишқ аз хуни дил,
Баҳри қурбонӣ, ба Мино меравем.
Эй дил, аз камзарфии худ ғам махӯр,
Маҳви дарёему дарё меравем.
Ҷони моро бо ту пайванди азал,
Ҳар куҷо боши ту, он ҷо меравем.
Бесару сомониҳо, сомони мо,
Ҳамнафас бо боди саҳро меравем.
Мекашад занҷири шавқат, пои дил,
Гар ба масҷиду калисо меравем.
Сорбоно! Ҷони мо дар маҳмил аст,
Бесарупо сӯи Лайло меравем.
З-ин ҳама ҳангома дил тангаст танг,
Дар миёни ҷамъу танҳо меравем.
Лофи мастӣ, баҳри мо нангаст нанг,
Гарчи пинҳонем, пайдо меравем.
Хайр бод, эй дил, ки ҳамроҳи Навид,
“Мо зи болоему боло меравем”.

* * *

Дар ҷаҳон ҳангомаи маҳшар набуд он рӯзҳо,
Фитнаро ҷавлонгаҳи дигар набуд он рӯзҳо.
Ишқи буд соқиву риндони балокаш боданӯш,
Ҷуз сафо дар бодаву соғар набуд он рӯзҳо.
Аҳли дилро рағбати сомони ҳастӣ нанг буд,
Шиква аз дунёи дунпарвар набуд он рӯзҳо.
Ошиқонро базми улфат, дар ҳарими ёр буд,
Имтиёзи хоҷаву чокар, набуд он рӯзҳо.
Арсаи гетӣ, ки ҷавлонгоҳи ҷангу оштист,
Танг бар Дорову Искандар, набуд он рӯзҳо.
Шеъри мавзунам, ки нуқли базми хосу ом буд,
Зери бори миннати дафтар, набуд он рӯзҳо.
Бохтар буд сарзамини илму донишу нишот,
Барбарӣ дар шеваи ховар, набуд он рӯзҳо.
Расми Намрудӣ чу пайдо гашту кеши бутгарӣ,
Дар дили мо тарс аз Озар набуд он рӯзҳо.
Эй Навид, он рузгори талху ширин ёд бод,
“Шур дар сар буду, дарди сар набуд он рузҳо».

Теҳрон.1995

Аз замин то арши аъло меравем,
“Мо зи болоему боло меравем”.
Аз гиребони ҷунун сар мекашем,
Волаву ҳайрону шайдо меравем.
Дар худӣ бинҳуфта рамзи бехудӣ,
Ин чунин пинҳону пайдо меравем.
Дар замири мо баҳори дигараст,
Сайри гулзори таманно меравем.
Мекашад занҷири шавқат пои дил,
Гар ба масҷид ё калисо меравем.
Эй ди аз камзарфии мо ғам махур,
Қатраборонему дарё меравем.
Шури ишқат то ҷунуновоза шуд,
Мо суроғи куи Лайло меравем.
Дар яқини мо бияфзо чун Халил,
Сӯи оташ, бе муҳобо меравем.
Гарчи бори ғам гаронаст, эй Навид,
Бо умеди лутфи Мавло меравем.
Теҳрон. 1995

Рузе биё суроғи ману рӯзгор бин,
Сад гиряи ниҳону лаби хандабор бин.
Дар обу гил нишонаи маҳшар надидаӣ,
Бо чашми дил ба ман нигару ошкор бин.
Боғи хазонрасидаи бе обу рангро,
Аз рӯзгори рафтаи ман ёдгор бин.
Чашми баде ба қомати мавзуни ман расид,
Чун соя хокбӯсии ин хоксор бин.
Дар роҳгузори зиндагӣ, борам хиҷолат аст,
Бар чеҳраам зи гарди надомат ғубор бин.
Дар Карбалои синаи пур аз балои ман,
Хуни ҷигар бубину дили доғдор бин.
Дил аз ҷаҳону кори ҷаҳонам гирифтааст,
Дар анҷуман ғарибаму танҳову зор бин.
Дар марзи ҷони хаставу доғошнои ман,
Бишкуфтааст чаман-чаманӣ лолазор бин.
Бовар агар намекунӣ, бар шикваи Навид,
Рӯзе биё суроғи ману рӯузгор бин.
с. 1999

* * *

Андарин маҳфил биёву ончи медонӣ бигӯ,
Кам бигӯ аз ину он, ҳарчи ки худ онӣ бигӯ.
Гум шудан дар ӯ, чу моро мазҳабу оин бувад,
Ғайри ин куфр аст бар мо, аз мусалмонӣ бигӯ.
Мо чу абри тира лабрезем, аз борони ғам,
Ҳамчу боди тирамаҳ, шарҳи парешонӣ бигӯ.
Сад сабақ аз бар намудем, хатти пешонӣ ҳамон,
Мо ба ҳайрат андарем, аз хатти пешонӣ бигӯ.
Огаҳе аз рози ҳастӣ, андарин маҳфил куҷост?
Мо на пайдо кардаем, гар ту ҳамедонӣ бигӯ.
Сад Халиловозаро дидем, номе беш нест,

В-ар ту дидастӣ, ба пайдоиву пинҳонӣ бигӯ.
Ку масеҳоидаме, то зинда гардад ҷони мо,
Дар бари дилмурдагон, з-анфоси рӯҳонӣ бигӯ.
Чун баҳори ҷони мо сабзону гулафшон шавад?
Рози ин эъҷозро, эй абри найсонӣ бигӯ.
Кай алифе з-абҷади дил худ зибар кардӣ Навид,
Ин чӣ худбинист, эй тифли дабистонӣ бигӯ.

С 2001.

Кори дили бесомон, имрӯз ба сомон шуд,
Нур омаду нур омад, ҳар гӯша чароғон шуд.
Он ринди куҳан омад, в-он тавба шикан омад,
Майхона ба ҷӯш омад, ҳангомаи мастон шуд.
Он боғу баҳор омад, в-он савту ҳазор омад,
Ёр омаду ёр омад, олам чаманистон шуд.
Шоҳ омаду шоҳ омад, бо хайлу сипоҳ омад,
Он пуштупаноҳ омад, султони дилу ҷон шуд.
Он мабдаи нур омад, в-он ақлу шуур омад,
Ғам рафту сурур омад, мушкил ҳама осон шуд.
Ид омаду ид омад, ҷонона расид омад,
Пайғоми Навид омад, ороми дилу ҷон шуд.

Афғонистон. 1994

* * *

Аз кори ҷаҳон дилам гирифта,
Аз давру замон дилам гирифта.
Ҷон бар чӣ сазад агар набошӣ,
Валлаҳ, ки зи ҷон дилам гирифта.
Дидам, ки фиғон асар надорад,
Аз оҳу фиғон дилам гирифта.
Донам, ки ба ҳарф менағунҷӣ,
Аз шарҳу баён дилам гирифта.
З-ин маҳфили сарду ҳарфи беранг,
Эй бехабарон, дилам гирифта.
Рӯзу шабу ғафлату табоҳӣ,
Аз рӯзу шабон дилам гирифта.
Ҳеҷ аст ниҳону ошкорам,
З-ашкору ниҳон дилам гирифта.
Монанди Навид, хаста ҷонам,
Аз кори ҷаҳон дилам гирифта.

* * *

Эй баҳори рангу бу вақтаст то ҷавлон кунӣ,
Ҷони сармохӯрдаи моро, зи нав ҷунбон кунӣ.
Ғунчасон хуни ҷигар хурдем, дар зиндони тан,
Вақти онаст нарм-нармак, рахна дар зиндон кунӣ.
Дар замини ҷони худ, тухми таманно коштем,
Дар баҳорон абри найсон,ончи бикнад, он кунӣ.

Мулки тан обод кардем, хонаи дилро хароб,
Ин яке обод созӣ в-он дигар вайрон кунӣ.
Ту чӣ дарёӣ? На мавҷе, не талотум дар бағал,
Кай бувад? Чин бар ҷабин орӣ дусад тӯфон кунӣ.
Тутии ту дар қафас парру фари худ рехта,
Кай қафасро бишканӣ? В-ин мурғро паррон кунӣ.
Тан задӣ дар куи тан меҳри ватан аз ёд рафт,
Месазад эй фил, ки гаҳ-гаҳ ёди Ҳиндустон кунӣ.
Достони ишқро оғоз не анҷом не,
Вақти он аст, эй Навид ин қиссаро поён куни.

С 2001.

Ёр аз мо саргарон шуд вой- вой,
Тира дар чашмам ҷаҳон шуд вой-вой.
Баҳри ту охирзамон дурасту дур,
Баҳри ман охирзамон шуд вой-вой.
Дӣ шакар дур аз лаби ӯ хӯрдаам,
Захр бар кому даҳон шуд вой-вой.
Гиря кун, эй абри баҳман гиря кун,
К-он баҳори ман хазон шуд вой-вой.
Гум намуда ман варо дар куи дил,
Нақши пояш бенишон шуд вой-вой.
Умрҳо бо меҳри ӯ ху кардаам,
Ин замон номеҳрубон шуд вой-вой.
Ё зи мо ҷурму хатое диду рафт,
Ё, ки аз мо бадгумон шуд вой-вой.
Майл кардам ҳоли дил гӯям вале,
Дур аз шарҳу баён шуд вой-вой.
Бо, ки гӯям, эй Навид ин қиссаро,
К-ин чунин буду чунон шуд вой-вой.

* * *

Хоҷа аруси даҳрро қасди талоқ мекунад,
Сабр намекунад даме, боз қучоқ мекунад.
Ин пирзоли русабӣ, меҳру вафо надорадо,
Баъди ду-се шаби ҷимоъ, майли фироқ мекунад.
Ту шабу рӯз барои ӯ, хуни ҷигар ҳамехӯрӣ,
Ӯ ба канори дигарон, ҳазлу мазоқ мекунад.
Ёри бади ситезаху, ҳамсафари ту нест- нест,
Гар ба Яман ҳамеравӣ, рӯ ба Ироқ мекунад.
Ханҷари кин намекашӣ, мори тамаъ намекушӣ,
Мағзи сари ту мехурад, хуни ту қоқ мекунад.
Ҳарки ба нармию хушӣ, бори вафо намекашад,
Гардану пушту паҳлӯяш, ёди шалоқ мекунад.
Ҳарки фиреби дахр хурд, фош бигӯям, эй Навид,
Мебарад обрӯи худ, кори чатоқ мекунад.
с. 2001.
* * *
Ман, ки дарси ишқро бе абҷад аз бар кардаме,
Лоҷарам ҷабру ситам бар ҷони абтар кардаме.
То дар ин водӣ ниҳодам пои худ бе поймард,
Ҳай давидам ҳар тараф, ҳай хок барсар кардаме.

Чун дурангиҳои неку бад барам якранг буд,
Эй басо хармухра бо гавҳар баробар кадаме.
Аз муҳаққиқ то муқалид, қисса бишнидам басе,
Алғараз ин ҳардувонро сахт бовар кардаме.
Дар чунин роҳи хатире, ақл буд ҳамроҳи ман,
Ҳар нафас ҷангу ҷадал, бо нафси кофар кардаме.
Гоҳ пирузӣ насиби ақлу гоҳ аз нафс буд,
Хешро дар ин миёна зору музтар кардаме.
Фитрати озоди ман, бори таъаллуқ бар надошт,
Иқтидо бар мазҳаби сарву санавбар кардаме.
Ман на озодам на бандӣ, чун зи ҷабру ихтиёр,
Умри худ сарф андарин зиндони шашдар кардаме.
Чун дар ин бозор колое ба ҷуз ҳайрат набуд,
Чашм бастам з-ин ҳама, худро қаландар кардаме.
Чун бидидам, к-андарин раҳ деву дад бисёр буд,
Аз сари фитрат ҳавои роҳи дигар кардаме.
Дафтару девони тақлидпешаи бе мояро,
Дидаму сад ҳайф бар девону дафтар кардаме.
Рангу бӯе аз вафо, дар сунбулу райҳон набуд,
Доғи ҳасрат дар ҷигар чун лола музмар кардаме.
Иддае доранд бар ман доварӣ аз шакку райб,
В-аз яқин ман такя бар додори довар кардаме.
Хурда бар гуфтори мову аз Навид камтар бигир,
Ончи устоди азал омӯхт, аз бар кардаме.
с. 1999.

* * *

Шеърам, ки аз фиғони дил эҷод мешавам,
В-аз гирдбоди ҳодиса бунёд мешавам.
Ранҷи хаёлу минати авҳомро бубар,
Сад раҳ фидои табъи худодод мешавам.
Огаҳ наӣ зи синаи дардошнои ман,
Ҳар ҷо ғамест нолаву фарёд мешавам.
Умре ба рағми ҷабру ситам бар балокашон,
Дасти дуову панҷаи имдод мешавам.
Бори таа ллуқе на ба душам чу сарви боғ,
Минатпазири фитрати озод мешавам.
Эй ишқ шуру валвала бар ҷони ман зи туст,
Додам агар намедиҳӣ, барбод мешавам.
Файзи баҳору нашъаи борони раҳматам,
“Ободҳарки гашт, ман обод мешавам”.
Ҳамшеваам ба Фонии озода, эй Навид,
“Бо ҳар диле, ки шод шавад шод мешавам”.

С 2001.

Ҳама гуфту шунуди мо, гумонастӣ саробастӣ,
Ва ё амвоҷи дарёи ҳақиқатро ҳубобастӣ.
Ҷаҳон ойинаасту накши ғайбӣ ҷилвагар дар ӯ,
Вале худро ҳамебинему ин дидан ҳиҷобастӣ.
Шабони тираи танро, ба нури ҷон бикун равшан,
Ба худ чашме кушо, к-андар замират офтобастӣ.
Ҷаҳон ҳодису, дар ҳар лаҳза аз нав мешавад пайдо,

Ту якрангӣ чӣ меҷӯӣ, асири инқилобастӣ.
Ҳама гети саросар як муаммоест сарбаста,
Ҷавоб аз кӣ ҳамеҷӯӣ, ки андар худ ҷавобастӣ.
Ба пои шавқ паймо роҳи Ҳақ, бе ҳуҷҷату бурҳон,
Ки дарси ишқ мустағнӣ, зи девону китобастӣ.
Ту бар таъмири тан пардохта, в-аз ҷон шуди ғофил,
Вале анҷоми ин маъмура, вайрону харобастӣ.
Навид умри гаронмоя, ба ғафлат меравад афсӯс,
Ту дар хобию хобат маргу бедорит хобастӣ.

С 1998.

Ман аз ин води садои ҷарасе мешунавам,
Зи насими саҳари бӯи касе мешунавам.
Шукри беҳад, ки нашуд нолаву фарёд абас,
Мужда аз муршиди фарёдрасе мешунавам.
Чӣ баҳораст, ки гулшан ҳама дар банди хазон,
Нағмаи мурғи чаман, аз қафасе мешунавам.
Ҳамраҳон рахт бубандед, салои сафараст,
Ки ман ин бонги диро, ҳар нафасе мешунавам.
Оҳ аз ин қоидаи чархи каҷи шӯъбадабоз,
Ки Ҳумо рафту, танини магасе мешунавам.
Ин на гуфтори манасту на хаёлоти Навид,
Ман аз ин қисса паси парда басе мешунавам.

С 1997.

Ошиқи озурдадилро ёр падрудаш накард,
Илтифоте ҳеҷ бар ҷони ғамолудаш накард.
Аз ҷаҳон расми вафову ошноӣ рафтааст,
Соҳиби паймон ёд аз аҳду мавъудаш накард.
Ҳарки пай бар бесуботиҳои дунё бурдааст,
Эътимоде ҳеҷ бар маъдуму мавҷудаш накард.
Ҳаркиро бахти сияҳ андар азал бошад насиб,
Раҳбараш гар Хизри некупай бувад, судаш накард.
Аҳли маъно аз сухан пай бар касу нокас барад,
Марди аблаҳ шарм аз миси зарандудаш накард.
Кай кунад некӣ бар абнои башар, он нокасе,
Чун Худои меҳрабон ончи ки фармудаш, накард.
Фитрати бебоки мову, фикри озоди Навид,
Аз ҷаҳон бигзашту ёд аз буду нобудаш накард.

С 1997.

Туро дуст дорам чунонки ҳаворо,
Чунгонки заминро, чунонки саморо.
Саропо навоӣ, саропо сурудӣ,
Туро дӯст дорам, чунонки наворо.
Чизе кам нагардад, чизе зам нагардад,
Даме биспарӣ гар ту роҳи вафоро.
Ту нақши аҷибе зи килки Худоӣ,
Туро дуст дорам, ки сунъи Худоро.
Ту пайки баҳорӣ, насими сабои,
Туро дуст дорам, чунонки саборо.

Қазо карда дилро асири нигоҳат,
Бигӯ чун бигардонам аз худ қазоро.
Бувад ишқи ту сояболи ҳумоӣ,
Марон аз сари мо ту мурғи ҳуморо.
Бигӯ чунбисозад, Навиди парешон,
Дили дардманди ба ғам ошноро.

с. 1997.

* * *

Ваҳ ки расид фарвадин, муждаи ёр мерасад,
Ҷони балаб расидаро, сабру қарор мерасад.
Мужда бидеҳ эй насим, гулшани сардхурдаро,
Рахт бибасту дай бирафт, фасли баҳор мерасад.
Хоҷа бихезу даф бизан, чарх бизан ба гирди худ,
Хонаи ғам хароб шуд, шодӣ ҳазор мерасад.
Бодия тай намудаам, марҳила пушти марҳила,
Қофила пушти қофила, панҷу чаҳор мерасад.
Баҳр бигӯ дамон шавад, мавҷзанад фиғон кунад,
Киштишикастагонро, бӯи канор мерасад.
Муршиди мо бо тозагӣ, бонги «Аналҳақе» бизад,
Муждаи васли ошиқон, аз сари дор мерасад.
Раг-рагу тору пуди ман, пур зи навои улфатаст,
Нағмаи зи ломакон бубин, бе дафу тор мерасад.
Бонги ҷарас ба гӯши ҷон, муждаи ӯ ҳамедиҳад,
Бинки зи роҳи бодия, гарду ғубор мерасад.
Ҳарф агар хато шавад, хурда магир эй Навид,
Ин ҳама ман нагуфтаам, аз лаби ёр мерасад.

с. 1997.

Даме гум гаштам аз худ бениёзиро зиён омад,
Ба души фитрати озоди ман, бори гарон омад.
Биҳиштэҷоди худ будам, ман аз афсуни берангӣ,
Зи худ рам кардаам то имтиёзи ину они омад.
Кунун дар водии улфат, дарахти отифа хушкид,
Баҳори ин чаман оғушта бо бӯи хазон омад.
Ба базми беғамон пинҳонӣ дар худ мотаме дорам,
Зи сози хандаи ноҷурам оҳанги фиғон омад.
Чу обе хурд абри осмон бо миннати дарё,
Арақ шуд аз хиҷолат, қатра-қатра з-осмон омад.
Чи медонӣ ту ҳоли зори он озода машраброʼ?
Ки бо қадди дуто гашта, ба умеди ду нон омад.
Паямбар гуфт хоке барзанед дар рӯи маддоҳон,
Хилофи ин ҳамебинам, аҷаб давру замон омад.
Аз ин саҳро насиме бас ҷунуномез меояд,
Видоъ эй ақли саркаш, пои фурқат дар миён омад.
Навид чун гавҳари воло, ба қаҳри баҳри туфонист,
Ҳуҷуми сад бало бингар, ки баҳри имтиҳон омад.

с. 2001.

Садои арғунунам мебарад то мулки ҷон имшаб,
Ба ҳар зеру бамаш пинҳон, ҳазорон достон имшаб.

Ба зоҳир хандаву дар ботинам сад гиряҳо пинҳон,
Нишотободи дилро обёре шуд, фиғон имшаб.
Кунун андар ҷаҳони дигарам, ҳолам чӣ медони,
Нишони ман намеёби, магар дар бенишон имшаб.
Баҳори дар хазон гумгаштаам, эй абри боронӣ,
Баҳори дигарам бахшо, ба ҳангоми хазон имшаб.

Теҳрон 1995

* * *

Хоҷа рӯзе рахти худ барбасту рафт,
Бо муҳиббон як даме наншасту рафт.
Пешвои роздорон ёд бод,
К-аз фироқаш ҷони моро хасту рафт.
Қудсиён дар интизори мақдамаш,
Ваҳки бо хайлу малак пайвасту рафт.
Ин аҷаб набвад, ки фарзанди расул,
Гардани куфри ҷаҳон бишкасту рафт.
Ҳусни мутлақ ҷиилваҳо бе парда кард,
Ӯ назар аз ғайри ҷонон басту рафт.
З-ин ҳама ҳангомаи кавну фасод,
Бо пару боли яқин барҷасту рафт.
Нестӣ буд чун бақои зиндагӣ,
Кард пайванд нестро бо ҳасту рафт.
Сирри ваҳдат буду канзи маърифат,
З-ин ҳама касратнамоӣ расту рафт.
Роҳи озодӣ намуд бар муслимин,
Ғулу занҷири ситам бигсасту рафт.
Ҷони покаш аз нидои «ирҷиъӣ»,
Бар ду олам барфишонид дасту рафт.

* * *

Ман аз ин раҳ то ба водии бақо хоҳам расид,
Сад кудурат пушти сар шуд, то сафо хоҳам расид.
Ҷони ман гарчи балаб омад, зи ҷаври душманон,
Бо пару боли яқин, то ошно хоҳам расид.
Гоҳ афкори парешон роҳи ақлам мезанад,
К-аз нишемангоҳи ғурбат то куҷо хоҳам расид?
Боз илҳомоти ғайби дастгирам мешавад,
То мақоми сидқ, бе рӯю риё хоҳам расид.
Ман киям маҷмуае, аз неку бад омехта,
Бо сари афканда аз шарму ҳаё хоҳам расид.
Чун шақоиқ дар дилам сад доғи ғам гул кардааст,
Қатраи ашкам, чу борони ҳаво хоҳам расид.
Гаҳ ба коми душманон, гаҳ худ ба коми аждарам,
Эй ҳарифон ман зи коми аждаҳо хоҳам расид.
Ибтидои ман яқину интиҳо ихлос буд,
З-ибтито бигзаштаам, то интиҳо хоҳам расид.
с. 1994

* * **

Шунидасти, ки дар ин шаҳр сад ҳангома барпо шуд?
Хабар омад, ки он ёри ғарибафтода пайдо шуд.
Ҳама дар гуфту гу буданд в-андар ҷусту ҷӯи ӯ,
Зи ғайбат дар шуҳуд омад, зи пинҳонӣ ҳувайдо шуд.
Биё эй зоҳиди худбин, рухи он ёри зебо бин,
Гумону ваҳм як су неҳ, ки ҳангоми тамошо шуд.
Ба боғи мо самар омад, ба шири мо шакар омад,
Ба шоми мо қамар омад, ки ҷони мурда эҳё шуд.
Зи қайду бандҳо ҷастем, зи чубу дорҳо растем,
Муъонид чанд мегӯяд, ки Исо дар чалипо шуд?
Миёни обу оташ сад фано андар фано дидам,
Бақо андар бақо омад, нишони дил ҳувайдо шуд.

*    * * *

Диле к-аз муҳаббат нишоне надорад,
Ба назди бузургон шоне надорад.
Ман он мурғи қудсам, ки дар ҳарду олам,
Ба ҷуз даргаҳат ошёне надорад.
Сари мо ба ҷуз хидмати остонат,
Сари хидмати остоне надорад.
Зи дасти фироқат чунонаст ҳолам,
Ки ҳоҷат ба шарҳу баёне надорад.
Ту он бениёзӣ, ки неку бади кас,
Ба зоти ту суду зиёне надорад.
Муродиф бувад ҳар баҳору хазоне,
Баҳори муҳаббат хазоне надорад.
Чу ман сӯхта ҷоне надида замона,
Ки дар оташасту фиғоне надорад.
Ба дунё наёбӣ ту соҳибдилеро,
Ки дар сина доғи ниҳоне надорад.

* * *

Хоҷа ба чашми ту маро, баски сиёҳ кардаанд,
Дузду қалоши шаҳрро, боз гувоҳ кардаанд.
Ман, ки зи наш,ати нахуст, чокари ину он наям,
Баски набуда огаҳам, ин иштибоҳ кардаанд.
Моҳ чи айб дорадо, лек сагони ин маҳал,
Ҷак-ҷаку ав-ави фузун, ҷониби моҳ кардаанд.
Мо зи барои маслиҳат, ҷома бадал намудаем,
Фикри ғалат намудаанд, нисбати ҷоҳ кардаанд.
Дода худо ба ҳаркасе, ончи ки дар хури ваяст,
Шон вале зи равзани хеш нигоҳ кардаанд.
Бо ту бигуям, эй Навид боз бародарон зи кин,
Юсуфи бегуноҳро, дар таги чоҳ кардаанд.

* * *

Аз саҳаргоҳон сафоро бурдаанд,
Чашми ибратошноро бурдаанд.
Фарвадин беморгуна зардрӯст,
З-ин чаман сабзинаҳоро бурдаанд.

Ҷони моро шикваҳои дигараст,
Аз гулӯи най наворо бурдаанд.
Субҳро дар чоҳи шаб андохтанд,
Покии оинаҳоро бурдаанд.
Баски шуд беобрӯи обрӯй,
З-ин дукон ҷинси ҳаёро бурдаанд.
Буи ҷӯи мулиён н-ояд дигар,
Накҳати боди саборо бурдаанд.
Ман чӣ гуям аз тиҳичашмони давр,
Ваҳки качкули гадоро бурдаанд.
Такягоҳе ҷуз сари зону намонд,
З-ин миёна муттакоро бурдаанд.
Миси моро зар намудан мушкиласт,
Баски дуздон кимиёро бурдаанд.
Сад худо гуфтему дашвори ҳамон,
Чун зи дил завқи дуоро бурдаанд.
Бас дили бишкаста бепайванд монд,
В-ин табибон мумиёро бурдаанд.
Ҳар гиёҳе ҳаст дар ин кишта лек,
Донаи мардумгиёро бурдаанд.
Нақбзанҳои хазина кистанд?,
Ё магар, ки нақши поро бурдаанд?.
Тирачашму тирадил биншастаем,
Во дареғо тутиёро бурдаанд.
Хоб дидам ин саҳаргаҳ, эй Навид,
Назди хоҷа моҷароро бурдаанд.

с. 2001.

Вақтаст то аз ин дар, ҷои дигар гурезам,
Пое зи сар бигирам, беповусар гурезам.
Як душманаст дар пай, чобуку чӯсту чолок,
Шояд ба хоб монда, ман бехабар гурезам.
Ғафлат надорад аз ман, ҷуз шаб, ки ӯ бихобад,
Шабро ба ӯ гузорам, вақти саҳар гурезам.
Шаб ҳам ба хоб ояд, ғавғову ав-ави ӯ,
Лоҳавла гуяму пас, то пушти дар гурезам.
Девонааст ин саг, занҷири худ гусаста,
Ҳарҷо, ки бинам ӯро, осемасар гурезам.
Гар моҳро бубинад, девонатар бигардад,
Девонатар бигардад, девонатар гурезам.
Ман куфта гардам аммо, ӯ ҳамчунон дар так,
Ӯ хастагӣ надорад, ман ҳарқадар гурезам.
Шабро ба рӯз орам, ку хобу истироҳат,
То боз рӯз ояд, ман аз хатар гурезам.
Ночор боядам кушт, ин саги нафси бадкеш,
Варна халос набвад, гар то Қатар гурезам.

с. 1981

Ин саҳар гузори мо, бар диёри шабнам буд,
Боғу роғи ин водӣ, чун биҳишт хурам буд.
Боғ масту саҳро маст, дидаи тамошо маст,
Созу барги сад мастӣ, ҳарчи буд фароҳам буд.

Ҷилваҳои зебоӣ, беҳиҷоб дидастӣ?
Пардае набуд онҷо, чун нигоҳ маҳрам буд.
Боғ боғи ҷаннат буд, бод боди раҳмат буд,
Куҳ Тури Сино буд, об оби Зам-зам буд.
Ман ба қулзуми шабнам, бас шино намудастам,
Обу рӯшаноиро, дидаам, ки бо ҳам буд.
Лоларо на доғе буд, ҳам зиғам фароғе буд,
Боварат агар ояд, як ҷаҳони беғам буд.
Аз сабо чу Руҳул қудс, гашта боғ обистан,
Ғунчаҳои душиза, ҳаряке чу Марям буд.
З-он ҷаҳони зебоӣ ҳасрате ба дил дорам,
Дидаи тамошоро, фурсати нигаҳ кам буд.
Эй Навид агар хоҳӣ, қиссаро зи сар гуям,
Ин саҳар гузори мо, бар диёри шабнам буд.

с. 2001.

Лаҳзаи бо ту буданам, лаҳзаи ҷовиданӣ буд,
Ишқи заминии маро, нашъаи осмонӣ буд.
Бо ту бало бало набуд, бо ту фано фано набуд,
Лаҳзаи бе ту буданам, мотами зиндагонӣ буд.
Фурсати як баҳор буд, фасли шукуфтани маро,
Чашм чу боз кардаам, дамдамаи хазонӣ буд.
Ин дили доғ дори ман, мазҳаби лола дорадо,
Хандаи бенишоти ман, аз алами ниҳонӣ буд.
Аз худу аз ҷаҳони худ, тирадилу фусурдаам,
Огаҳиям ҳарончи буд, ғафлату саргаронӣ буд.
Баски фузулӣ кардаам, ногаҳу гаҳ ба даргаҳаш,
Пурдил аз он будам, ки ӯ, дар сари меҳрубонӣ буд.
Гумшудаам ман эй Навид, бодияии вуҷудро,
З-онки нишони роҳи ӯ, дар раҳи бенишонӣ буд.
с. 2001.

Эй шоҳидон бипурсед, ёри шаробиямро,
Боре ба ёд орад, ҳоли харобиямро.
Боғи хаёли ӯро, сероб карда будам,
Обе дигар намонда, чашмони обиямро.
Дар боғ бо хаёлаш, пинҳонӣ гиря кадам,
То чашми гул набинад, ашки гулобиямро.
Дар ҷодаҳои ғунча, бисёр гашта будам,
Эй шохи гул бибахшо, ин беҳиҷобиямро.
З-ин бодия гузаштӣ, бар Хизри вақт баргӯ,
Аҳволи ташнаҷонӣ, вазъи саробиямро.
Чун соя чанд башем, паҳлу ниҳода бар хок,
Аз мо салом гуед, он офтобиямро.
Рӯзе зи баҳри ҳастӣ, гавҳар бурун биёранд,
Ман эй Навид, чигӯям, ӯзри ҳубобиямро?

Душанбе 2002.

Шаби душин баёдат дар сарам ошуби маҳшар буд,

Нигаҳ бар дидаи бехоби ман, чун неши ханҷар буд.
Баҳори рафтаро пайдо намудам аз тасавурҳо,
Ҳама рангаш хазонӣ буд, ҳама гулҳош парпар буд.
Нигаҳ аз қади болои ту болотар, надидастӣ,
Агарчи боғи шаҳри мо, пур аз сарву санавбар буд.
Ба шаҳристони дил о ваҳ, чӣ пинҳон омадӣ рафтӣ,
Тамоми кучаҳо аз накҳати зулфат муаттар буд.
Ба имони баҳорӣ меравам то фасли бишкуфтан,
Ки инкори зимистонии ман, аз руи бовар буд.
Бахоб андар бидидам, к-аз шабонам тирагӣ рафта,
Ду дасти бар дуо бардоштаам пурмоҳу ахтар буд.
Чу мурғони мусофир рахт мебастанд бар куят,
Дили пур ҳасрати ман, баста дар боли кабутар буд.
Баёдат соҳати дилро баҳоробод кардастам,
Ба сайри ин чаман ҳар гаҳ, ки рафтам тозаву тар буд.
Ду дунё гар масалро, ҳар яке чун дафтаре бошад,
Вале нақши ҷамоли ту, бурун аз ҳарду дафтао буд.
Навид аз лавҳи дил ҳарфе ду-се duздидаам имшаб,
Агарчи сураташ ин аст, вале маънош дигар буд.

Душанбе. 2002.

Боди саҳро бидиҳад шарҳи парешонии ман,
Ту чӣ дони зи ману бесарусомонии ман.
Агарат дар дили ҳодиса гузор афтодаст,
Бишавӣ огаҳ аз ин ҳолати туфонии ман.
Дар шигифтам, ки ҷунун раҳзани ақлам нашавад,
Дар чунин вазъи парешонию буҳронии ман.
То бакай дар тафи ин бодия саргардонӣ?
Раҳ ба Мино набарад, ноқаи қурбонии ман.
Бо ҳама сохтан аз баски нифоқолудаст,
Бо дурангӣ нахӯрад, тинати имонии ман.
Аз бадан моя гирифтанд, ҳарифон варна,
Баҳравар будаанд аз нашъаи руҳонии ман.
Ман нагуям, ки сухан, фоқиди маъно гашта,
Ин маонӣ шудааст, боиси ҳайронии ман.
Атри гул дар қадаҳи лола шамидастӣ магар,
Аз чаманзори ману, табъи гулистонии ман.
Чун сабо роҳи дили ғунча бидонӣ онгаҳ,
Офарин хони ба завқи ману раҳдонии ман.
Ноқидон ҷавҳари маъни нашиносанд басе,
Аз гаронҷонии ин тоифа арзонии ман.
В-аз тунукобию камзарфии ин булаҷабон,
Дониши маҳбасию, фитрати зиндонии ман.
Ашк рушангари рози дили пурхуни манаст,
Дили маҳзуни ману, дидаи боронии ман.
Силии сад гунаҳам, чехраи дил карда сиёҳ,
То қиёмат наравад, доғи пушаймонии ман.
Аз хирад ҳамчу Навид, баски тағофул кардам,
Оқилон нукта нагиред, ба нодонии ман.

Душанбе. 2002.

Номи ту ба лаб омад, нағмаву тараннум шуд,
Нашъаи висоли ту, ҷому бода шуд, хум шуд.
Порае зи нур уфтод, аз куҷо намедонам,
Ҳастӣ дар миён омад, дар адам талотум шуд.
Он ҷамоли мутлақро, шавқи дидани худ буд,
Ронда аз биҳишт Одам, дар баҳои гандум шуд.
Мири маҷлиси имкон, аз хирад ҳамелофид,
Ишқ рух намуд он дам, ақли булҳавас гум шуд.
Ламъае зи нури Ҳақ, бар ҷимоди улвӣ зад,
Барқ шуд шаҳобе шуд, моҳу меҳру анҷум шуд.
Дил ҷаҳони маъно буд, савт ку ҳиҷое ку,
Маънӣ бар забон омад, ҳарф шуд, такаллум шуд.
Чашми даҳрӣ нобино, пои фалсафӣ дар гил,
Он чаро намебинад, в-ин чаро зи раҳ гум шуд.
Аз насими руҳонӣ баҳравар набуд ҷоншон,
Кори ин ду бечора, дар сари таваҳум шуд.
Нури Ҳақ ҳаметобид, суи Ясрибу Батҳо,
Мустафо бурун омад, муқтадои мардум шуд.
Аз латофати табъаш, эй Навид пурсидам,
Сад баҳори болида, ғарқа дар табасум шуд.

Душанбе 2002.

Ҳадиси ишқи ҷонсузи туро, дар анҷуман гуфтам,
Заҳури ҷони ҷонро, дар таҷаллигоҳи тан гуфтам.
Зи бас ғафлатпаноҳон бехабар аз муддао буданд,
Ба ин Юсуффурушон, қиссаҳо аз пираҳан гуфтам.
Далели норасоиҳои худро кардаам ҷуброн,
Зи Бастому Нишопуру, зи Бағдоду Қаран гуфтам.
Басе мардони зангуна, бидидам в-аз сари ғайрат,
Каломи ибратомузе, зи мардиҳои зан гуфтам.
Паёме аз таҷаллии ҷамоли оламороят,
Ба гуши сабзаву гулҳои хушранги чаман гуфтам.
На ман гуфтам, агар ту нектар андеша бигморӣ,
Гаҳе аз ину он гуфтам, гаҳе аз мову ман гуфтам.
Зибас шавқи ҷамолат, домани андешаам бигрифт,
Зи қадди сарву, чашми наргису, бӯи суман гуфтам.
Хазоне дар чаман будам, ғарибе дар ватан будам,
Агарчи бо ҳарифон нукта аз “ҳубулватан” гуфтам .
Мусофир будаам дар водии ҳайрат, Навидосо,
Зибас ошуфтаҳолам, бо парешонӣ сухан гуфтам.

Душанбе. 2002

Чун шамъ дар ин анҷуман, сад гуна доғам дар бағал,
Ашкам ба рух оташ ба сар, дуди димоғам дар бағал.
Ёди баҳорон кардаам, аз дида борон кардаам,
Андар хазони зиндагӣ, гулҳои боғам дар бағал.
Аз тундбоди ҳодиса, дар зулмати шабҳои тор,
Чашмам сиёҳӣ мезанад, аммо чароғам дар бағал.
Сад корвон бигзашту ман, дар зери нахли орзӯ,
Афсурдадил биншастаам, пои фароғам дар бағал.

Эй ҳамдилон! эй ҳамдилон! инак салое мезанам,
Аз кӯи риндон омадам, ҷому аёғам дар бағал.
Борони раҳмат рехта, дар соҳати ҷони Навид,
Сайри баҳори ман биё, сад боғу роғам дар бағал.

Душанбе. 2002

Мутрибо созе бизан то даври худ даврон занем,
Пардаи тан бардарем, дар мулки ҷон ҷавлон занем.
Сафҳаи сад дафтару девон, сияҳ кардан чи суд,
Оташе аз сӯзи дил, бар дафтару девон занем.
Тутиёни гулшани қудсем, аз ноогаҳӣ,
Дар паси оина то кай худ ба худ ҳазён занем.
Мо зи Ҳиндустони ҷон, дар банди тан уфтодаем,
Кай қафасро бишканем, худро ба Ҳиндустон занем.
Чормехи хаймаи танро бикан, эй хаймагӣ,
То ба саҳни гулситони қудс шодурвон занем.
Қатраи ашки надомат ҳам, зи абри раҳматаст,
Хез оби раҳмате бар оташи исён занем.
Худнамоиро дусад бурҳону ҳуҷҷат сохтем,
То ба кай мо такя бар ин ҳуҷату бурҳон занем.
Пои мо дар роҳи Ҳақ лангасту аз нобихрадӣ,
Дам ба дам санги маломат барсари шайтон занем.
Эй Навид фармони девони қазо бозича нест!
Хез, то муҳри итоат зери ин фармон занем.

Душанбе. 2002

Нағмаи таманноям, сози дигарам дар дил,
Аз баҳорҷушиҳо, шӯри маҳшарам дар дил.
Ғарқа дар сиришки худ, ҳамчу барги нилуфар,
Ҷуши хандаам бар лаб, дидаи тарам дар дил.
Масти маст меоям, аз куҷо намедонам,
Нашъаи маям дар сар, ҷому соғарам дар дил.
Ман дарахти боронам, ҳамқади баҳоронам,
Шохи пургулам дар ҷон, решаи тарам дар дил.
Қатрае зи найсонҳо, назри ҷони ман карданд,
Рӯшаноӣ мерезад, мавҷи гавҳарам дар дил.
Як чаман ғазал дорам, вожаҳо зи барги гул,
Рангу буй мекорад, нақши дафтарам дар дил.
Шодихурдаи ишқам, эй Навид медонӣ?
Номи дилбарам бар лаб, меҳри дилбарам дар дил.

Душанбе 2002

Хуб шуд, ки ин чаман помоли туфоне нашуд,
В-ин парешонии мо назри парешоне нашуд.
Ҳайратеҷодаст сайри ин чаман огоҳ ку,
Огаҳ аз худ кай бувад, ҳар кас, ки ҳайроне нашуд.
Лофи доноӣ маро дур аз саводи ишқ кард,
Файзи дониш кай барад ҳар кас, ки нодоне нашуд.

Нашъаи бORони найсон, дар баҳорон асту бас,
Абр омад дар хазону ҳеҷ найсоне нашуд.
Оре-оре з-оташи дил найситонҳо сӯхтанд,
Оҳи мо оташ набуд, сарфи найистоне нашуд.
Ноқаи мо ё ҳарам гумкарда ё роҳӣ маҳил,
Ё зи рӯи лоғарӣ дархурди қурбонӣ нашуд.
Фоли маҷнунӣ задему ҳам тағофул аз хирад,
Маҳмили Лайлӣ намоён аз биёбоне нашуд.
Узри ин беэътибориҳо куҷо гӯям Навид,
Зарраи гумгаштаи мо гарди домоне нашуд.

Душанбе. 2002

Як дил, ки ҳамраҳам буд, ҳампои оҳ рафта,
Чашмам дар интизорӣ, ҳар лаҳза роҳ рафта.
Аз дил хабар чӣ пурсӣ, гуфтам, ки дар барам нест,
Аз ман назар чӣ хоҳӣ, гуфтам нигоҳ рафта.
Дар интизори фардо, имрӯз ҳам гузашта,
Фардо нагашта оғоз, андар пагоҳ рафта.
Як боғи ғарқи ханда, имрӯз сар фиканда,
Бо ҷомаи дарида, в-аз сар кулоҳ рафта.
Гулҳои ин чаманро, обе ба рух намонда,
Не-не ғалат намудам, дар зери коҳ рафта.
Бозори гарм имрӯз, Юсуффурӯшиҳоро,
Ине ба ҷоҳ мағрур, в-оне ба чоҳ рафта.
Онро, ки пойбӯсӣ буд мояи тафохур,
Аз дасту пой бӯсӣ, то дастгоҳ рафта.
Онро, ки аз мурувват, садсола роҳ дураст,
Бо сад ҳазор хорӣ, мо узрхоҳ рафта.
Дар ойини футувват, миннат на кори мардист,
В-ин моҷаро зи моҳӣ то рӯи моҳ рафта.
Тардомане зи покӣ, лофад магар аҷаб нест?
Ӯ гашта поку беғаш, мо дар гуноҳ рафта.
Оре Навид бояд, иқрори ин гунаҳ кард,
Аз рӯи содагиҳо, ин иштибоҳ рафта.

Душанбе.25.06.02

Ҳар нафас ҳангомае аз чархи гардун рехтанд,
Дар фарози ин ҷаҳон, нақши шабехун рехтанд.
З-ин чаман ҷамъияти хотир намеояд ба даст,
Бар сари ин лолазорон, ташти пурхун рехтанд.
Марг аҳли ҷоҳро дар ҳоли мастӣ мерасад,
Дар хамири ин хасон аз оби афюн рехтанд.
Софии ойина торочи кудурат гаштааст,
Бар дили аҳли сафо борони афсун рехтанд.
Ҷамъиятро аз парешонӣ мураккаб сохтанд,
Хотири осударо, з-ин ҷамъ берун рехтанд.
Зери сақфи ишқ, ақли муддаиро ҷой нест,
Хишти ин вайронаро, аз хоки Маҷнун рехтанд.
Аз яқини оқилон, як Боязиде сар назад,
В-аз гумони орифон, ақли Фалотун рехтанд.

Ҳасратеҷодаст аз бас табъи ғамолуди ман,
Дар тараб ҳам ашкҳо бар ҷони маҳзун рехтанд.
Ин ҷаҳон бо вусъати худ, тангное беш нест,
Эй Навид, камзарфиҳо бар дашту ҳомун рехтанд.

Душанбе. 2002

Моему бар дил бори маломат,
Дар куи риндон рахти иқомат.
Ҳар лаҳза маҳшар барпост инҷо,
Мо интизори рӯзи қиёмат.
Аз оби чашмон шояд фишонем,
Аз чеҳраи худ гарди надомат.
Аҳде, ки бастем аз ёд рафта,
Ку пойдорӣ, ку истиқомат?!
Мо худ киҳоем, дар ҳазрати тӯ,
Бо он бузургӣ, бо он каромат.
Мурғи ҳаворо пар канд бояд,
То боз гардад, моро шаҳомат.
Аз ин биёбон ояд саворе,
Аз дур дидем чандин аломат.
Олуда домон, ҳамчун Навидем,
Войи намозу войи имомат.

Душанбе. 2002

Нағмаам к-аз норасоиҳо асар дуздидаам,
Нолаам к-аз дардҳо хуни ҷигар дуздидаам.
Шабнами боғи таманноям ба нозукгавҳарӣ,
Ин сафову рушанӣ, аз чашми тар дуздидаам.
Хира-хира имтиёзи неку бад дорам агар,
Аз нигоҳи хушнигоҳон, як назар дуздидаам.
Гар каломам дар мазоқи аҳли маъно шаккар аст,
Оре-оре ин ҳаловат, аз шакар дуздидаам.
В-ар баҳори табъи ман, шодобу гулафшон бувад,
Аз гулистони хирад, як барги тар дуздидаам.
Сӯзише дар ҷони нооромі ман донӣ зи чист?
Шӯълае аз шамъу в-аз парвона пар дуздидаам.
Маънии мавзун агар дар дафтарам пайдо шавад,
Ман зи лавҳи хотири худ бехабар дуздидаам.
Гар ба хошоки ҷаҳолат, оташе дар додаам,
Ахгаре дар сина дорам, з-ӯ шарар дуздидаам.
Чун набошад қомати андешаам гардунситез?
З-ин баландиҳо, ки аз куҳу камар дуздидаам.
Интизори матлаъи хуршедам аз машриқи дил,
Заррае аз гарди домони саҳар дуздидаам.
Ҳимате бо ин баландӣ, дасти бо ин кутаҳӣ,
Бин, ки аз шохи баланде ман самар дуздидаам.
Ин қадар донам, ки беҳосил наям, ҳамчун Навид,
Андак-андак, з-аҳли дил илму ҳунар дуздидаам.

Душанбе. 2002

Биё, ки бо ту моро сахт кораст,
Ҷигар пурхуну дил пур доғдораст.
Ба ҳар водӣ, ки чашми худ кушодам,
Ғубор андар ғубор андар ғубораст.
Зи ҷабру ихтиёри мо чӣ пурсӣ?
Ки моро ихтиёрат ихтиёраст.
Ба дарёи бало андар фитодем,
Наҷоти киштии мо дар канораст.
Ҷаҳони эътибори мо ту бошӣ,
Чаро гӯи ҷаҳон беэътибораст.
Табассум бар лаби мо заҳрхандаст,
Дили мо нусхаи сад лолазораст.
Қиёматинтизорони ҷаҳонем,
Ки моро фитнаҳо дар интизораст.
Зи бас шавқи шукуфтан мурда дар мо,
Ҳуҷуми сад хазон андар баҳораст.
Биё то бар сари паймон бимонем,
Ки аҳди ин ҷаҳон нопойдораст.
Агар мо бад бувем ту нек мебош,
Ки некию бадиҳоро шумораст.
Бадему интизори сад накуӣ,
Аз он к-ӯ неку бадро кирдгораст.
Чу ман худ дар шуморе бар наоям,
Чаро гӯям, ки ҷурмам бешумораст?
Худоро кай намуд ойинаи мо,
Ки ӯ бо худнамоиҳо дучораст.
Мадоро кун нигорино мадоро,
Ки даври чархи гардун бемадораст.
Навид, аз мо бигӯ он ошноро,
Ки бету ҳоли мо бисёр зораст.

Душанбе. 2002

Ҳақо, ки ҷаҳон сарои ишқаст,
Дар шаш ҷиҳаташ навои ишқаст.
Инҷо адаму вуҷуд як ҷост,
Дар айни фано бақои ишқаст.
Афлок зи ваҷд мебичархад,
Саргаштаву мубталои ишқаст.
Донӣ, ки баҳор аз чӣ зебост?
Ойинаи худнамои ишқаст.
Гармои тамузро бидидӣ?
Дар тобу таб аз ҳавои ишқаст.
Рухсораи зард тирамаҳро,
Донӣ зи чӣ? Аз балои ишқаст.
Ранг аз рухи дай чаро парида?
Даҳшатзада аз ҷафои ишқаст.
Бозори ғамаст ҷони ошиқ,
В-ин ғусаву ғам баҳои ишқаст.
Не-не на ғаму на шодмонист,
Болотар аз ин ду ҷои ишқаст.
Сад ҷилваи ранг-ранг дорад,
Маъшуқ, ки дар қабои ишқаст.

Аз ҳоли Навиди мо чӣ пурсӣ,
Гар шоҳ бувад, гадои ишқаст.

Душанбе. 28.09. 02

Намедонам чӣ мехоҳад дили бе муддаои ман,
Ба ҷое меравад, к-он ҷо на ҷои ӯ на ҷои ман.
Ҳама шаб дар муноҷотам, балои ишқ мехоҳам,
Ба домони иҷобат кай расад дасти дуои ман.
Ғаматро дӯст медорам, ки андар шодию ғам буд,
Аниси кунҷи танҳоӣ, ба ғурбат ошнои ман.
Талабро зинда медорад, ба мақсад норасиданҳо,
Худоё ибтидои кори ман кун интиҳои ман.
Вафои чун мане кай дархури аҳди ту хоҳад буд,
Ки аз бишкастану бастан, ба ҳам омад вафои ман.
Куҷо як саҷдаи мақбул нақше бар ҷабинам шуд,
Азонро ханда омад, бар намози норасои ман.
Ба ин камзарфиҳо дар дил таманнои дигар дорам,
Ки Симурғи ҳақиқат пар занад андар сарои ман.
Агар дил домани васлат раҳо карду ман аз дилро,
Ҳамин ранҷу ғамаст охир, сазои ӯ сазои ман.
Навид аз сар бурун кардам, ҳавои ину он яксар,
Шунидастам, ки пинҳонӣ ба сар дорӣ ҳавои ман.

Душанбе. 2002

Як даме кай вориди майхонаҳои дил шудам?
Сар ба пои хум ниҳодам, масти лояъқил шудам?
Хомӣ ҳам аз худ камоле дораду ман бехабар,
Хоми комил кай будам, то пухтаи комил шудам?
Ин қадар донам зи афсуни дили бе муддао,
“Дар китоби ошиқӣ, як нуктаи мушкил шудам”.
Ақл роҳам мезанад, ишқи ҷунунпарвар куҷост?
Пои худ дар банд дидам, то чунин оқил шудам.
Дил ба ҳоли хештан месӯзадам дар анҷуман,
То ба пиндори ҳарифон шамъи ин маҳфил шудам.
Гаҳ хатоям сӯи Ҳақ бурду савобам бар хато,
Менадонам дар раҳи Ҳақ ё раҳи ботил шудам.
Орзуи мавҷи баҳру шури туфонам ба сар,
Нохудое ку, ки ман побастаи соҳил шудам.
Аз қиёматинтизорони ҷунунам, эй Навид,
Сури маҳшар кай дамад, муштоқи Исрофил шудам.

Душанбе. 2002

Бӯи баҳор мерасад ҳарҷо, ки меойӣ,
Чашминтизор сад чаман гулҳо, ки меойӣ.
Гуфтӣ ниҳон зи дидаи ағёр бехабар,
Як шаб барои диданам танҳо, ки меойӣ.
Чун шамъ ҳастии маро фурсат ҳамин шабаст,
Дудам зи сар ҳамеравад фардо, ки меойӣ.
Имшаб ба сози ҷони ман оҳанги дигараст,
Дил метапад ба ёди ту оё, ки меойӣ.
Саҳни сарои дил бизанам обе аз сиришк,

Эй хушхиром зи шавқи таманно, ки меойӣ.
Дар ҷодаи хаёли ту, эй корвони ишқ,
Биншастаам ғарибу шикебо, ки меойӣ.
Бар гӯши ҷон навое, зи улфат ҳамерасад,
Аз кучаҳои шаҳри дил ғавғо, ки меойӣ.
Гарди вуҷуди мову таманнои офтоб,
Пинҳон зи худ ҳамешавам пайдо, ки меойӣ.
Зебот гӯяму на бадон шевае, ки ту,
Ҳар лаҳзае ба сурати зебо, ки меойӣ.
Ҳам соқию шаробии хумхонаи ҷамол,
Масту харобу бедилу шайдо, ки меойӣ.
Не пои рафтанам ба дарат, ҳамраҳи Навид,
Ху кардаам ба ғурбати дунё, ки меойӣ.

Душанбе 10.09.02

Номаи ишқи ту зи бар кардам,
В-аз ҷамоли ту қисса сар кардам.
Ин хабарҳо ҳама зи бехабарист,
Хоҷа бишнав, туро хабар кардам.
Роҳи ноошно хатар дорад,
Борҳо тарки ин сафар кардам.
Лек шавқи висол мекашадам,
Ҷони худ назри ин хатар кардам.
Сар назад офтоб, зи машриқи дил,
Чун шафақ хун дар ҷигар кардам.
Қадаҳи лола пур зи хуни диласт,
Майли саҳро зи дил бадар кардам.
Ҳама ҷо ҷилваи ҷамоли ту буд,
Зеру боло агар назар кардам.
Аз сухан коми дил чӣ меҷӯӣ?
Эй Навид, қисса мухтасар кардам.

Душанбе 20.09.02

Моҳи наве омад бурун, эй хоҷа рӯи бом рав,
Ин муждаро бар хос гӯй, в-онгаҳ ба сӯи ъом рав.
Ин ҷилваро фурсат камаст, дамро ғанимат мешумар,
Бар шом гӯ, оҳиста бош, бар моҳ гӯ ором рав.
Ҳаргиз надонистӣ кийӣ, ҳардам талабгори чийӣ?
Имрӯз, ки аз худ растаӣ, з-оғоз то анҷом рав.
Гар пухта дар оташ ниҳӣ, хокистаре ояд ба каф,
Хомаст кори пухтаҳо, то пухта гардӣ хом рав.
Гар сер бошӣ, з-ин ғизо бар ту набахшанд косае,
Рав гушна шав бар хони ҳақ, в-онгаҳ ба сад икром рав.
Ин бозият чун кӯдакон, аз шири ҳикмат дур кард,
Бас гушнаву лабташнаӣ, андар канори мом рав.
З-ин шаҳри пур аз деву дад, охир дилат нагрифтааст?
Ё сӯи Руму Рай хиром, ё ҷониби Бастом рав.
Печидаӣ дар сулҳу ҷанг, саргаштаӣ дар ному нанг,
Ин огаҳӣ ноогаҳист, девона шав бадном рав.
Дасти таваҳҳум кутаҳаст, пои тахайюл ланги ланг,
Бар марғзорони шуҳуд, аз водии авҳом рав.
Аз саъду наҳси ин ҷаҳон, қатъи назар кун, эй Навид,

В-онгаҳ зи таслиму ризо, хуштолеъу хушком рав.

Душанбе 22.09.02

Эй ҳавас афсурда, дилро назри як назора кун,
Гар набошад қобили назора, дилро пора кун.
Андарин раҳ чораву тадбир кай ояд бакор,
Чора ҷуз бечорагӣ набвад, биёву чора кун.
Мурғи ҷон дар маҳбаси нопоки тан, омад ба танг,
Ин қафасро бишкану в-ин мурғро овора кун.
Нафс амрат мекунад ин ҷо бирав, он ҷо бирав,
Ту марав ин ҷову он ҷо, тарки ин аммора кун.
Гар ҳаму маккора аст, дар макри яздонӣ гурез,
Вон гаҳ аз макри илоҳӣ, дафъи ин маккора кун.
«Макару ва макаруллоҳ»-ро, зи ёди худ мабар,
Ҳирзи ҷони худ намо, такрори он ҳамвора кун.
Нуҳ фалак андар самоъ омад, зи ҷазбай ишқи ҳақ,
Як назар дар чархиши ин собиту сайёра кун.
Андарин водӣ басе патёра роҳат мезанад,
Аз «аъузу қулҳуваллоҳ», садди ин патёра кун.
Қути ҷони одамӣ, аз моидай Раҳмон бувад,
Гови парворӣ бувӣ, ёди каҳу кунҷора кун.
Аз сари андеша бигзар в-аз тахайюл, эй Навид,
Эй ҳавасафсурда, дилро назри як наззора кун.

Душанбе. 09.2002

# Маснавиёт

## Паём

Сароғози нома ба номи Худой,
Ки афканда моро зи ҷое ба ҷой.
Салом, эй бародар, салом, эй бародар!
Саломи самимӣ зи шаҳри Пишовар.
Саломе зи фурқат, саломе зи ғурбат,
Саломе зи ҳиҷрон, саломе зи ҳиҷрат.
Саломе зи қалби пур аз ёди меҳан,
Саломе зи фарзанди ношоди меҳан.
Саломе, ки бо ашк олуда бошад,
Саломе, ки аз дида полуда бошад.
Салом, эй бародар, туро ёд кардам,
Нишастам ба кунҷею фарёд кардам.
Надонам бародар, ки ҳоли ту чун аст,
Зи ман гар бипурсӣ, дилам ғарқи хун аст.
Ки дурам зи ёру зи фарзанду меҳан,
Ҷудо аз бародар, зи пайванду маъман.

Ва ҳоли падарро надонам, ки чун аст,
Дилаш аз фироқам пур аз мавҷи хун аст.
Кунам илтиҷо ман ба даргоҳи довар,
Ки бозам расонад ба ёру бародар.
Дигар дар дилам сад хаёлу гумон аст,
Ки хешу ақориб магар дар амон аст?
Вале боз гӯям Худо меҳрабон аст,
Кафилу нигаҳбони дармондагон аст.

Пешовари Покистон.1993

# Тапишҳои нафас

Дар тапиданҳо мазоқи дигар аст.
Шишаи моро шикастан ҷавҳар аст.
Ин тапиданҳо на баҳри мову ман,
Мову манҳо маҳв шуд дар хештан.
Гар тапиданро ғараз андар қафост,
Ранҷи беҳудасту кори норавост.
Беғараз обе ба дарё меравад,
Беғараз боде ба саҳро меравад.
Беғараз оташ забона мезанад,
Беғараз нахле ҷавона мезанад.
Алғараз ин ҷунбишу в-ин моҷаро,
Модаи ҳастию қонуни бақо.
Дар тапиданҳо бақои олам аст,
Орамиданҳо фанои олам аст.
Ман агар ором в-ар осудаам,
Аз бақо сӯи фано раҳ бурдаам.
Мурдани мавъуд, оре мерасад,
Маргҳои ихтиёрӣ беадад.
Ҳарки пай ба рози ҳастӣ бурдааст,
Ҷуръае аз оби ҳикмат хӯрдааст.
Назди ӯ маълум, к-аз аҳли диласт,
Марг осон, зиндагонӣ мушкил аст.
Ин нидо аз як дили бедард нест,
Зинда будан кори ҳар номард нест;
Эй басо танпарварони ҷонфурӯш,
Мурдаи садсола наъши худ ба дӯш.
Эй Худо, аз бори тан моро раҳон,
То сабукборона оем сӯи ҷон.
Тан агар ғолиб шавад, бар ҷони мо,
Вои мою кулбаи вайрони мо.

Бадахшон.1994

Маро з-ин будани мавҳум нангаст,
Дилам аз ҳасрату андӯҳ тангаст.

На аз зулмоти тан ёбам раҳоӣ,
На аз абвоби ғайбам, даркушоӣ.

“Барои хотирам ғам офариданд”,
Маро аз чашми шабнам офариданд.

Ба ман пайғоми нуре буд рӯзе,
Башоратҳо зи дуре буд рӯзе.

Ба дорул мутмаинин чун расидам,
Ҷаҳоне дар миёни нур дидам.

Кунун з-он нурҳо ёдаст бо ман,
Даруни сина фарёдаст бо ман.

Даре, ки во намудӣ боз бастӣ,
Пару боли таманноям шикастӣ.

Раҳе бинмо, ки раҳ гум кардаям ман,
Сафар андар тавахум кардаям ман.

Маҷоли рафтанам тангаст ин ҷо,
Ва пои ақли ман лангаст ин ҷо.

Раҳи дурасту ман раҳношиносам,
Саропо бастаи ваҳму қиёсам.

Ба илҳомоти ғайбӣ уқда бикшой,
Ва ё Хизри раҳе ҳамроҳ бинмой.

Зи ҳоли ман хабар кун сорбонро,
Таваққуф деҳ замоне корвонро.

Навид аз ту туро меҷӯяд, эй дӯст,
Ба ҷон роҳи туро мепӯяд, эй дӯст.

с. 1995
Нурҳо дар зулмати шаб дидаам,
Дар дили санги сияҳ таб дидаам.
З-Ин биёбон корвон ояд ҳаме,
Корвон бо сорбон ояд ҳаме.
Сорбони роҳи ҳақ паймудае,
Дар паноҳи лутфи Яздон будае.
Лутфи Эзид дар азал ҷӯшидааст,
Асрҳоро файзи ӯ пӯшидааст.
Найнаво аз найситоне мерасад,
Бар тани афсурда ҷоне мерасад.
Боз сармасте бурун ояд зи дайр,
Аз қирони ахтарони нексайр.
Дар хазон бӯи баҳоре мерасад,
Раҳрави соҳибиёре мерасад.
Нола андар синаи мо хун нашуд,
Дасти ҳақ аз парда то берун нашуд.
Нағма аз аввал маҷозӣ мешавад,
З-он сипас савти ҳиҷозӣ мешавад.
Ин тароват аз баҳори дигараст,
В-ин наво аз шохсори дигараст.

Он чаман заҳри зимистонхурда нест,
Шоху барги ӯ хазонафсурда нест.
Розҳо дар парда бошад мустатир,
Мункири ин роз «каззоби ашир».
Ин чароғеро, ки Ҳақ равшангараст,
Аз «уфул» эмину чизи дигараст.
Ҳар ки андар партави ӯ роҳ рафт,
Аз ҳама бигсасту сӯи шоҳ рафт.
Мункири ин роҳ хорасту забун,
«Ло тухотибҳум фаҳум ло ярҷиъун».
Ҳамчу хаффошон зи хуршед дар нуфур,
Чанд гӯӣ баҳрашон «аллаҳу нур».
Ҳам ба шаъни ин дадони пурнафир,
«Анкарал асвот, ласавтул ҳамир».
Эй каримо, чашм бахшо то ки мо,
Роҳи ту гирем бе рӯю риё.
Роҳи дашвор аст, моро даст гир,
Мо зи по афтодагонему асир.
Пой бахшо то ки пӯянда шавем,
Завқ бахшо то ки ҷӯянда шавем.
Мо бадаргоҳат ниёз овардаем,
Хоифем бар ту малоз овардаем.
Бар муроди мо баровар коми мо,
Беҳтар аз оғоз кун анҷоми мо.
Аз ғараз пок аст, ҷони мо Навид,
Муждаҳо аз олами боло расид.

Афғонистон. 1993

Бор илоҳо хаставу афсурдаам,
Раҳ ба куи номуродӣ бурдаам.
Чашми ман з-ин диданиҳо баста беҳ,
Ҷони ман з-ин фитнаҳо вораста беҳ.
Дил ба ҷои дигару сар дар суҷуд,
Раҳравон рафтанд, мо куру кабуд.
То ба кай бо ину он андар набард,
К-он фалон ин карду баҳмон ин накард,
Неку бад чун резахори хони тӯст,
Габру муслим, бастаи фармони тӯст.
Ҳокими мутлақ сари эшон тӯӣ,
Раҳнамову раҳбари онон тӯӣ.
Он яке аз «сибғатуллаҳ» карди ранг,
В-он дигар андар залолат монда данг.
Он яке мӯъмину бо қалби салим,
Он дигар гиранда чун калби лаим.
Ман зи саг чун мебарам хӯи сагӣ,
Гар лаҷуҷат созаму сад хирагӣ.

С 1997.

Одамият чист дар ин марзу бум,
Ҳолати ворунаву таъбири шум.
Ман чӣ гӯям аз набарди неку бад,
Чист фарқи одамӣ аз деву дад?

Кинатузию шарорат ҳам ситез,
Деву дад, аз одамӣ андар гурез.
Аттакосур бил қубурил холиях,
Ваттафохур бил ъизомил болиях.
З-ин замин то рахт баста офият,
Ҷонҳо андар баданҳо орият.
Дар ҷаҳон ҳангомаи маҳшар кӣ дид?
Фитнаро бе парда ҷавлонгар кӣ дид?
Шоираш равшангари нори набард,
Гуфти ӯ ҳамчун намак бар доғу дард.
Ҳар касе, к-ӯ менавозад табли ҷанг,
Душмани қавми худаст ин мурдаранг.

С 1994.

Офият рӯ дар рамидан дорадо,
Хоб аз чашмам паридан дорадо.
Гарчи худ вомондаам аз корвон,
Дил ҳаме сӯзад ба ҳоли раҳравон.
Дор вайрону яке дайёр не,
Раҳравонро раҳбару солор не.
Чашмбаста ҳарки роҳе меравад,
Ин ба ғоре в-он ба чоҳе меравад.
Раҳбарони дин бубин андар ситез,
Мазраъи афкори эшон фитнахез.
Аз таассуб пардаи ҳам медаранд,
Обрӯи қавму миллат мебаранд.
Он яке дунё ба дин омехта,
Сад гуҳар дар пои хукон рехта.
В-он дигар аз дониши дин бехабар,
Қавмро сӯи ҷаҳолат роҳбар.
Баҳри дунё ошкорову ниҳон,
Мекунад таъйид зулми золимон.
То киёсат аз сиёсат рафтааст,
З-ин ватан аҳли фаросат рафтааст.
Дигарон дар илму дониш пештоз,
Мову факру фоқаву аҷзу ниёз.
Дигарон рамзи худӣ бишнохтанд,
Аз қабоил қавму миллат сохтанд.
Мо зи як миллат қабоил сохтем,
Гавҳари волои худ нашнохтем.
Дигарон андар тараққӣ ҳар замон,
Мо ҳамонему ҳамонему ҳамон.
Мо на рамзи дин бидонем не данӣ,
Ифтихори мо ҳамон мову манӣ.
Амру наҳйи мо ба дасти дигарон,
Ал амон аз ин ғуломӣ, ал амон.
Лофи истиқлол ҳарфе беш нест,
Ихтиёри мо ба дасти хеш нест.
Дигарон аз мову чун мо бениёз,
Сӯи қиблай ғайр мо андар намоз.
Омилони пасту боло ришвахор,
Ман надонам чун шавад поёни кор.
Золимон аз ҳоли мардум бехабар,

Мамлакат вайрону миллат дарбадар.

С 1996.

# Манзумаҳо ва қитъаҳо

## Модар – ватан

Эй модар, эй ватан, зи ту дурам, вале бидон,
Ишқи ту дар вуҷуди ману тору пуди ман.
Як лаҳза бе хаёли ту бар ман ҳаром бод,
Эй қиблаи ибодату ҷои суҷуди ман.

Фарзанди ту гар аз бари ту дур мондааст,
Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест.
Ҳиҷрат бувад зи суннати пайғамбари Худо,
Бе ишқи ту ба чашмаи хуршед нур нест.

Як ида нохалаф дили ту пора кардаанд,
Чандин ҳазор марду зан овора кардаанд,.
Ин девсифатону палидони бехудо,
Зулму ситам ба мардуми бечора кардаанд.

Мо домани туро зи каф осон намедиҳем,
Мо хоки поки ту ба палидон намедиҳем.
Мо хоҷазодаему ҷаҳоне бар ин гувост,
Тоҷи Каён ба хайли ғуломон намедиҳем.
Афғонистон.1993

## Ёди ватан

Андеша макун эй дил, к-ин ғусса ба сар ояд.
Он ёри сафаркарда рӯзе зи сафар ояд.
Ҳарчанд Сифоҳонро фирдавс тавон гуфтан,
Боди фараҳафзое аз ҷои дигар ояд.
Ин ёди ватан бошад, ин боди ватан бошад,
Моро ба машоми дил ҳар шому саҳар ояд.
Теҳрон чи хушаст, аммо ман хаставу дилгирам,
Эй кош ба таскинам пайғому хабар ояд.
Исфаҳон1995

## Машҳад

Машҳад диёри илму макони зиёрат аст.
Дидан мазори Мусаризо, аз саодат аст.
Аз қиссаҳои мулки Хуросон шунидаӣ?
Дидан дироятасту шунидан ҳикоят аст.
Бо ёди саргузашти Хуросон гиристам,
К-он ёдгори ғуссаву андӯҳу ҳасрат аст.
Машҳад 1995

## Танҳоӣ

Дар ин базми пур аз фарёду ғавғо,
Баҷонам ман зи танҳоӣ, Худоё.

Навои ошно бегона бар ман,
Ҷаҳон гӯи, ки мотамхона бар ман.

Миёни гирязорон сар кашидам,
Ман аз мижгони борон сар кашидам.

Ба ғам хӯ кардаам, шодӣ кадомаст,
Асирам, роҳи озодӣ кадомаст.

Гули ҳасрат миёни боғ рустам,
Ба борони аламҳо чеҳра шустам.

Чу лола доғҳо дар синаи ман,
Чӣ мепурсӣ ғами деринаи ман?
Теҳрон 1995

* * *

Моро ҳавои майкада аз сар намеравад,
В-аз ёди мо сӯроҳию соғар намеравад.
Ман ташнаҷону ташнадилу ташналаб чунон,
К-ин ташнагӣ ба зам-заму Кавсар намеравад.
Шӯрест дар вуҷуди ман аз растахези ишқ,
Ҳаргиз бурун ба фитнаи маҳшар намеравад.
Рози нуҳуфтанисту ҳадиси нагуфтанӣ,
К-он бар забони хомаву дафтар намеравад.

# Таронаҳо

**Ҳасрат**
Ҳасратам, оҳам, фиғонам, оташам, сӯзи ниҳонам,
Бесарупоям, ғарибам, нотавонам нотавонам.
Хастаам аз зиндагонӣ, гӯшаи ғамҳо маконам,
   Эй худо, бахшой бар ман,
   Эй худо, бахшой бар ман.
Бастаам паймону сад паймонаҳо бишкастаам,
Аз надомат ҳолиё дар кунҷи ғам биншастаам,
Аз сабук сорӣ малулам в-аз бадиҳо хастаам,
   Эй худо, бахшой бар ман
   Эй худо, бахшой бар ман.
Роҳи ноҳамвор рафтам дар ҷавониҳо ғалат,
Сад ғалат дар ошкору дар ниҳониҳо ғалат,
Ботине пур аз ғалат, в-ин тарзабониҳо ғалат
   Эй худо, бахшой бар ман.
   Эй худо, бахшой бар ман.

Бо ҳузури дил маро як тоъате ҳосил нашуд,
Саъй кардам, то бигардам аз раҳи ботил, нашуд,
Чораи бисёр кардам, ҳалли ин мушкил нашуд.

Эй худо, бахшой бар ман
Эй худо, бахшой бан ман.
Эй каримо, дар ҳузурат сар ба зер афкандаам,
Бадравишиҳо намудам, пеши ту шармандаам,
Хоҷаи мутлақ тӯӣ ман камтар аз ҳар бандаам.

Эй худо, бахшой бар ман,
Эй худо, бахшой бар ман.

## Мужда

Эй назофати заминҳо, эй сафои осмонҳо,
Эй латофати дарахтон, эй таровати чаманҳо,
Эй ҳавои сайру улфат, ба кӯҳу талу даманҳо
Ба суроғи ту равам, ё ба суроғи худ, надонам.

Чу расид баҳор дар дил, ҳаваси дигар физояд,
Ки даричае ба асрори даруни ман кушояд,
Мани гумгаштаеро нафасе ба ман намояд,
Ба худ он замон нагунҷам, ки нишони бенишонам.

Гиряам ба абри хуфта, хандаам ба гул нуҳуфта,
Лаби нимавои ғунча зи табассумам шукуфта,
Зи варои парда розам, кӣ ба гӯши бод гуфта,
Ки шукуфазор гашта ҳама мағзу устухонам.

Дили ман чу офтобе паси абри ғуссаву ғам,
Чӣ ғаме, вале надонам, ки ба шодиаст тавъам,
Гиряҳову хандаҳоям ҳама бо ҳаманду бо ҳам,
Ба яқин наметавон гуфт, ки чунин, ё чунонам.

Зи замона дар фарозам, гаҳе аз ҷаҳон бурунам,
Ва ба ину он насозам, ки ба хеш сарнагунам,
Зи куҷост менадонам ғаму шодии фузунам?
Ман нагуфтам ончи гуфтам, ки гузашт бар забонам.

Ғами дил фурӯ нишонам, ки сурури ид омад,
Ёри аз ватан бурида, ба ватан расид, омад,
Мужда, эй наво шиносон, ки ҳамон Навид омад,
Ғазалу тарона бар лаб, ки ҳамон сӯхта ҷонам.

Кундуз 1993

## Аз ёдҳо

Эй ки ба ёдат хун шуд дили ман,
Аз ғам сириштанд обу гили ман,
Осон бинмо ин мушкили ман.
Оҳи дили ман, войи дили ман.

Ёди висолат ширин фасона,
Дил ҳасратобод аз ту нишона,
Бар мурдани ман ҳаҷрат баҳона
Оҳи дили ман, войи дили ман.

Эй рамзи ҳастӣ, эй зиндагонӣ,
Ҳарчанд дурӣ, аз ман ниҳонӣ,
Ту дар замирам монанди ҷонӣ,
Оҳи дили ман, войи дили ман.

Боди саҳаргаҳ бӯи ту дорад,
Ҷонам хаёли рӯи ту дорад,
Майле дили ман сӯи ту дорад
Оҳи дили ман, войи дили ман.

Ин ғусса рӯзе охир сар ояд,
Ҷонам ба сӯи ту пар кушояд,
Рӯзе Навидат аз дар дарояд
Оҳи дили ман, войи дили ман.
Теҳрон 1995

# Бовар бикун

Дар шодиву нишоти ману изтироби ман,
Дар рӯзҳои тираву шабҳо ба ёди ман.
Дар қалби пур зи ғуссаву чашми пуроби ман,
Бовар бикун, ки як нафас аз ман ҷудо наӣ.

Эй нақши ту танида ба ҳар тору пуди ман,
Ту мояи ҳаёти манӣ дар вуҷуди ман,
Алқиса дар фасонаи буду набуди ман,
Бовар бикун, ки як нафас аз ман ҷудо наӣ.

Аз чашми ман бирафтӣ агар, сина ҷои ту,
Ғурбатсарои ҷону дили ман сарои ту,
Инро бидон бақои ман андар бақои ту,
Бовар бикун, ки як нафас аз ман ҷудо наӣ.

Ёри ҷафокашидаи дерин ба ёд бод,
Он мазҳари сабуриву тамкин ба ёд бод.
Эй ҷон он замонаи ширин ба ёд бод,
Бовар бикун, ки як нафас аз ман ҷудо наӣ.

Теҳрон 1995

# Гули ҳасрат

Баҳор омад, ба марзи синаи худ,
Ба ёди ту гули ҳасрат бикорам.
Баҳорон обёрам будӣ, акнун
Гули ёди туро ман обёрам.

Гули ёди ту то пажмон нагардад,
Кунам бо оби чашмам обёрӣ.
Маро з-он рӯзгори пуртаровват,
Хаёлоти ту монда ёдгорӣ.

Дар ин гулбоғи чашми бад расида,
Ниҳоли навбаре пажмурда дорам.
Ба рӯи ман маханд, эй наргиси маст,
Ки ман ҷоне зи ғам озурда дорам.

Дар ин водии пур андӯҳу ҳасрат,
Аҷал мехонадам аз ҳар канора.
Вале ман зиндаам бо ин таманно,
Ки биншинам ба паҳлуят дубора.

Ба боли ҳасрату ёди ту рӯзе,
Зи ғурбат сӯи ту пар мекушоям.
Туро аз ман қазои бад рабуда,
Зи чанголи қазоят мерабоям.

Теҳрон 1995

## Рӯъё

Дишаб ба хоб дидамат, афсурдаву ҳазин,
Бо чеҳраи гирифтаву рухсори заъфарон.
Дар мавҷи ашк ғарқа ду чашми сиёҳи ту,
Дар интизори ёри сафаркарда бе нишон.

Дидам туро, чӣ дидане, эй мояи умед,
Хобам зи сар рамидаву ранҷур гаштаам.
Аз ман маранҷ , эй ки хаёли ту бо манаст,
Чун бо зарурат аз бари ту дур гаштаам.

Мурғи тараб зи шохи баҳорам париду рафт,
Дар бӯстони зиндагӣ нахли шикастаам.
Эй ҳамнафас, ба ёди туву ранҷҳои ту.
Аз зиндагӣ малуламу бисёр хастаам.

Баъд аз гузашти солу маҳи интизориҳо,
Аз дидӣ гарчи рафтаӣ, аз дил нарафтаӣ.
Гарчи ғубори ҳодиса ранг аз рухат рабуд,
Аз хотирам ту, эй маҳи хушкил нарафтаӣ.

Он рӯзи неку соати фархунда мерасад,
К-ояд баҳору ғусса зи дилҳо бадар шавад.
«Эй ҷон сабур бошу махӯр ғам, ки оқибат,
Ин шом субҳ гардаду, в-ин шаб саҳар шавад».

Теҳрон 1995

Дар вартаи бало, ки ҷаҳонаст номи ӯ,

Аз гирдбоди ҳодиса сар бар кашидаам.
В-аз изтироби фитрати ҳангомахоҳи хеш,
Ранҷи фанову даҳшати маҳшар кашидаам.

Бар худ назора кардаму буду набуди худ,
Аз ғам дили ҳазини ман сад лахту пора буд.
Рахти умед ба даргаҳи раҳмат чу бурдаам,
Баҳри атову лутфи ӯ, дур аз канора буд.

Гуфтам басе хатову бикардам басе хато,
Дар эътиқод як сари мӯе накостам.
Эй шайх роҳи дузахам манмо, ки мисли ту,
Қаҳри Худову ризои халоиқ нахостам.

Аз илми беасосу ғурури мудаиён,
Аз зуҳди шайхакони риёӣ рамидаам.
Зеро аз ин ҷамоаи пурмакру пудаҷо,
Ҷуз кибру худнамоию шуҳрат надидаам.

Ман пайрави муқалиду аҳли гумон наям,
Сидқу сафост мазҳабу ихлос дини ман.
Роҳи яқину ҷодаи таҳқиқ меравам,
Лутфи Худои меҳрубон ҳаблулматини ман.

С 1979

Эй хаёлат ҳамеша ҳамроҳам,
Бе ту рӯзам сиёҳ мебинам.
Хушии зиндагониям ин аст,
Ки туро гоҳ-гоҳ мебинам.

Ман агар хубаму в-агар зиштам,
Чӣ кунам шури ту ба сар дорам.
Ончунон маҳв дар ҷамоли туам,
На зи неку зи бад хабар дорам.

Эй басо ҳамраҳи таманноят,
Аз ду олам буридаму рафтам.
Ишқи ту дода болу парвозам,
То куҷоҳо паридаму рафтам.

Аз ду олам буридан осонаст,
Лек аз худ буриданам мушкил.
Гар набинам ба худ, туро бинам,
Ҷониби худ надиданам мушкил.

Ман, ки берун нарафтаам аз худ,
Аз ту умре нишона меҷӯям.
Гарчи худ дар сукунати маргам,
Ҳастии ҷовидона меҷӯям.

С 1978.

Эй ҳусни ҷовидонӣ, эй нурбахши олам,
Ёди ҷамоли хубат, бар қалби реш марҳам.
Як лаҳза бо ту будан, умрест ҷовидонӣ,
Як лаҳза аз ту дурӣ, сад дарду ранҷу мотам.
* * *
Боиси сарнагунӣ, аз ту бурида рафтан,
Вомонда дар хиҷолат, ҳарк-ӯ зи ту гусаста.
Нуру сафо набошад, дар чеҳрае, ки аз ҷаҳл,
Аҳде, ки бо ту баста, бори дигар шикаста.
* * *
Эй шоми ошиқонат, чун рӯз поку равшан,
Дар ҳар диле ту бошӣ, сад шодию сурураст.
Ҳарк-ӯ туро набинад, пинҳону ошкоро,
Бе донишу басорат, бе баҳраасту кураст.
* * *
Эй нақшбанди ҳастӣ, бо ин ҳама ғаробат,
Суратгарӣ вале худ, дар нақш бар наоӣ.
Ин турфатар, қи ҳастӣ раҳ сӯи ту намояд,
Ҷо нест аз ту холӣ, охир ту дар куҷоӣ?

С 1978.

* * *

Меравам, аз бари ту то ки набинам дигарат,
Шояд аз хотири ман ёди ту берун гардад.
То ба кай пеши ту биншинаму дур аз назарат,
То ба кай ин дили бечораи ман хун гардад.

Ту чоро хуни дили поки маро мерезӣ?
Бигӯ андар дили ту меҳру вафо нест магар?
Ту чаро оташе бар ҷону дилам ангезӣ?
Ба дили санги ту тарсе, зи худо нест магар?

Меравам, лек зи даргоҳи Худо мехоҳам,
Ки дилат чун дили ман ғарқа ба хуноб шавад.
Ишқ ояд ба сарат ранҷу балоҳо орад,
Зи ғаму дарди ҷудоӣ ҷигарат об шавад.

Мебарам ишқи туро то лаби гур ҳамраҳи худ,
Эй хаёли рухи ту муниси шабҳои дароз.
Меравам ҳасрату андӯҳ ба дил нола ба лаб,
Зи Худо мехоҳам, руи туро бинам боз.
Бухоро соли 1980

## Пойбӯсии як туда каҷу каҷназарон бас

Бархез, ки ҳастӣ ҳама пурфитнаву шар шуд,
Бархез мурувват ҳама ҷо зеру забар шуд.
Бархез, ки доно ҳама ҷо хуни ҷигар шуд,
Бархез, ки зулм аз ҳаду андоза бадар шуд.

Барҳамзани ин кашмакаш, аз хоби гарон хез

Эй гашта ту бозича ба дасти дигарон, хез

Аз бехабарӣ саҷда ба пои дигарон бас,
Побӯсии як туда каҷу каҷназарон бас.
Таъзиму ситоиш ба чунин кӯру карон бас,
В-ин умри азиз сарфи чунин бебасарон бас.

Ин хору хас аз бех бисӯзону шарар бош
Аз тудаи покӣ, ту сазовори падар бош

Хомӯшу сарафгандаву бедонишу пастӣ,
Барҳамшикани қавми худу сифлапарастӣ.
Эй нохалаф, аз пушти кадомин падарастӣ,
Ҳушдор, ки паймони ниёгон-т шикастӣ.

Эй дода хирадҳо ҳама барбод зи тақлид,
Сад вой ба ҳоли туву фарёд зи тақлид.

Гӯянд, ту озодӣ, бале, дар қафас озод,
Озодии ту бурдани таърихи худ аз ёд.
Озодии ту тарки ҳаё, тарки муроот,
Озодии ту тарки забони худу аҷдод.

Савганд, ки озодии ту ҳамчу саробаст,
Савганд, ки озодии ту нақше баробаст.

Ту шеваи ин аҳриманоҳанг чӣ донӣ?
Сулҳи ӯ бувад воситаи ҷанг, чӣ донӣ?
Бар шишаи номус занад санг, чӣ дони?
Ҳарлаҳза дусад фитнаву найранг чӣ дони?

Нодонию беқадрию хушбоварӣ то кай?
Бар душмани бадкеш, чунин ёварӣ то кай?

З-он қавм бипарҳез, ки бегонапарастанд,
З-он тӯда ту бигрез, ки паймон бишикастанд.
Аз қавми ту аммо бари бегона нишастанд,
Чун сагмагасонанд, ки бо мор нишастанд.

Онҳо, ки забони худу миллат бифурӯхтанд,
Оташ зада бар хирмани худ пок бисӯхтанд.

Ёраб, назаре бар дили ғампарвари мо кун,
Ёраб, раҳи Ҳақ маҳзари мо, манзари мо кун.
Ёраб, шаки мо дуру яқин ёвари мо кун,
Ёраб, ту баланд парчами Ҳақ бар сари мо кун.

Чун лутфи ту бо мост, дигар бок надорем,
Биме дигар аз душмани нопок надорем.

Соли 1980

Ҳар гаҳ насими навбаҳор андар чаман вазад,
Айёми гулфишонии худ ёд мекунам.

В-андар канори руди пурошуби куҳсор,
Бо ёди ту таронае эҷод мекунам.
** * **
Гуё ба сугвории ишқи хазони ман,
Абри баҳор гиряву шеван ҳамекунад.
Мурғи чаман ба нолаи ман ҷур мешавад,
Гул пора-пора пираҳан бар тан ҳаме кунад.
** * **
Ҳар гаҳ назар ба лолаи хунин ҷигар кунам,
Доғи даруни синаи ман тоза мешавад.
Ишқи туро нуҳуфтаам умре миёни дил,
З-ин пас миёни марду зан овоза мешавад.
** * **
Акнун баҳори зиндагӣ рахти сафар бубаст,
Дар лавҳи сина нақши рухи ту нишона монд.
Ҳарчанд мову ту ба ҷаҳон ҷовидон наем,
Афсонае зи мо ба ҷаҳон, ҷовидона монд.
** * **
Ҳар гаҳ, ки боди навбаҳор андар чаман вазад,
Бе ихтиёр ҷониби гулзор меравам.
Нақши ту дар замири дилам зинда мешавад,
Бо ёди ту ба синаи афгор меравам.
С. 1981

* * **

*

**НАВҲА**
Саидмухтор эй ҷони бародар,
Туро ҷоми шаҳодат дода довар.
Зи ту рози худову ҳам паямбар,
Шафоатхоҳи мо дар рузи маҳшар.

Бигу андар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Баҳор омад туро ман ёд кардам,
Ба сар хоки раҳатро бод кардам.
Сари қабрат басе фарёд кардам,
Фиғону ноларо бунёд кардам.

Бародар дар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Баландаст пойгоҳат эй бародар,
Шаҳодат шуд гувоҳат эй бародар.
Худо пушту паноҳат эй бародар,
Паямбар додхоҳат эй бародар.

Бародар дар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Ба хуни дил таҳорат кардӣ рафтӣ,
Бинои дин иморат кардӣ рафтӣ.
Зи сузи дил ҳарорат кардӣ рафтӣ,
Ба суи Ҳақ ишорат кардӣ рафтӣ.

Бародар дар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Саидмухтори пурармони модар,
Ҷароҳатҳои ту дар ҷони модар.
Ба ёдат нолаву афғони модар,
Дарахти навбари пажмони модар.

Бигӯ к-андар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Асои пирии модар куҷоӣ?
Ту ғамбардораки хоҳар куҷоӣ?
Тавону қуввати додар куҷоӣ?
Саидмухтори номовар куҷоӣ?

Бигӯ к-андар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

Ниҳоли қомати ман хам намудӣ,
Бирафтӣ, шодии ман ғам намудӣ.
Ғами дунё бароям зам намудӣ,
Диламро хонаи мотам намудӣ.

Бародар дар лаҳад ҳоли ту чунаст?
Дилам дар мотами ту ғарқи хунаст.

* * **
Марсия

Навбаҳорасту чаманҳо ҷумла гулгун гаштааст,
Сабзу хурам ҷумла дашту куҳу ҳомун гаштааст.
Ҳасрату андӯҳи ту, дар сина афзун гаштааст,
Эй ҷигарбандам ба ёдат, сина пурхун гаштааст.

Эй Муҳаммад нури чашмам, бенавоям кардаӣ,
Бо ғаму андӯҳу ҳасрат, мубталоям кардаӣ.

Номи покатро Муҳаммад мондаам, эй гулписар,
Пайрави дини Муҳаммад буди, эй ҷону ҷигар.
Азми рафтан кардию, мо ҷумла монда бехабар,
Хайрбоде ҳам накардӣ, эй ҷавонмарги падар.

Эй Муҳаммад нури чашмам, бенавоям кардаӣ,
Бо ғаму андӯҳу ҳасрат, мубталоям кардаӣ.

Хонаи золим бисузад, раҳм бар ҷрнат накард,
Як назар бар чеҳраи чун моҳи тобонат накард.
Ҳеҷ парво бар дили пурмеҳру армонат накард,

Шафқате бар модари зору пурармонат накард.

Эй Муҳаммад нури чашмам, бенавоям кардаӣ,
Бо ғаму андӯҳу ҳасрат, мубталоям кардаӣ.

Эй писар ҷамъияти моро парешон кардаӣ,
Модари мушти паратро, зору ҳайрон кардаӣ.
Дустонро дар фироқат, синабирён кардаӣ,
Хонаи ободи моро, мотамистон кардаӣ.

Эй Муҳаммад нури чашмам, бенавоям кардаӣ,
Бо ғаму андӯҳу ҳасрат, мубталоям кардаӣ.

Эй Муҳаммад қомати шамшоди ту дар ёд бод,
Қотилатро тахту бахти зиндагӣ, барбод бод.
Маскани ту дар биҳишти ҷовидон обод бод,
Ҳарки канда решаат, аз реша бе бунёд бод.

Эй Муҳаммад нури чашмам, бенавоям кардаӣ,
Бо ғаму андӯҳу ҳасрат, мубталоям кардаӣ.
С 1996

* * *

Шоҳиду шаҳду шаробам орзуст,
Мутрибу чангу рубобам орзуст.
Дил зи оромӣ ба ғафлат тан занад,
Ҳар нафас сад инқилобам орзуст.
Пурсиши бисёр дорам дар нуҳуфт,
Ошкоро як ҷавобам орзуст.
Дил зи қилу қоли бисёрам гирифт,
Илму дониш бе китобам орзуст.
Дар ба рӯи ину он бастам кунун,
Ғайбро як фатҳи бобам орзуст.
То ба кай дар интизорӣ зистан?
Дидани ӯ бе ҳиҷобам орзуст.
Мо баҳам афтода хасм андар камин,
Иттиҳоди шайху шобам орзуст.
Аз ситоишҳои ину он чӣ сӯд,
Аз лаби у як итобам орзуст.
Сад боҳори ақл серобам накард,
Ишқи сӯзону саробам орзуст.
Оби мурдобист мурда, з-ин сабаб,
Ҳамчу дарё печу тобам орзуст.
Ибни вақтам, ибни вақтам, ибни вақт,
Лаҳзаҳоро иҳтисобам орзуст.
Он раҳе к-ӯ ҷониби ҷонон барад,
Аз хатои ӯ савобам орзуст.
Гар ба хобаш бинам, эй соҳибдилон,
То қиёмат сар ба хобам орзуст.
Пардаҳо барбаст, чашмам аз хаёл,
Ҷилваҳои бе ниқобам орзуст.

## Дарё

Ба ёдат изтиробе дар дили девонаи дарё,
Бувад аз мавҷ пайваста ба по завлонаи дарё.
Тапишҳои нафас дар синаам чун шӯри туфонаст,
Бубин ҳамранги дарёям, наям бегонаи дарё.
Фитода акси хунини шафақ дар об чун гулхан,
Ту гӯӣ осмон оташ зада бар хонаи дарё.
Баҳор омад, табиат масту саҳро масту дунё маст,
Бувад пурҷӯшу лабрези тараб паймонаи дарё.
Дилам бигрифт з-ин мурдоб, эй маллоҳи дарёгард,
Бигӯ баҳри тасалли қиссаву афсонаи дарё.
Сабукруҳона бигрезад зи сӯҳбат бо гаронҷонон,
Набошад санги соҳил ҳамсару ҳамхонаи дарё.
Дилам аз сӯҳбати соҳилнишинон пур зи андуҳаст,
Ба сад соҳил набахшам гӯшаи вайронаи дарё.
Даруни синаи дарё аҷоибҳост, медонӣ?
Аҷаб кайфияте дорад, тамошохонаи дарё.
Ба азми устуворе меравад то манзили мақсуд,
Ҳазорон офарин бар ҳиммати мардонаи дарё.
Ба гирдобаш гирифтор ар шавӣ сад вой бар ҷонат,
Ҳазар бояд намуд аз фитнаи фаттонаи дарё.
Фароҳам кай тавон овард аҷзояш ба сад тадбир,
Ба ҷуз дарё, ки медонад сару сомонаи дарё.
Кадомин май ба ҷонаш оташ афкандаст аз мастӣ,
Раҳе бояд гирифтан ҷониби майхонаи дарё.
Чу тифлон баски парварда гулу себаргаи соҳил,
Сари худро ба ноз афканда рӯи шонаи дарё.
Ҳамеша пурталошу дар ситезу бесару бепо,
Парида мурғи оромӣ бурун аз лонаи дарё.
Чунин масту малангу бехабар аз хеш меояд,
Бинозам вазъи бепарвову бебоконаи дарё.
Кафи болои мавҷаш сап- сафед чун муи пирон аст,
Бибояд дошт поси хотири пиронаи дарё.
Бувад ташбеҳ донишро ба дарё аз раҳи фитрат,
Ҳазорон роз дорад синаи фарзонаи дарё.
Латифу меҳрубоне дар ҳама пасту баландиҳо,
Аҷаб зебост рафтори сабукруҳонаи дарё.
Бувад сармасту ошиқ, бесару сомону ҳарҷогард,
Ба дарё нарм кун, ё Раб, дили ҷононаи дарё.
Қаландармашрабасту ғам надорад ӯ зи бешу кам,
Муҳайё мешавад аз ғайб обу донаи дарё.
Мисоли сӯфие гӯӣ сар афгандаст бар зону,
Бувад мавҷи мусалсал сабҳаи саддонаи дарё.
Ғарибӣ аз ватан дур асту бо ёди ватан дилхун,
Бурун рафтаст аз хотир раҳи кошонаи дарё.
Ва ё чун уштури масте, инон бигсаста шӯрида,
Зи қаъри дара ояд наъраи мастонаи дарё.
Шаби маҳтоб чун шамъи дурахшанда-ст оби руд,
Ва хайли моҳиён дар рақс чун парвонаи дарё.
Дарахту буттаи соҳил басе диданд эҳсонаш,
Намоянд аз иродат саҷдаи шукронаи дарё.
Зи файзи абри найсон шуд садаф обистани гавҳар,
Бувад фарзанди фархунда дурри якдонаи дарё.
Зи соҳил кай тавон пай бар латофатҳои дарё бурд,

Саре бояд фурӯ бурдан ба хилватхонаи дарё.
Аё соҳил нишин аз ғам раҳои сахт душвор аст,
Ба даст овар чу ғаввосон дури якдонаи дарё,
Баҳорон дар лаби дарё нишинам бо дили бетоб,
Ба ҷонам нашъае аз соғару паймонаи дарё.
Зи умқи ҷони бетобам расад ҳардам садо бишнав,
Наям бегонаи дарё, наям бегонаи дарё.

* * **

Бути сабзина чи шӯху намакинӣ, бахудо,
Ту ба ангуштарии ҳусн нигинӣ, бахудо.
Ман надонам ба кадом мазҳабу динӣ ту, вале,
Раҳзани ақлию ғоратгари динӣ, бахудо.
Ҳамчу хурмои расида ба сари шохи баланд,
Дасти ман кӯтаҳу донам, ки ширинӣ, бахудо.
Аҳд кардам, ки дигар аз паи хубон наравам,
Ман надониста будам, ки ту чунинӣ, бахудо.
Ваҳ, ки аз теғи нигоҳи ту ба худ меларзам,
Бо дили хастаи мо бар сари кинӣ, бахудо.

Зиндагӣ маргаст агар аз дил таманно гум шавад,
Гул бувад чун хор агар завқи тамошо гум шавад.
Чун зи дастат мебарояд кор имрӯз ҷаҳд кун,
Коҳилӣ бошад гар имрӯзат ба фардо гум шавад.
Баъди мурдан номи неку зинда медорад туро,
Вой бар он кас, ки номи ӯ зи дунё гум шавад.
Марди нодон гар зи раҳ гум мешавад маъзур дор,
Ҳайф бошад к-аз раҳи Ҳақ марди доно гум шавад.

Аз шаҳри орзуҳо, эй мурғаки мусофир,
Боз омадӣ басӯям, бигсаста банду занҷир.
Боз омадӣ, валекин ман он наям, ки будам,
Охир чӣ метавон кард, инаст ҳукми тақдир.

Ман он наям, дили ман лавҳи мазори ишқаст,
В-ин қолаби фусурда, дар раҳгузори ишқаст.

Бо чашми меҳрубонӣ сӯям надида рафтӣ,
Чун фасли навбаҳорӣ доман кашида рафтӣ.
Бо мо ба ҷанг будӣ, в-аз мо ба танг будӣ,
Як ҳарф ҳам нагуфта, ҳам ношунида рафтӣ.

Аз рафтани ту умрам дар шоми ғам гузашта,
Ту рафтиву вуҷудам андар адам гузашта.

Боз омадӣ, азизам фасли баҳор бигзашт,

Айёми зиндагонӣ чун шоми тор бигзашт.
Рӯзе, ки бе ту бигзашт, монанди сол бигзашт,
Бо чашми чор бигзашт, дар интизор бигзашт.

Эй мурғаки мусофир, баҳри чӣ дер кардӣ,
Моро зи зиндагонӣ охир ту сер кардӣ.

С 1987.

Паҳнои бекаронаи аз шаш ҷиҳат бурун,
Хуррам баҳори ҷовидаст, онҷо хазон нест.
Нураст ҷои шӯълаи хуршеду моҳтоб,
В-аз кулфати сиёҳию зулмат нишон нест.

Он ҷо на наҳсе аз Зуҳал не саъди Муштари,
Он ҷо замину осмон маҳванд аз назар.
Он ҷо замон бо макон аз якдигар бурун,
Он ҷо ҷамоли мутлақи ишқаст ҷилвагар.

Бар он ҷаҳон ту гар бирасӣ ҷовидонаӣ,
Раҳ аз мақоми ҷустуҷӯ то водии диласт.
Роҳест, гар зи худ бираҳӣ, пас ба ӯ расӣ,
Аммо зи худ рамиданат бисёр мушкиласт.

С 1987.

Рафтию дар лавҳи дилам тасвири ту, тасвири ту,
Саргаштаву овораам, дар пои дил занҷири ту.

Ман бо хаёли рӯи ту нақши таманно мекашам,
Бо барги гулҳо мекашам андар чаманҳо мекашам.
Андӯҳи бепоёни дил чун нахли танҳо мекашам.

Рафтию дар лавҳи дилам тасвири ту, тасвири ту,
Саргаштаву овораам, дар пои дил занҷири ту.

Борони сарди поизӣ аз осмон ояд ҳаме,
Барги хазоне гар фитад ёд аз хазон ояд ҳаме,
Бо ин таманно зиндаам, к-он меҳрубон ояд ҳаме,

Рафтию дар лавҳи дилам тасвири ту, тасвири ту,
Саргаштаву овораам дар пои дил занҷири ту.

Рози ниҳони хешро дар гӯши дарё гуфтаам,
Кошона танг омад маро рафтам ба саҳро гуфтаам,
Чун маҳрами розе набуд танҳо ба танҳо гуфтаам.

Рафтию дар лавҳи дилам тасвири ту, тасвири ту,
Саргаштаву овораам дар пои дил занҷири ту.

Як рӯзи хуби фарвадин маргам фаро хоҳад расид,
Ин мурғи ҷони хастаам, аз боми тан хоҳад парид.

Он лаҳзҳо аз ҷони ман ин нағмаҳо хоҳи шунид:

Рафтию дар лавҳи дилам тасвири ту, тасвири ту,
Саргаштаву овораам дар пои дил занҷири ту.

С 1980.

# Девона

Дар издиҳоми халқ бидидам миёни шаҳр,
Девонае, ки ақлу ҳавосаш рамида буд.
Дар чеҳрааш ғубори басе дарду доғҳо,
Бо сурати касифу либоси дарида буд,
Парвои кас надошт.
Ҳардам назар ба зеру ба боло ҳаменамуд,
Гоҳе батарс ниманигоҳе ба ину он.
Ӯ бе хабар зи хеш буду гирудори халқ,
Бар чеҳрааш нишонаҳо аз ҳайратӣ ниҳон,
О ваҳ, чӣ ҳайрате.
Маст аз шароби шаҳвату ғофил зи одамӣ,
Дар гӯшае ҷавонаке бо хонуме қашанг,
Бар чашму рӯи ҳамдигари бӯсса мезаданд,
Бидрида сатри иффату номусу мардумӣ,
Дар пеши марду зан.
Девонаро нигаҳ ба рухи ин ду тан фитод,
Чин бар ҷабин фиканду бишуд сахт беқарор.
Гуфт: Эй Худо, розиям аз ҳоли хештан,
З-ин гуна ҳушёриям сад роҳ дур дор,
Шармандагӣ бубин!

С 1985

**ВИДОЪ**
Бо лаҳҷа

Видоъат чун кунам , к-аз рафтанат ҷон аз бадан мера,
Ки нур аз чашми ман мера, тавон аз ҷону тан мера.
Хазун умад бинол, эй булбули шӯридаи бедил,
Сафо аз бӯстон мера, зи боғ он настаран мера.
Кунун дар ҷустуҷӯяш сар ба ҳомун мезанам, эй дил,
Ғазоли шухчашми ман, ба саҳрои Хутан мера.
Мабодо ҳеҷ касро инчунин бахти забун рӯзӣ,
Ки ӯ мера хиромону сиришк аз чашми ман мера.
Ба ҷонам хор-хор афтодааст, аз талхии ҳиҷрон,
Баҳори гулфишон мера, бути гулпираҳан мера.

# Даҳриён

Ман қиссаи даҳриюн нависам,

Ҳайратзадаам, ки чун нависам.

Бинвисам агар қалам бисӯзад,
Имлову хату рақам бисӯзад.

Аз ҷабру ситам чи гуна гӯям?
Сад дарду алам чи гуна гӯям?

Инсон на, ки нанги инсу ҷинанд,
Барҳамзадагони асли динанд.

Аз хилқати худ хабар надоранд,
Мункир зи вуҷуди Кирдигоранд.

Пас аслу насаб на пок доранд,
Чун мазҳаби иштирок доранд.

С 1979.

## Татабӯъ

Рӯзе, ки дидам рӯи ту, чун оташи пурмашъала,
Афтода бар ҷону дилам, фарёду шӯру валвала.
Аҳди маро бишкастӣ ту, бо дигарон биншастӣ ту,
Афганда чашми масти ту андар ҷаҳон сад зилзила.

Абрӯ ду қавси сарбасар, хунрез чашми фитнагар,
В-андар арақ рухсора тар, моҳе ба бурҷи сунбула.
Ҳоли маро дида чаро, в-аз ман шикебида чаро,
Зулфи ту печида чаро, дар пои дил чун силсила?

Эй қосиди фархундапай, аз олами болостӣ,
Ин рӯзгори тираро сад мужда аз фардостӣ.
Бар гӯши ҷонам сад наво аз бениёзиҳои ту,
Эй нағмаи дур аз садо, оҳанги истиғностӣ.
Дар лавҳи дил тасвири ту бе нақшу бе рангу вале,
Дар ҳар нафас бо сӯрате, дар нақши хотирҳостӣ.
Гар бе ту худро дидаам, дар нестӣ печидаам,
Эй ҳасти ман аз ҳасти ту, мо тан ту ҷони мостӣ.
Бе нағмаву созу рубоб, бе шоҳиду шаҳду шароб,
Ҳангомаи майхонаро кайфияти миностӣ.
Созу тараб дар ҷони ман сад тобу таб дар ҷони ман,
Эй ҳуҷҷату бурҳони ман дар дидаву дил ҷостӣ,
Эй дил тапиданҳо чаро, аз худ рамиданҳо чаро,
Бодо муборак ҳоли ту девонаву шайдостӣ.
Дар соҳили биму умед, аз мавҷи баҳр андешанок,
Биншастаам, эй Хизри вақт баҳри чӣ нопайдостӣ?

С 1981.

## Рози дил

Худоё, рози дилро бо, кӣ гӯям?
Тариқи ошноӣ, аз кӣ ҷӯям?
Ҳарифон гӯш бар ҳарфам насозанд,
Чӣ созам ман чӣ гӯям, бо ки гӯям?

Ҳарифон гӯш бар ҳарфам насозанд,
Ҳама бемояанду аҳли озанд.
Дилам хун аст аз рафтори эшон,
Зи худ дуранду, бо душман бисозанд.

Дилам хун аст аз рафтори эшон,
Парешонам ман, аз гуфтори эшон
Ба тақлид дину дунёро фурӯшанд,
Ҳаминаст гармии бозори эшон.

Ба тақлид дину дунёро фурӯшанд,
Ҳама мероси оборо фурӯшанд.
Ҳаметарсам ман аз ин худфурӯшон,
Замоне миллати моро фурӯшанд.

Ҳаметарсам ман аз ин худфурӯшон,
Намуда миллати худро парешон,
Ниёгонро зи хотирҳо зудуда,
Ба душман дода худ мероси эшон.

Ниёгонро зи хотирҳо зудуда,
Асотир бишмарида панди эшон.
Ва ғофил аз Худо гарда рӯзе,
Намуда саҷдаҳо дар пои шайтон.

С 1987.

Эй шӯълаи умед, аз шомҳои дур,
Бо ёди ту дилам пайваста пуршарар.
Бо қомати расо, бо руи ҳамчу моҳ,
Ҳар лаҳза мешавӣ пешам ту ҷилвагар.

Аз ёд бурдаӣ, эй навбаҳори умр?
К-аз ишқи ту будам бетобу бе қарор.
Ба чашми пур зи нам, қалбе пур аз алам,
Не пои рафтану, не тоби интизор.

Маҳбуби ман будӣ матлуби ман буд,
Шабҳо ба ёди ту бехоб мешудам.
Аз бе қарориҳо, шабзиндадориҳо,
Дар интизори ту бетоб мешудам.

Бигзашт ин ҳама, бе бозгашту лек,
Дар сина монда бас нақши хаёлҳо.
Рози муқадасе дар дил нуҳуфта буд,
Аз беҷавобии чандин саволҳо.

Қалби ҳазини ман пурхун намудаи,
Дуздида сӯи ман дигар назар макун.
Дар рӯи ман маханд, бар чашми ман мабин,
Бунёди ҳастиям зеру забар макун.

С 1979.

Ҳоли худ бо ту чӣ гӯям, ки ту худ бохабарӣ,
Манам он ғофилу ҳар лаҳза ба ман менигарӣ.
Бандаам он, ки саропо ҳама нуқсону вале,
Чашм дорам, ки ту бо ин ҳама айбам бихарӣ.
Ҳар киро роҳ ғалат созӣ, ту созӣ ба яқин,
Ҳар киро роҳ намоӣ, ту намоӣ, ту барӣ.
Ҳарки маҳбуби Ту шуд, бар ҳама маҳбуб шавад,
Войи он кас, ки ба хори куни дар ӯ назаре.
Он яке мунъиму мағрур зи ҷоҳу ҳашамат,
В-он дигар муфлису умре ҳама дарюзагарӣ.
Он яке соҳиби фазлу адабу илму ҳунар,
В-он дигар бехираду беадаб аз бебасарӣ.
Он яке пешаи ӯ ҳамчу баҳоим хуру хоб,
Ҳайф бошад ба чунин тоифа номи башарӣ.
Он яке худбину ҷуз худ на Худоро бинад,
Оқибат хор бувад охири кораш нигарӣ.

с 1980

Чаро овораам умре, чаро шайдову ҳайронам?
Чӣ меҷуям, чӣ мехоҳам, намедонам, намедонам.
Ба дил дорам таманное ба сар сад гуна савдое,
Гаҳе сокиту хомӯшам гаҳе монанди туфонам.
Сиришкам, нолаам, оҳи ҷаҳонсузам, ҳазар аз ман,
Кашам оҳ аз ҷигар рӯзе ҷаҳонеро бисӯзонам.
Ба ҳар як шодиву ғам иллатеву боисе бошад,
Надонам иллати андӯҳу ғамҳои фаровонам.
Замоне дар дилам ишқу таманнои нигоре буд,
Кунун холист, аз меҳру муҳаббат соҳати ҷонам.
Кунун санги мазор аст ин дили садпораву решам,
Ба ҷуз мотам зи ҳар сатраш дигар чизе намехонам.
Ғуруби офтоби зиндагиро интизорам ман,
Ки шояд з-ин ҳама ранҷу аламҳо вораҳад ҷонам.

## Мустазод

Дар сина таманнои ту оҳанги дигар кард,
сад валвала сар кард,
Ҳамболи хаёлат дили девона сафар кард,
бар хеш назар кард.
Аз оташи сӯзони муҳаббат naҳаросид,
сад ранҷу бало дид,
Парвонасифат сӯхту аз хеш гузар кард,
диди чӣ ҳунар кард?
Дар роҳи муҳаббат ғаму андӯҳ фузун аст,
сад водии хун аст,
Бигзашт зи ҷон ҳарки аз ин роҳ гузар кард,
ҳам сина сипар кард.
Ҳарки сухани ҳақ ҳама аз баҳри худо гуфт,
бе рӯю риё гуфт,
Ҳаққо, ки каломаш ба дили санг асар кард,
Эҷоди шарар кард.

## Баҳор омад

Баҳор омад, ба дил ёди нигори сабзпӯш омад.
Вуҷудам аз таманнои ҷамолаш дар хурӯш омад.
Худоро! Ин чӣ шӯре ин чӣ шавқе в-ин чӣ таъсире,
Ки дар дилҳо тараб афзун шуду ҳастӣ ба ҷӯш омад.
Ба ҳар сӯ бингарӣ, ҳусну ҷамоли ёр мебинӣ,
Ки дар зери ниқоби ғунчаву гул пардапӯш омад.
Тапиданҳои дилро чун насозам ошкор, эй дӯст,
Ки аз тарфи чаман пайғоми дилдорам ба гӯш омад.
Зи шодӣ ҷон биафшонам ба зери мақдамаш, эй дуст,
Навидам додаанд, к-он муниси дерина дӯш омад.
Ҳаме бар лола бингар, чашм аз ҳайрат кушодастӣ,
Бубин бар ғунча, к-аз хоби гарони худ ба ҳуш омад.
Напиндорӣ садои раъд фарёду хурӯши ӯст,
Ки баҳри муждагонӣ з-осмон бонги Сурӯш омад.

с. 1978

## Тарона

Ту сафои ошноӣ, ту навои дилрабоӣ,
Туӣ шӯълаи фурӯзон, ки даруни сина ҷоӣ.
Эй, ки оташе ба ҷонам задӣ,
оташам фузун кун,
Ман асирам, ман асирам,
зи қафас маро бурун кун.
Сари зиндагӣ надорам, ки ту дуриву куҷоӣ?!

Манам он, ки ҷуз раҳи ту раҳи дигаре напӯям,
Манам он, ки ҷуз ҳадисат сухани дигар нагӯям.
Ту ҳамеша ҷовидонӣ, ту нишони бенишонӣ,

Ту ба мисли накҳати гул, ба замири дил ниҳонӣ
Чу сабо зи худ гурезам, ба ҳавои ҷустуҷӯям.

Зи ҷамоли хуби хубат ҳамакас хабар надорад,
Оре-оре ин яқинаст ҳама кас басар надорад.
Вле дорам ин таманно, ҳама кас туро бидонад,
Ҳама кас туро биҷӯяд, ҳама кас туро бихонад,
Дили ман ҷуз ин таманно ҳаваси дигар надорад.

С 1989.

## Муноҷот

Ман ба дарат баҳри ато омадам,
Муътарифи ҷурму хато омадам.
Бохабарӣ аз ҳамаи хайру шар,
Лутф куну пардаи розам мадар.
Подшаҳо воқифи асрорӣ ту,
Парда даридан набувад кори ту.
Гарчи набуд нафс ба фармони ман,
Хавфи ту буд дар дилу дар ҷони ман.

С 1976.

Ба дил шӯру дар сар ҳавои ту дорам,
Ба гулшан гузар аз барои ту дорам.
Фиғону хурӯшу навои ту дорам,
Ту бишнав садоям садои ту дорам.

Зи мо дилгаронӣ, сари ҷанг дорӣ,
Ситамгар, ситамгар, дил аз санг дорӣ.

Басе шуд, ки золим, наёмад паёмат,
На аз боди саҳро шунидам саломат.
Дили ман чу мурғе фитода ба домат,
Ҳазорон савганд ба номат, ба номат.

Ки ту бевафоӣ, дилам хун намудӣ,
Сиришки ду чашмам чу ҷайҳун намудӣ.

Напаймуда буд ҷому паймона дастам,
Вале чашми масти ту бинмуда мастам.
Басе тавба кардам, басе аҳд бастам,
Ба ними нигоҳи ту аз ҳам шикастам.

Ҳазар аз ду чашми ту, эй раҳзани дил,
Дилам реш кардӣ ту, эй душмани дил.

Хаёли ту моҳе ба шабҳои торам,
Ҷамоли ту фирдавсу боғу баҳорам.
Чаро рафтӣ бурдӣ тавону қарорам,

Туро то дами вопасин интизорам.

Ба дасти фироқат асирам, нигоро,
Биё, то ба поят бимирам, нигоро.

С 1978.

## Наъти Набии акрам (с)

Эй раҳнамову муршиди инсон, хуш омадӣ,
Эй нури поки ҳазрати яздон, хуш омадӣ.
Эй махзани ҳақиқату ирфон, хуш омадӣ,
Эй мазҳари каромату эҳсон, хуш омадӣ.

Хуш омадӣ ба фитрати саршор, Мустафо,
Эй Аҳмаду Муҳаммаду Мухтор Мустафо.

Ҳам раҳмати худои ҷаҳонофарин туӣ,
Ҳам раҳнамои халқи ҷаҳон бар яқин туӣ.
Ҳам хотами нубуввати ҳақро нигин туӣ,
Ҳам боиси вуҷуди фалак бо замин туӣ.

Ҳастӣ ҳабиби ҳазрати Саттор, Мустафо,
Ҷонам фидои номи ту сад бор, Мустафо.

Ту омадӣ, ки олами ҳастӣ дигар бишуд,
Нури ҷамоли мутлақи Ҳақ ҷилвагар бишуд.
Одам зи илму ҳикмати Ҳақ бохабар бишуд,
Шоми сиёҳу тори ҷаҳолат саҳар бишуд.

Эй кони илму махзани асрор, Мустафо,
Эй нурбахшу қосимул анвор, Мустафо.

* * **

Илоҳӣ он, ки дил аз ман рабуда бевафоӣ кард,
Ҷудо аз ман намуд дилрову худ майли ҷудоӣ кард.
Худоё, он ки дил нодода бар ман дилрубоӣ кард
Гирифтораш ба дарди дил бикун, то дарди ман донад,
Бизан оташ ба ҷонаш, то бисӯзад сӯхтан донад.

Қарорам бурд он сангиндили ноошно, ёраб,
Нагуфта аз пайи таскини дил як марҳабо, ёраб.
Бишуд умре пайи озору дар қасди ҷафо, ёраб
Ду-се рӯзе зи тоби ишқ бетобу қарораш кун,
Бигир аз чашми у хобу чу ман шабзиндадораш кун.

Шунидам, ки чу ман бемору зору нотавон гаштӣ,

Ба қомат сарв будӣ, оқибат ҳамчун камон гаштӣ.
Баҳори дилфиребе будию акнун хазон гаштӣ
Дигар суде надорад гиряи шабҳои бехобӣ,
Ҷавониро ту гум кардӣ, дигар ҳаргиз намеёбӣ.

с. 1978

Эй навбаҳори тозанафас, эй паёми ишқ,
Хуш омадӣ , ки бе ту басе ғусса хӯрдаам.
В-аз бодҳои сарди ҳаводиси рӯзгор,
Ранҷи фано кашидаву, аммо намурдаам,
Бо орзуи ту.
Эй навбаҳор мояи сад шодиву сурур,
Ту омадию ғуссаву ғам аз барам рамид.
Мурғи дилам ба боли таманнову орзӯ,
Кавну макон паридаву то ломакон расид,
Бо завқи ҷустуҷӯ
Эй рамзи ҷовидонию зебогии абад,
Ёд аз ҷамоли дилбари гумкарда медиҳӣ.
К-ӯ рух зи мо нуҳуфта, паси пардаҳои роз,
Бар мо нишони рӯи ӯ бе парда медиҳӣ,
Пайдову рӯ ба рӯ.
Баргӯ, ки чист боиси ин ашкрезият,
Эй абри баҳманӣ, ба чунин гиряҳои зор.
Эй мурғаки чаман, чу манат сина пур зи ғам,
Аз умри кӯтаҳи гулу в-аз рафтани баҳор,
З-инаст ҳою ҳу?
Ҳаргаҳ баҳор мерасаду муждаи баҳор,
Шӯрест дар вуҷуди ман аз гуфтугӯ бурун.
Зеро баҳор рози манасту ниёзи ман,
Бо покию латофати з-андозаҳо фузун.
Дар худ равам фурӯ.
Фасли баҳор мерасад аз олами дигар,
Булбул ба гӯши гул чу расонад азон хез.
Ҳастӣ ҳама зи ҷушу тараб пурхурӯш гашт,
Ғафлат дигар басаст, зи хоби гарон хез.
Бегонаги маҷӯ

С 1986.

Худоё қодиро, парвардигоро,
Кароматпешаё, раҳматнисоро.
Ҳакими бенишонӣ он ки лутфат,
Расад бар мо ниҳону ошкоро.
Зи дастам кай барояд шукру ҳамдат,
Зи ноқис зикри ноқису қисоро.
Зи ту лутфу каромат беҳисобаст,
Зи мо ъисёну ғафлат бешуморо.
Валавкона зунубӣ ғайра ъаддин,
Лаконат раҳматук ёраб касиро.

С 1979.

Гул ба мавсими баҳорон зинда бод,
Рӯи хуби гулъузорон зинда бод.
Нағмаи мурғон ба вақти субҳидам.
Бо садои обшорон зинда бод.
Зиндагӣ ёбад сафо аз дӯстӣ,
Қалби поки дӯстдорон зинда бод.
Сар фурӯд орем пеши модарон,
Ҳиммати ин бурдборон зинда бод.
Качрамузонро заволаст оқибат,
Ростию росткорон зинда бод.
С 1975.

Дар анчуман ҳикояти ҳар шӯру шар магӯ,
Ҳақро бигӯ валек ба ҳар бебасар магӯ.
Бедонишон чу душмани фарҳангу донишанд,
Шеъру ғазал бигӯ вале, дар гӯши хар магӯ.
Аз бахти бад шикояте бар ину он мабар,
Рози ниҳони хеш ба ҳар раҳгузар магӯ.
Ҷаҳде бикун, ки гуфтанат шодӣ биёварад,
Чун бум аз сиёҳиву зулмат хабар магӯ.
Ҳарфе, ки дар буруни дар гуфтан нашоядат,
Аз рӯи пухтакориҳо дар пушти дар магӯ.
Чун беҳунар ту душмани соҳибҳунар машав,
Ҳам носазо ба нисбати аҳли назар магӯ.
Ҳарфе, ки чанд аз касу нокас шунидаӣ,
Аз худ изофа кардаву пеши дигар магӯ.
Бар худ гумон мабар, ки ту донои маҳфилӣ,
Бишнос қадри хешу сухан беасар магӯ.
Кибру ғурур кам бикун, гар хоҷазодаӣ,
Аз худ бигӯ ҳикояту, фазли падар магӯ.
Нуру Худост дар ҳама ҷо ҷилвагар, вале,
Васфи ҷамоли дӯст, ба ҳар кӯру кар магӯ.
Дар шеър агарчи ҳикматаст ихтисор беҳ,
Навшаҳрӣ[1], он чи гуфтӣ, аз ин бештар магӯ.

с. 1979.

Пушаймонам, ки умре дар ғами ту мубтало будам,
Ту қадри ишқи поки осмониро намедонӣ.
Кунун дил аз ту бар кандам, ҳазорон дарду ғам дар дил,
Зи ёди рӯзҳои тира шабҳои парешонӣ.
Ғами дил гар ба дӯши кух будӣ пора гардиди,
Чу ман бечора гардидӣ

Ту будӣ боиси сад орзую сад таманноям,
Ту будӣ, к-ин ҷаҳон дар чашми ман ҳамчун баҳоре буд.
Дилам лабрези шодию сурури навҷавонӣ буд,
Намедонам хаёле буд, ҳақиқат буд, боре буд.
Агар дар хоб буд, афсӯс, бедорам чаро кардӣ?

---

[1] Дар ибтидо бо тахаллуси Навшаьрї ва Нушорї шеър мегуфт.

Ту беморам чаро кардӣ?

Ҷавонӣ доштӣ, ҳусну латофат бо ту меболид,
Аз ин рӯ аз ману аз ишқи покам саргарон будӣ.
Касе, ки қадри ту донист, қадри ӯ надонистӣ,
Вале бозичаи беқадри дасти дигарон будӣ.
Кунун суде надорад ашки ҳасрат рехтан дигар,
Зи худ бигрехтан дигар.

С 1979.

Бе ту тарабро ба дилам роҳ нест,
Ҳеҷ кас аз ҳоли ман огоҳ нест.
Бе ту ғаму ғусса гаронам шуда,
Дурии ту офати ҷонам шуда.
Фасли баҳор, эй гули раъно, биё,
Сӯи чаман баҳри тамошо биё.
То зи насим зулф парешон кунӣ,
Ҷони маро бе сару сомон кунӣ.
Раҳм бикун, синаи ман реши туст,
Тан бари ман, ҷону дилам пеши туст.

С 1978.

Биёву оташи дилро фурӯ нишон, эй дӯст,
Маро ба захмаи сози зи ғам раҳон, эй дӯст.
Нишони манзили ҷонон варои ин дунёст,
Биё, ки пар бикашем аз сари ҷаҳон, эй дӯст.
Маро рафиқи забонӣ басе буду бошад,
Вале туӣ аниси дилу рафиқи ҷон, эй дӯст.
Зи сӯзи синаи решам зибас хабар дорӣ,
Ғами нуҳуфтаи дил дар барат аён, эй дӯст.
Дар анҷуман бари ёрон чу лола хандонам,
Вале даруни дилам гиряи ниҳон, эй дӯст.

С 1982.

Эй он, ки зулфи мушкин, пурпечу тоб кардӣ,
Наргиси фитнаҷӯро масти шароб кардӣ.
Бар тан қабои нозук, мушки гулоб кардӣ,
Аз хуни ошиқонат нохун ҳизоб кардӣ.
Бо як нигоҳи гарме дилро кабоб кардӣ.

То кай зи тоби ҳаҷрат дилхаставу ҳазинам,
То кай ба кунҷи узлат танҳо ҳаменишинам.
Бингар ғубори ғамро, биншаста бар ҷабинам,
Бингар ба оби чашму бар оҳи оташинам.
Ҳолам забун намудӣ, чашмам пуроб кардӣ.

Офат ба ҷони мо шуд наргиси фитнаҷӯят,
Дил баста шуд нигоро, дар печу тоби мӯят.

Дорам умеди васлу дар сар ҳавои кӯят,
Рӯзам чу шом гашта, андар хаёли рӯят.
Дар оташи фироқат дилро кабоб кардӣ.

С 1976.

## Дар сарфу наҳви забони арабӣ

Буда з-асмои муаннас, эй фато,
Чанд калима ғайри қобили бато.
Гар бихоҳӣ, эй азизи меҳрубон,
Ҳар якеро бо ту месозам баён:
Фахзу сину қидру қавсу бағлу бир,
Нору дору нафсу айн, хайлу баъир.
Каъсу шамсу риҳу арзу ақрабаст,
Киршу кабид соқу риҷлу арнабаст.
Ҳам кафу ядду қадам қавсу зироъ,
Ҳам фарас, ибилу ғанам бо кироъ.
Хам ямин, асмоуҳо мусалҳадид,
Қуддуму ҷузуру ақраб, эй фарид.

С 1975.

Чанд асмои дигарро, эй ҷавон,
Ҷоизаст тазкиру таънис бе гумон.
Бо ту месозам баён, ту ҳуш дор,
Ин суханҳои маро дар гӯш дор.
Ҳаст ҳудо бо қафо, ъунқу матин,
Ҳам салам бо суқу тоғути лаин.
Ин сухан дар гӯш мекун эй Фарид,
Вон яке дигар бувад дуръулҳадид.
Ҳар ҷӯӣ ин калимот эй ҷавон.
Тои таънисро намеёби нишон.

С 1975.

Зулфи печони ту шуд занҷири поям, эй парӣ,
Як нигоҳи лутф бинмо аз бароям, эй парӣ.
Ҳоли зорамро бубин, дар шоми ҳиҷрон то ба кай?
Мехӯрам хуну гирифтори балоям, эй парӣ.
Аз қудумат як шабе равшан бикун кошонаам,
Хоки поят тутиё бошад бароям, эй парӣ.
Гар бубинӣ ашки хунину рухи зарди маро,
Боварат ояд, ки охир бовафоям, эй парӣ.
Мекашам аз ин дили маҷрӯҳ оҳи оташин,
Аз ғаму дарду фироқат месароям, эй парӣ.

С 1974.

Оташи ишқат саропои мани бечора сӯхт,
Оҳ аз ин оташ, ки бунёди маро якбора сӯхт.
Доштам дар дил таманнои висолат, эй парӣ,
Барқи ҳиҷронат диламро мисли оташпора сӯхт.
Ҳарки дид, к-андар хароботи ғамат овораам,
Ҷони ӯ баҳри мани саргаштаву овора сӯхт.
Бастаам дар роҳи ту аз дидагонам ҷуи об,
К-аз сиришки оташинам, дидаи назора сӯхт.

С 1975.

## Маснавиёт

Ба номи холиқи маъбуди якто,
Ба номи қодири ҳайи тавоно.
Ба номи он, ки воҷибул вуҷудаст,
Азизу муқтадирасту вадудаст.
Худованди замину осмонаст,
Валекин худ муназзаҳ аз маконаст.
Ҳамеша зинда аст, ӯро равон не,
Ҳаме гӯёст, лек ӯро забон не.
Замон бар ӯ гузар ҳаргиз надорад,
Тасавур з-ӯ хабар ҳаргиз надорад.
Муназзаҳ ӯ зи анбозасту авлод,

На аз ӯ кас бизод, не ӯ зи кас зод.
Сифоти ӯ набошад ғайри зоташ,
На аз зоташ ҷудо бошад сифоташ.
Ситоишро сазо ҷуз ӯ набошад,
Ибодатро раво ҷуз ӯ набошад.
Чисон авсофи ӯро баршуморам,
Ки ӯ нурасту ман мушти ғуборам.
Худоё, қодиро, парвардигоро,
Кароматпешаву раҳматшиоро!
Забон дар васфи худ гӯянда бинмо,
Маро дар роҳи худ пӯянда бинмо.

## Даҳ васфи Парвардигор

Зи ман бишнав ту, эй фарзанди дилбанд,
Бигӯям бо ту авсофи худованд.
Худованди бузурги ҷовидонӣ,
Бувад мавсуф ба даҳ васф ар бидонӣ.
Бувад ҳашташ субутӣ назди таҳқиқ,
Дуяш салбист, бояд кард тасдиқ.
Аввал илмаст, яъне Ҳайи Ваддуд,
Бувад доно баҳар маъдуму мавҷуд.
Дувум қудрат бувад наздики доно,
Ба ҳар коре Худо бошад тавоно.
Савум васфи ҳаёт аст ар бидонӣ,
Худованд зиндаасту ҷовидонӣ.

Чаҳорум самъ, яъне поки якто,
Суханҳо бишнавад аммо на чун мо.
Бувад панҷум басар, яъне Худованд,
Бувад бино на чун мо бар каму чанд.
Шашум бошад калом, яъне ки Раҳмон,
Сухан гӯяд, вале на ҳамчу инсон.
Сухан гӯяд, вале ӯро забон не,
Ҳамеша зиндааст, ӯро равон не.
Ирода ҳафтумин андар шумор аст,
Ки ӯро ҳарчи хаҳад ихтиёраст.
Кунад мавҷуд дар як дам ҷаҳоне,
Ва ё маъдум созад дар замоне.
Бувад таквин ҳаштум васфи додор,
Ки буд аз нобуд орад ӯ падидор.
Ду васфи дигараш салбист гӯям,
Мадад аз кас наҷӯям, з-у биҷӯям.
Нахуст инки худо фардасту якто,
На ӯро зид, на мислу, на ҳамто.
Ба ҷуз Ӯ зоти Ӯро кас надонад,
На Ӯ бо кас, на кас бо Ӯ бимонад.
Дувум инки Худо покасту беайб,
Муназзаҳ аз ҳама нуқсон, бе райб.
Каримо, шукри тавфиқе, ки додӣ,
Забонамро ба тавсифат кушодӣ.
Ту ҳоли ман зи ман беҳтар бидонӣ,
Ҳаронҷи беҳтараст бар ман расонӣ.

## Муноҷот

Худоё раҳнамои кори ман шав,
Надорам ёри дигар ёри ман шав.
Саросар ғарқа дар баҳри гуноҳам,
Агар лутфат набошад рӯсиёҳам.
Бишӯ аз оби раҳмат занги дилро,
Ҷило бахш аз таҷаллӣ ранги дилро.
Гуноҳам гарчи аз андоза дураст,
Умедворам, ки як номат Ғафураст.
Ҳавову ҳирси дунё карда пирам,
Бизад золи фалак бар сина тирам.
Ба фарёдам касе фарёдрас не,
Ба бекас ғайри зотат ҳеҷкас не.
Набурдам баҳрае аз зиндагонӣ,
Ҷавонӣ баргузашт, ҳайфи ҷавонӣ.
Ба ғафлат тай шуда ҳар солу моҳам,
Набошад тӯшае ғайр аз гуноҳам.
Агар аз Ту набошад дасти ёрӣ,
Ману бозори ҳашру шармсорӣ.

* * **

Тифли фикрам оқибат парварда шуд,
Шоҳиди маъно бурун аз парда шуд.
Сар бизад аз синаам сӯзи дигар,

Оташи гарми ҷаҳонсӯзи дигар.
Муҳри хомуши зи лаб бишкастаам,
В-аз тафаккур хоби шаб бишкастаам.
Лаҳҷаи дил баҳри ман сарбаста буд,
Хона пурганҷу, вале дар баста буд.
Аз калиди дар нишонам додаанд,
Баҳри дил як тарҷумонам додаанд.
Аз сухан во шуд тилисми синаам,
Гашта осон мушкили деринаам.
Шӯру шавқу зеру бам дар синаам,
Сугу ҳасрат, дарду ғам дар синаам.
Ҳам таманно дар дилам ҳам розҳо,
В-аз муҳаббат сӯзҳову созҳо.
Орзу дар синаам ҷавлон кунад,
Изтироби дил дусад чандон кунад.
Дар замирам растахези дигараст,
Сури дигар, хез-хези дигараст.
Зиндагӣ бо ёди фардо мекунам,
Раҳ ба кӯи дӯст пайдо мекунам.
Шукри беҳад, ки забонам доди Ӯст,
Ҳусни гуфтори ман аз эҷоди Ӯст.

* * *

Эй зи ғафлат пой дар гил мондагон,
Сар ба сар дар ҷаҳли мушкил мондагон.
Худфуруши зери номи шоъирӣ,
Ҳайф бошад баҳратон лафзи дарӣ.
Хоҷа дар байте сафоҳат мекунад,
Таъну лаън дар шаъни миллат мекунад.
Пешааш кизбу сафаҳ пардохтан,
Баҳри дунё дину миллат бохтан.
Шеъри эшон бесафову бемазаҳ,
Хондани ашъорашон куфру базаҳ.
Эй мусалмонзодагони бошуур,
Шахси бино кай равад дунболи кӯр.
Нури Ҳақ омад би мисли «қасвара»,
Васфи эшон «ҳумурун мустанфира»
Назди эшон аз улуму аз фунун,
Чанд мегӯӣ «фаҳум ло ярҷиъун».
Ҳамчу хаффошон зи хуршед дар нуфур,
Чанд гӯи баҳрашон «Аллоҳу нур».
Ҳам ба шаъни ин дадони пурнафир,
«Анкара-л-асвоту ла савтул ҳамир».
Васфи ин беҳудагӯёни хабис,
Бас бувад «ман яштари лаҳвал ҳадис».
Пеши нодон аз улуму аз фунун,
Дам мазан ҳам хешро ранҷа макун.
Ҷаҳл аз Буҷаҳл чун омад падид,
Кай руҷуъ аз ҷаҳл созад, эй фарид.
Аблаҳонро дониши донишварон,
Кори беҳудасту ранҷи бекарон.
Ҷоҳилон аз илму ҳикмат дар нуфур,
Говро душман бувад ҷуз хобу хур.

Васфи илму васфи ҳикмат, эй фақир,
Дар каломи Ҳақ бувад «хайрун касир».
Ганҷи раббонист, шукраш карда беҳ,
В-арна дар ҷаҳлу ҳамоқат мурда беҳ.
Илмро пайванд бо ҷонасту бас,
Одамӣ аз илм инсонасту бас.
Гар на илму маърифат ҳамдам шудӣ,
Кай зи сурат одамӣ одам шудӣ?
Дар каломи Ҳақ башорат бишнавӣ,
Чун раси бар ояти «ҳаляставӣ»?

* * *

Кош аз худ як шабе берун шавам,
Раҳнаварди ҷодаи гардун шавам.
Он сӯи афлок андозам каманд,
Саъду наҳс монад ба зеру ман баланд.
Аз саёроту савобит бигзарам,
Пардаи ҳафт осмонро бардарам.
Нуриёнро гарм созам дар талаб,
Мушти хоку сайри афлок, эй аҷаб.
Оҳ гӯям аз дили пурмашъала,
Қудсиён аз оҳи ман дар валвала.
Сӯзи ман созад асар дар ҷонашон,
Ишқро ҳин ҳуҷҷату бурҳонашон.
Шури мастӣ гар шавад болу парам,
Авҷ гирам аз ду олам бигзарам.
То расам бар олами бе мунтаҳо,
Оламе аз шашҷиҳат берун, ҳало.
Ҷони покон ғарқа дар баҳри шуҳуд,
Бе садову лаҳн сад гуфту шунуд.
Ҳусни мутлақ ҷилвагар андар назар,
Нозиру манзур айни якдигар.
Маҳзари ҷононаву ҷонасту бас,
Не ғалат, бал ҷумла ҷонон асту бас.
Мӯ нагунҷад дар миёни ину он,
В-ин сухан аз мӯй борикаст, ҳон!.
Худ бигуфтан худ шунидан мушкил аст,
Нафйи худ бар худ расидан мушкил аст.
Кош аз худ як шабе берун равам,
Роҳ душвораст охир чун равам?

* * *

Кай шиносам соғару паймонаро,
Соқии гулчеҳраву майхонаро.
Андаруни сина дил хун кардаам,
В-аз ду чашмам Даҷла Ҷайҳун кардаам.
Аз ману аз толиъи абтар мапурс.
Ман зи по афтодаам, аз сар мапурс.
Дар ҷигар чоке, ки напзирад руфу,
Чанд гӯям з-ин аламҳо мӯ ба мӯ.
Аз табаҳкорӣ хиҷилам ҳам малул,
Худ зи худ тарсандаам монанди ғул.

Ёди рӯзу соати фархундае,
Ёди рӯи ҳамчу маҳ рахшандае.
Ёди зулфу ёди қомат, ёди чашм,
Ёди лутфу ёди нозу ёди хашм.
З-ин ҳама дар синаам ёдасту бас,
Дар дилам пайваста фарёдасту бас.
Изтиробе дар ҳама аъзои ман,
Гар ҳаминаст зиндагӣ, сад вои ман.
Домани матлаб раҳо кардам фусус,
Эй Тавобу, эй Раҳиму, эй Қудус.
Онки ӯро кардаи тоғут ном,
Ронда моро ҳартараф ӯ бе лагом.
Нафсу шаҳват ҳам ба ӯ пайвастаанд,
Баъд аз он ақди ухуват бастаад.
З-он сипас ин се ба қасди ман шуданд,
Ақли ман duздидаву раҳзан шуданд.
Ҳарчи кардам аз гуноҳу аз хато,
Ақл кай буд дар сарам , эй Зулъато.
Ҳарчи маҷнун мекунад бошад маъоф,
Эй Худовандо, ба ҳақи «нуну қоф»,
Қоҳириву қаҳр бар иблис бирон,
К-у маро бурда зи роҳат бар карон.
Канда чоҳе ӯ ба роҳам ё Илоҳ,
Бар чаҳаш афкан, шавад рӯяш сиёҳ.
Эй каримо, пеши ту шармандаам,
Аз хиҷолат сар ба зер афгандаам.
Эй латифу, эй музилу, эй хабир,
Эй ҳама афтодагонро дастгир.
Ту Ғафуриву ҳамин васфи ҷамил,
Бар камоли мағфират бошад далил.
Эй ғиёсал мустағисин, ё Иллоҳ,
Бар ҳама афтодагон пӯшту паноҳ,
Ман ба даргоҳат ниёз овардаам,
Хоифам, бар ту малоз овардаам.
Бо ҳарифон гарчи дар зоҳир хушам,
Лек ба ботин маҷмари пуроташам.
Оташе, к-у ҷисму ҷонамро бисӯхт,
Шуълаи ғам устухонамро бисӯхт.
Ғам қарину бахт шуд бегонаам,
Ғам мисоли чуғзу ман вайронаам.
Эй Худои ганҷбахшу ранҷбахш,
Ранҷи ман баргиру бар ман ганҷ бахш.
Не ҳамон ганҷе, ки молу зар бувад,
Варна ганҷе нест, дарди сар бувад.
Фитна хондӣ, дар каломат молро,
Ганҷ кай лоиқ бувад ин қолро.
Раҳмати ту ганҷи бепоён бувад,
Матлабам аз ганҷ гуфтан он бувад.

* * *

Эй ду ҷаҳон арсаи ҷавлони ту,
Баҳравар аз неъмати алвони ту.
Кавну макон дар сари таслими ту,

Давру замон бастаи тақвими ту.
Дар азал аз хеш ту ҷӯшидаӣ,
Дар дили ҳар зарра ту пӯшидаӣ.
Сонеъи санъатгари бечун туӣ,
Ҳарду ҷаҳон чун хату мазмун туӣ.
Гул ба чаман ёди ҷамолат диҳад,
Боди саҳар завқи висолат диҳад.
Ман зи ту дуру ту ба ман бас қариб,
Доъияму мултаҷиям, эй муҷиб.
Доҳишаму музтарибу дар хатар,
Гар набувад даргаҳат, «айнал мафар»?

* * *

Эй, ки доноиву доно зодаӣ,
Дар ҷаҳон тарҳи адаб бинҳодаӣ.
Ҳам суханвар, ҳам ҳунарвар аз ту буд,
Марди майдон шери сафдар аз ту буд.
Аз ту бунёди сухан, ҳам шоъирӣ,
В-аз ту дар ҳар фан камоли моҳирӣ.
Рудакӣ пири даригӯи ту буд,
Чашми умедаш, ҳама сӯи ту буд.
Ҳамчу Фирдавсӣ муаррих доштӣ,
Расми мардӣ дар ҷаҳон бигзоштӣ.
Буалӣ Синои ту ҳикматшинос,
Фалсафа аз донишаш ёфта асос.
Тусию Форобӣ аҷдоди туанд,
Дар паи тафҳиму имдоди туанд.
Ҳамчу Берунӣ туро ҳайатшинос,
Хотироти ин бузургон дор пос.
Бодаи ишқ маст кард Хаёмро,
Пур зи шӯру шавқ кард айёмро.
Аҳли ирфон, аҳли Ҳақ аҷдоди ту,
Эй басо олӣ бувад бунёди ту.
Амири Ҳамдонӣ муршиди раҳат,
Ғавси гелонӣ ҳақиқатогаҳат.
Шайх Аттор, Боязидат дастгир,
Ҳамчу Иброҳими Адҳам беназир.
Пири Румӣ, лаҳҷаи ширини ӯ,
Ман фидои чашми охирбини ӯ.
"Маснавии Маънавии Мавлавӣ
Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ",
Шамси Табрез, он қатили роҳи ишқ,
Ботинаш пурсузу пур аз оҳи ишқ.
Аз ниёгони туанд, эй хушниҳод,
Хотироти ҳақшиносон ёд бод.

* * *

**МУХАММАСОТ**

Ҳар нафас бемеҳрии давру замонам мекушад,
Дар баҳори зиндагӣ ёди хазонам мекушад.
Зиндагонӣ дар миёни ҷоҳилонам мекушад,
Фитнае, к-омад фурӯд аз осмонам мекушад,
Бо фусуну макр, бе тиру камонам мекушад.

Мулҳидонро мазҳабу маслак чу шайтон будааст,
Мазҳаби фисқу фуҷуру зулму исён будааст,
Балки шайтон ҳам муриди хоси эшон будааст.
Бар сари инанд, ки маймун ҷадди онон будааст,
Бетамизиҳои ин бузинагонам мекушад.

Аз яке миллат ҳазору чанд миллат кардаанд,
Уммати исломро садгуна қисмат кардаанд.
Байнашон эҷоди сад буғзу адоват кардаанд,
Мо баҳам уфтодаву эшон ҳукумат кардаанд,
Ҳилаву макру фиреби даҳриёнам мекушад.

З-ибтидо сад фитнаҳо дар кори мо ангехтанд,
Риштаи меҳру муҳаббат байни мо бигсехтанд.
Эй басо хунҳои покону азизон рехтанд,
Хокро бо хуни аҷдодони мо омехтанд,
Ҳасрати як миллати пурормонам мекушад.

Садҳазорон кушта шуд аз дасти ин даҷҷолиён,
Водареғи донишомӯзони хушлаҳну баён.
Гулситони маърифат аз рафтани эшон хазон,
То қиёмат месазад дар мотами онон фиғон.
Сугу дарду ҳасрати соҳиб дилонам мекушад.

Кохи илму маърифат аз дасти барбарҳо хароб,
Кушта шуд аз аҳли илму фазл беҳаду ҳисоб.
Он шунидӣ, дар Бухоро солҳои инқилоб,
Оташи гармобаҳо буд ҷои ҳезум аз китоб,
Он китобу дафтари гум аз ҷаҳонам мекушад.

Эй бародар, з-ибтидо исломиён як миллатанд,
Чун Худоро бандаанду Мустафоро умматанд.
Ин замон дар ихтилофу зери бори зиллатанд,
Душмани дин дар камин в-эшон ба хоби ғафлатанд,
Макри куфру ғафлати исломиёнам мекушад.

То бакай як миллати бечора хуни дил хурад?
То бакай аз содагӣ колои худро худ харад?
То бакай як аҷнабӣ буду набуди ӯ барад?
Гурги хуношом то кай рамаеро медарад?
Алғараз, беҷуръатиҳои шӯбонам мекушад.

Эй ҳарифон, чорае, дину забон аз даст рафт,
Ҳикмати шеъри Аҷам, лутфи баён аз даст рафт.
Сидқу ихлосу муҳаббат, бегумон аз даст рафт,
Покии марду зану пиру ҷавон аз даст рафт.

Ҷаҳли пиру соддагиҳои ҷавонам мекушад.

Маснади дониш ба дасти нокасон афтодааст,
Ҳам фасоҳат, ҳам балоғат аз забон афтодааст.
Ҳарфи мавзуни дарӣ, то аз мизон афтодааст,
Шӯҳрати девону дафтар аз миён афтодааст.
Ҳарфи пучи нотиқи каҷмаҷзабонам мекушад.

Ҳар замон аз ғайб меояд нидои иттиҳод,
В-аз дили пуршӯр меояд садои иттиҳод,
Ҳам зи тори ҷон расад ҳар дам навои иттиҳод,
Ҷамъ бояд гашт, дар зери ливои иттиҳод,
Ихтилофу фитнаҳои нокасонам мекушад.

Соли 1983

# Мухаммас

Дар ватан ҷуз ҳасрату дарду парешонӣ намонд.
Он тароватҳо, ки медидию медонӣ намонд.
Аҳли дилро ҷуз гиреҳи ғам ба пешонӣ намонд
Дар дабистони хирад ҷуз ҷаҳлу нодонӣ намонд,
Алғараз қадри шарофатҳои инсонӣ намонд.

Булбулон рафтанду зоғон дар чаман ҷо кардаанд,
Чуғзу буми шум дар ободӣ маъво кардаанд,
Тудаи авбош ҳарҷо шӯру ғавғо кардаанд,
Қатлу ғоратҳои бераҳмона барпо кардаанд,
Мардуми бечораро ҷуз хонавайронӣ намонд.

Пардаи шарму ҳаёро пора карданд, ай дареғ,
Сад ситам бар мардуми бечора карданд, ай дареғ,
Марду занро дар ҷаҳон овора карданд, ай дареғ,
Тифлаконро қатл дар гаҳвора карданд, ай дареғ,
Дар дили ин кофарон раҳму мусалмонӣ намонд.

Ин хабисон нанг аз дину диёнат кардаанд,
Бар китобу дафтару масҷид иҳонат кардаанд,
Аҷнабиро дар таҷовузҳо иъонат кардаанд,
Худфурӯшию харобию хиёнат кардаанд,
Дар рухи ин бехудоён нури эмонӣ намонд.

Нуктапардозон дар ин давру замон овораанд,
Аҳли илму фазл дар ҳар гӯшае бечораанд,
Соҳибони фаҳму дониш бо дили садпораанд,
Ҷои эшон тӯдаи бемазҳабу майхораанд,
Эй азизон, баъд аз ин қадри сухандонӣ намонд.

Баҳри мансаб хоки поки ин ватан бифрӯхтанд,
Шӯҳрату овозаи мулки куҳан бифрӯхтанд,
Обуруву эътибори марду зан бифрӯхтанд,
Мурдаро як сӯ ниҳоданду кафан бифрӯхтанд,
Хоинонро ҷуз хати лаъна ба пешонӣ намонд.

Аз дами шуми палидон соҳати кишвар бисӯхт,
Оташе дар найситон афтод, хушку тар бисӯхт,
Боғу роғу киштзорон сӯхт, бому дар бисӯхт,
Алғараз, ин сарзамини пок сартосар  бисӯхт,
Осмон оташ гирифту абри боронӣ намонд.

Ин ҳама ҷабру ситам рӯзе басар хоҳад расид,
В-ин дарахти орзуҳоро самар хоҳад расид,
Юсуфи гумгаштаи мо аз сафар хоҳад расид,
Эй Навид, ин илтиҷоҳоро асар хоҳад расид,
То абад хуршед зери абри зулмонӣ намонд.
Кундуз 1994

**Мухаммас бар ғазали Бедил**

Дар дилам пайваста озорасту бас,
Ин биёбон мазраъи хорасту бас.
Бе ту рӯзи мо шаби торасту бас,
«Зиндагӣ маҳруми такрорасту бас.
Чун шарар ин ҷилва якборасту бас».

Домани шаб малҷаи соҳибдилон,
Маҷмаи файзу нишоти бедилон.
Хоби ғафлат то ба кай, эй оқилон,
«Аз адам ҷӯед субҳ, эй ғофилон.
Оламаст инҷо шаби торасту бас».

Дониши мо нашъаи девонагист,
Кай такаллум тутиро фарзонагист.
То ҳавасҳоро ба мо ҳамхонагист,
«Ғафлати мо пардаи бегонагист.
Маҳрамонро ғайр ҳам ёрасту бас».

Дар талаб аз роҳу манзилҳо мапурс,
Ҳам зи мавҷи баҳру соҳилҳо мапурс.
Аз тапиданҳову бисмилҳо мапурс,
«Аз шикасти шишаи дилҳо мапурс.
Шашҷиҳат як нештарзорасту бас».

Соликонро фикри нангу ор ку?
Сабҳаи саддонаву дастор ку?
Эй, ки бо ҳайрат бипурсӣ ёр ку?
«Дар таҳайур лазати дидор ку?
Дидаи оина , бедорасту бас».

Нест ганҷе аз таҷарруд судманд,
Рав чу хуршед дил ба танҳоӣ бибанд.
Эй ба афсунхонаи ҳастӣ бабанд,
«Ихтилоти халқ набвад бегазанд,
Базми сӯҳбат ҳалқаи мор асту бас»

Дар заифӣ бурдаи сабқат зи мур,
Бори сангине ба дӯшу роҳ дур,

Зулмати шабҳову чашмони ту кӯр,
«Эй сарат чун шӯъла пурбоди ғурӯр,
Инки гардан мекашӣ дор асту бас».

*  *  *

То бар рухи зебои туам як назар афтод,
Ишқат ба дилу дидаву ҷону ҷигар афтод.
То зулфи шикан дар шиканат дар камар афтод,
Дар кори мани зор гираҳ сар ба сар афтод.
Ошуфта диламро чӣ балое ба сар афтод.

Фарёд, ки аз ҳаҷри рухат ҷон ба лаб омад,
Ҷонам ба лабу рӯзи сиёҳам чу шаб омад.
Шаб кори мани хаста фиғону тааб омад,
Аз гиряи ман абри саморо аҷаб омад.
Эй вой, ки савдои ҷунунам ба сар афтод.

Эй моҳ, зи ҳаҷри рухи ту мисли ҳилолам,
Ман муътакифи бурҷи ғамонат маҳу солам.
Маҳкуми хусуфам, мададе, вой ба ҳолам,
Хуршеди ҷамоли ту раҳонид зи заволам.
То сояи зулфат ба рухи чун қамар афтод.

Эй боди сабо, накҳати гесӯи кӣ дорӣ?
Сад оҳ кашӣ хомӯшу ҳу-ҳуи кӣ дорӣ?
Эй сарв, хаёли қади дилҷуи кӣ дорӣ?
Эй фохта, менолию ку-куи кӣ дорӣ?
Ё гиряи ман дар дили ту коргар афтод?

Айёми баҳорон ба гулистон гузаре кун,
Аз дидаи дил ҷониби саҳро назаре кун.
В-аз роҳи назар ҷониби маъно сафаре кун,
В-ин пардаи ғафлат бидару пардадаре кун.
Андар паси ин парда ҷаҳони дигар афтод.

Моно, ки ҷаҳони дигаре нест, биҳиштаст,
Хокаш ҳама аз анбари погизасириштаст.
Дар гунбади нилӣ ба хати зар бинавиштаст,
Ҳар худнигару худшумаре аҳли куништаст.
Иблис бинигар то чияш, аз ин ҳунар афтод.

Гуфтам, ки биҳиштаст на-на, ин чӣ хаёласт,
Ин ҷилваи ҳуснасту адабгоҳи ҷамоласт.
Ар хулд гумонаш бибарӣ айни вaболаст,
Онҷо, ки ҷамоласт, адабгоҳи ҷалоласт.
Нангаст агар ёди ҷинонат ба сар афтод.

Дар роҳи талаб пой зи сар гиру ба сар рав,
Саргаштаи дар зулмати шаб сӯи саҳар рав.
Зиндони вуҷуд рахна кун, оҳиста бадар рав,
Аз дидаи ҳастӣ ту ба монанди назар рав.
Як ҷилваи ом омаду ин парда барафтод.
с. 1

**Чаҳорпораҳо**

Саломат мекунам, бишнав саломам,
Таамул кун ба мазмуни каломам.
Ту мақсуди диламро дарк бинмо,
Магӯ ман пухтаам ё инки хомам.

Мусалмони, зи ислом нанг дорӣ,
Нигоҳе сӯи миллат пур зи таҳқир.
Вале ҳар лаҳзае сад саҷда орӣ,
Ту эй гумкардараҳ дар пои кофир.

Сухан бепарда мегӯям аз ин пас,
Ки қавли ҳақ нагуфтан мушкил омад.
Чу дидан носазое чашм бастан,
Бари равшанзамирон ботил омад.

Ту душман гаштаӣ бар қавму миллат,
Ба ангези яке ноошное.
Ту мункир аз худованди каримӣ,
Ба талбиси хабисе, бехудое.

Аё донишвари «маҳбубу машҳур»,
Миёни мардумони бесару пой.
Ту худ парвардигори худ надонӣ,
Магар донишварӣ, сад вой сад вой.

Агар ин буда, вазъи рузгорат,
Фаромуш мекунӣ лафзи дариро.
Синову Ҷомиву Румиву Бедил,
Камолу Рудакиву Анвариро.

Сухан аз бахту озоди бигуӣ,
Бигӯ озодиву бахтат кадом аст?
Ба тақлид ҳаркӣ чун тутӣ сухан гуфт,
Яқин медон ғулом ибни ғуломаст.

Намедонӣ ҳақиқатрову динро,
Туро аз фаҳмиши ӯ дур карданд.
Сухан гӯӣ басе бемаъниву хом.
Туро бар гуфтанаш маҷбур карданд.

Ту аз баҳри маош шоир шудастӣ,
Ки то аз як лаби ноне намонӣ.
Амал бар ин масал кардӣ, ҳалолат,
Пули лулӣ бигир бо харчаронӣ.

Ғуломӣ баҳри шоирпеша нангаст,
Заифӣ баҳри шоир ор бошад.
Намедонӣ, ки шоир дар ҳама аср,
Мубориз, марди дар пайкор бошад.

Чӣ хуш фармудааст аллома Иқбол,

Ки лутфи Ҳақ ба ӯ бод ҷовидонӣ.
”Агар мардона натвон зинда будан,
Бувад мардона мурдан зиндагонӣ“.

С 1985.

**Бахти сияҳ**

Ё Раб, ҷудо зи меҳану ёру бародарам,
Бо қалби пора-пораву бо дидаи тарам,
Бахти сияҳ ҳамебарад кишвар ба кишварам,
Хун гашту в-аз ду дида бирехт шири модарам.

Ё Раб, ту донӣ ҳоли ҷигаргӯшаҳои ман,
Хуни ҷигар ҳамехӯранд шояд барои ман.
Боди сабо, паёми мани дарбадар бибар,
Бар ёри ранҷдидаву ғамошнои ман.

Ё Раб, ту бош ҳофизи Абдулмаҷиди ман
Пушту паноҳ бош ба Муҳаммадфариди ман.
Ман бар ту биспаридаам Иршоди хурдакам,
Рӯзе бидеҳ ба дидани эшон навиди ман.

Эй ҳофизи амонату эй дофиъи бало
Рӯзе ҷамоли духтараконам ба ман намо
К-эшон заифу зору парешон мондаанд,
Дур аз падар ба ҳасрату андӯҳ мубтало.

Ман Юсуфам, ки чашми падар дар раҳи манаст,
Онро, ки ғам расида бувад, огаҳи манаст.
Ёди диёру ёру бародар ба ҳар нафас,
Ҳамрозу ҳамнишини ману ҳамраҳи манаст.

Ё Раб, ғами ҷаҳон ба ҳавои ту хуш бувад,
Ҷабру ҷафо ба роҳи вафои ту хуш бувад,
Дорад Навиди хаста бадил доғҳо, вале
Ин доғҳо зи баҳри ризои ту хуш бувад.
Афғонистон 1995

Шабе парвонае бо шамъ мегуфт,
Зи ман омуз расми сӯхтанро.
Ҳаме сузию ашк аз дида резӣ,
Ба хомӯши бисӯзон ҷону танро.
* * *
Ту аз дарси талаб нохонда ҳарфе,
Ҷаҳонеро ба матлаб раҳнамоӣ.
На туфон дидаӣ, не мавҷи бахре,
Чаро лафе занӣ аз бехудоӣ?
* * *
Куҷо донӣ ту шавқи ҷустуҷӯро?
Дили беҳис ҳамчун санг дорӣ.
Ҳақиқатро ҷаҳолат мешуморӣ,
Зи роҳи худшиноси нанг дорӣ.
* * *
Дили ҷамъе бароят хун бигашта,
Зи бас суи ҷаҳолат раҳнавардӣ.

Инони ноқаат бартоб, бартоб,
Аз ин раҳ чун равӣ дигар нагардӣ.
* * *
Фурузон кун чароғи зиндагонӣ,
Ба зулмат зиндагӣ бисёр мушкил.
Ҳақиқатро ту медон ҳамчу хуршед,
Нашояд пушад ӯро абри ботил.
* * *
Туро гӯянд, ки ин гургаст гусфанд,
Ту бовар орию тафтиш н-орӣ.
Зи сар фикру зи дил ақлат рабуданд,
Ки то дар пои эшон саҷда орӣ.

С. 1980

Сухан бе парда мегӯям, аз ин пас,
Ки қавли ҳақ нуҳуфтан мушкил омад.
Чу дидан носазое чашм бастан,
Бари равшанзамирон ботил омад.
* * **
Кунун ман ҳикмати асри навинро,
Бари ту ҳарф ҳарф маъни кушоям.
Ту бикшо дидаи наззора то ман,
Ҷаҳони дигаре бар ту намоям.
* * **
Ҷаҳонеро, ки нанги зиндагонист,
Ҳама аз шуру шар бунёд дорад.
Ҷаҳонеро бадин сомони нангин,
Магар фарзанди Одам ёд дорад?
* * **

Ту паймони ниёгон-т шикастӣ,
Ту бо ин аҳриман паймон бубастӣ.
Ҳаметарсам, ки макри ин бадомуз,
Инонатро кашад бар бутпарастӣ.
* * **
Шиораш пардаи исматдаронист,
Туро з-ин маслаки нангин хабар на.
Ҳамехоҳад шави мункири миллат,
Туро, эй бехабар фикре ба сар на.
* * **
Басаст бӯсидани пои лаимон,
Ба шерон шеваи рубоҳӣ нангаст.
Сухан бисёр гуфтан бо ту хоҳам,
Валекин қофия бисёр тангаст.
* * **
Чи ҳоҷат, аз ришу дастор бастан,
Агар андар дилат меҳри Худо нест.
Диёнат аз сари ихлос бошад,
Агар мухлис наӣ динат раво нест.
* * **
Саре дар саҷдаву дил ҷои дигар,
Ба умеде, ки Яздон мепарастӣ.
Худоро тавба кун, аз ин ибодат,

Хаёлотат санам, худ будпарастӣ.
* * **
Миёни обу оташ сӯхтанро,
Шикасти шишаи дилро кӣ дида?
Вуҷуди пур зи дарду сугворӣ,
Ба хун оғушта бисмилро, ки дида.
* * **
Ҷарас фарёд дорад ҳар саҳаргаҳ,
Валекин раҳраву соҳибхабар не.
Самои синаро зулмат гирифта,
Нишоне ҳам зи хуршеду қамар не.
* * **
Замоне дил даруни синаи ман,
Ҷаҳони пуршигифте дар назар буд.
Замоне сарду хомӯш, ҳамчу санге,
Замоне оташе буд, шӯълавар буд.
* * **
Бинои зиндагӣ таъмирпазираст,
Вале меъмор ғуломасту асираст.
Асорат рӯзи ӯ чун шом карда,
Ҷавонасту ба зоҳир ҳамчу пираст.
* * **
Мақоми орифонро кай шиносам,
Ба тақлиди бузургон раҳнавардам.
Умед аз раҳномову раҳнавардон,
Ҳаминаст то зи раҳ гумраҳ нагардам.
с. 1979

* * **
Ҳамроҳи орзу , азми сафар кунам,
В-аз шавқи ҷустуҷӯ, дилро хабар кунам.
Дар маҳфиле агар, номи ту бишнавам,
Аз гиря мардуме, хуни ҷигар кунам.

* * *

## Рубоиёт ва дубайтиҳо (дар мавзӯоти гуногун)

Аз онки Навид хайманишинаст хушам,
В-ар бистару болинаш заминаст хушам.
«Ҳурун мақсурот филхиём”хондаӣ,
Чун оқибати кор чунинаст хушам.
* * **
Ёраб зи муҳаббат, дили пурдардам деҳ,
Дар роҳи талаб, чеҳраи пургардам деҳ.
Хуни ҷигарам бирез, аз ғояти шавқ,
Пас тушаи ишқро раҳовардам деҳ.
* * **
Ёраб бизан оташе ту бар хирмани ман,
Яъне бигудоз зи ишқ ҷону тани ман.
Бошад, ки бадин восила бугсаста шавад,
Занҷири гунаҳ зи пову аз гардани ман.

* * **

Ман қиссаҳо шунидаам аз ғусаҳои сабз,
Аз ашкҳои абри сияҳрузи навҳагар.
Ҳампои сабзаҳои баҳорӣ дамидааст,
Гулдоғҳои ҳасрату андӯҳ дар ҷигар.
** * **
Дар боғи ман таровати гулҳо зи ашкҳост,
К-аз чашми ҷонҳои балокаш ҳамечакад.
Ёраб кавири синаи ман дашти карбалост,
К-аз абр ҷои обҳо оташ ҳамечакад.
* * *
Бар чарх расад оҳу фиғонам бе ту,
Дар оташи ғам бисухт ҷонам бе ту.
Бар ҳоли мани ғариб раҳме бинамо,
Боз ову бубин, ки ман чӣ сонам бе ту.
* * *
Саргаштаву зору нотавонам кардӣ,
Бар тири ҷафои худ нишонам кардӣ.
Ҳаргиз касе нахост бо душмани худ,
Он зулму ситамҳо, ки ба ҷонам кардӣ.

* * *
Худоё он маҳи хушгил куҷо рафт,
Бути бе меҳру сангиндил куҷо рафт.
Дилам бурду бирафту боз н-омад,
Надонам ӯ куҷову дил куҷо рафт.

Баҳоронаст баҳоронаст Худоҷон,
Насими боду боронаст Худоҷон.
Ба дил аз ишқи як зебонигоре,
Ҳазорон шуру тӯфонаст Худоҷон.
* * *
Баҳорасту ҳаво нарм ай Худоҷон,
Ба дил садгуна озарм ай Худоҷон.
Азизи ман нигоҳи сард дорад,
Дили уро бикун гарм ай Худоҷон
* * *
Дило бо ҳоли зорат чун бисозам,
Туро то кай ғариқи хун бисозам.
Дило дар панҷаи золим асирӣ,
Зи чанги золимат берун бисозам.
* * *
Навову ноларо ин ҷо асар нест,
Касеро доғи ҳасрат дар ҷигар нест.
Биё то роҳи Ҳиндустон бигирем,
Ба табъи тутиёни мо шакар нест.
* * *
Зи гулшан в-аз гули ночида гуфтам,
Хабар аз роҳи нопаймуда гуфтам.
Машав афсурда гар шеърам бихонӣ,
Ки бо ҷону дили афсурда гуфтам.
* * *

Дар тинати мо ба ҷуз табоҳӣ набувад,
Дар шаҳри гуноҳ бегуноҳӣ набувад.
Мо номаи худ чунон сиёҳ кардастем,
Ҷуз фазли Худованд раҳоӣ набувад.
* * *
Мо хонаи худ миёни оташ кардем,
Осуда дили хеш мушавваш кардем.
Ё раб, ту бибахшо, ки ситамгоронем,
В-аз марҳаматат хотири худ х-ваш кардем.
* * *
Айёми гулу фасли ҷавонӣ бигузашт,
Эй дил ту бидонию надонӣ бигузашт.
То чашм ба ҳам задем, дар базми вуҷуд,
Чун хобу хаёл зиндагонӣ бигузашт.
* * *
Эй дил ту асири нафси саркаш нашавӣ,
Бо аҳли замона дар кашокаш нашавӣ.
Шодиву ғами ҷаҳон ҳама дар гузараст,
Сарсону парешону мушавваш нашавӣ.
* * *
Дар бодия рафтем ба дунболи сароб,
Дил ташнаи дидору ҷигар ташнаи об.
Мо гумшудагонем ба саҳрои вуҷуд,
Бар худ нарасидем, ту моро дарёб.
* * *
Ҳар чанд, ки моро зи гунаҳ парҳезаст,
Дар парда басе нақши шигифтангезаст.
Гаҳ аз дари хонақаҳ ба бутхона раҳаст,
Гоҳе зи калисо ба ҳарам даҳлезаст.
* * *
Як идда маро басе сутуданд, дурӯғ,
Дар дидаи ман наку намуданд, дурӯғ.
Гуё, ки ғам аз дилам зудуданд, дурӯғ,
Як руяву як забона буданд, дурӯғ.
* * *
Моро ба қазо панҷаву истез набуд,
Майле ба бутони фитнаангез набуд.
Ишқ омаду ақлу зуҳду парҳез бирафт,
Ё раб, чи кунам, ки ҷои парҳез набуд.
* * *
Моро зи ҷаҳон ҷуз ғаму озор набуд,
Сартосари хаварон ба ҷуз хор набуд.
Шодиву ғами замона дидем басе,
Ҷуз хобу хаёлу ваҳму пиндор набуд.
* * *
Моро зи хато дафтару девон сияҳаст,
В-аз гарди гунаҳ чеҳраи эмон сияҳаст.
Тарсам, ки ба ҳашр дар, сиёҳи борад,
Аз абри гуноҳи мо, ки онсон сияҳаст.
* * *
Ороми дили касону овораи хеш,
Сад чора ба дигарону бечораи хеш.
Шодии биҳишт ҳеҷ медонӣ чист?
Дарёфтани умри дигарбораи хеш.

* * *

Дар сина ба ҷуз оҳ намондаст, дареғ,
Ҷуз роҳи аҷал роҳ намондаст, дареғ.
Дар хирмани барбодшудаи умри азиз,
Ҳосил ба ҷуз аз коҳ намондаст, дареғ.
* * *
Ҷаҳд кардам, ки гурезам зи гуноҳу зи хато,
Лек дидам, ки гузир аз раҳи тақдир набуд.
Ба хиҷолат дарам, аз кардаву нокардаи хеш,
Чӣ кунам, кори қазо буд, зи тадбир набуд.
* * *
Дар чеҳраат аз ишқ асар мебинам,
Дар оҳи дилат зи ғам хабар мебинам.
Аз равзани дил агар ба сӯят нигарам,
Дар чашми ту ман чизи дигар мебинам.
* * *
Фарёд зи дасти ҳосидони бадкеш,
Аз тӯҳмату буҳтон ба ҷонам зада неш.
Ёраб ба ду олам ту парешоншон кун,
Ҳамчун, ки маро намудаанд зору париш.
* * *

## Сафарнома

Сафар дорам ба Шева ин пагоҳӣ,
Дуои хайр, эй ёрон дуое.
Ки мебинам намебинам шуморо,
Аҷал бо кас надорад ошноӣ.
* * *
Сафар пайғоми маргаст, эй бародар,
Ба пеши рӯ раҳи душвор дорам.
Магӯ бар гӯши ман номи ватанро,
Ки дарду ҳасрати бисёр дорам.
* * *
Кучоӣ то бибини ёри ҷонӣ?
Зи куҳ лағжидану афтиданамро.
Ба зери кутали Шева зи сардӣ,
Ба худ печидану ларзиданамро.
* * *
Ватан аз ту ҷудоям, хайр бодо!
Гирифтори балоям, хайр бодо!
Зи дасти душмани бегонапарвар,
Ба ғурбат ошноям, хайр бодо!
* *
Зи Ишкошим ба Зебокаст роҳам,
Худоё лутфи ту пушту паноҳам.
Чу ҳиҷрат суннати пайғамбаронаст,
Шафоат аз Расулуллаҳ бихоҳам.
* *
Шамол аз кутали Зебок ояд,
Зи Вардуч корвон бебок ояд.
Ҳавои Чокарон дорам Худоҷон,
Мадад кун мутаре чолок ояд.
* *
Ҳавои Суфиён кардему рафтем,

Зи сардии ҳаво ҷон дар азобаст.
Расидем чун ба масҷидаш шабонгаҳ,
Бидидем мардум аз меҳмон қибобаст.
* *
Аҷаб куҳи фаровон дора Борак,
Чи дарёи хурушон дора Борак.
Чӣ мепурсӣ зи сардии ҳавояш,
Зимистон барфу борон дора Борак.
* *
Ба Юмгон кони санги лоҷувардаст,
Ба ҷонам ҳасрату андуҳу дардаст.
Ба Борак мардумон аз ман бипурсанд,
Мусофир рангу рӯят аз чӣ зардаст?
* *
Асирам ай худоҷон ман асирам,
Ҷудоӣ дар ҷавонӣ карда пирам.
Ҳаме тарсам, ки дар шаҳри Баҳорак,
Ба сад андуҳу ғам рӯзе бимирам.
* *
Зи Борак майли Файзобод кардам,
Зи дӯрии ватан фарёд кардам.
Худоҷон синаи ман реш-решаст,
Ҷигарбандони худро ёд кардам.
* *
Дусе рӯзе ба Файзобод будам,
Ғарибу хаставу ношод будам.
Ҳазорон гиря андар сина маҳбус,
Чунин хомушона дар фарёд будам.
* *
Зи Файзобод роҳе то Тахораст,
Ҳама куҳу ҷару саҳрову ғораст.
Чун аз “Қоракамар” солим гузаштӣ,
Бидон, ки соли умрат бешумораст.
* *
Ба шаҳри Кишм чун маъво гирифтам,
Гузар бар раставу бозор кардам.
Аз ин гаштугузор ғам бештар шуд,
Хаёли деҳаи Нушор кардам.
* *
Зи Кишм бо мутаре гаштам равона,
Ба шаҳри Толиқону мулки Тахор.
Чӣ гӯям аз харобиҳои роҳаш,
Хулоса роҳи душворасту душвор.
* *
Замини Толиқон сероб бошад,
Ғарибонро дили бетоб бошад.
Ду-се рӯзаст, ки дар мулки Тахорам,
Ғам андар синаам, селоб бошад.
* *
Бирафтам аз Тахор бар шаҳри Кундуз,
Ки тақдир мебарад сӯе ба сӯям.
Ҳазорон қиссаи пурғуса дорам,
Кадоме аз ҳазоронаш бигӯям.
* *

Зи Кундуз меравам бар шаҳри Кобул,
Худо ҳофиз ало ёрони ҷонӣ.
Ғаме чун ағбаи Соланг дорам,
Ба сардию бузургию гаронӣ.
* *
Пишовар меравам аз шаҳри Кобул,
Ба мутар мудати як рӯза роҳаст.
Тавақуф дар Ҷалолобод кардам,
Заминаш пурдарахту пургиёҳаст.
* *
Пишовар мулки бас обод бошад,
Ҳазорон меваи хушранг дорад.
Ба зери ҳар дарахти бӯстонаш,
Басе мурғони хушоҳанг дорад.
* *
Ҳавои шаҳри Бағлонаст моро,
Хаёлоти парешонаст моро.
Пули Хумри диёри нозанинаст,
Вале майли Самангонаст моро.
* *
Бибастам рахт рӯзе аз Самангон,
Бирафтам то мазори Шоҳи мардон.
Зиёрат кардаам шери худоро,
Ба ҳоли зору бо чашмони гирён.
* *
Диёри Балх мулки бостонаст,
Ки дар васфаш ҳазорон достонаст.
Мазори Робиа, Бунасри порсо,
Сафобахши дилу ороми ҷонаст.
* *
Дигар ин Балх он Балхи куҳан нест,
Макони донишу маҳди сухан нест.
Мазороташ ҳама вайрона дидам,
Касе дар фикри таъмири ватан нест.
* *
Маро аз ин аламҳо ҷон бисӯзад,
Вуҷудам баҳри мазлумон бисӯзад.
Ғарибам гарчи худ дар мулки Афғон,
Дилам бар миллати афғон бисӯзад.
* *
Худоё мулки Афғонро нигаҳ дор,
Ҳама қавми мусалмонро нигаҳ дор.
Парешонӣ дар ин ҷаъмаст ёраб,
Ту ин ҷамъи парешонро нигаҳ дор.
* *
Мусалмонон ватан вайрона то кай,
Ба пои ақли мо завлона то кай.
Ба мо бегонагон раҳме надоранд,
Зи ҷамъи дӯстон бегона то кай.
* *
Мусалмонон баҳам оед вақтаст,
Тариқи ақл паймоед вақтаст.
Чаро душман ба ҳам ҷамъасту яктан,
Каме андеша бинмоед вақтаст.

* *
Фалак то кишвари Афғонам овард,
Аз он ҷо то ба Покистонам овард.
Намедонам чӣ мехоҳад зи ҷонам,
Кунун то хиттаи Эронам овард.

Рубоиёт дар манотиқи гуногуни Афғонистон Покистн ва Эрон навишта шудааст. 1993-95.

**Дар сугворӣ**
Обуру аз чеҳраи гулшан бирафт,
Рушанӣ аз дидаи рушан бирафт.
Ӯ бирафту дар ғами ӯ то абад,
Хуррами аз қалби марду зан бирафт.
** **

* * **
Яке бар авҷи гардунам расонад,
Дигар аз авҷ бар хокам кашонад.
Вале ман инқадар донам, ки ҳаргиз,
Касе ҳоли маро чун ман надонад.
* * *
Лаби пурхандаву қалби пур аз хун,
Миёни анҷуман ҳоли ман ин аст.
Ба дил ануҳи беандоза дорам,
Гувоҳи ман, гиреҳи бар ҷабинаст.
* *
Дилам санги мазори орзуҳо,
Даруни синаам сокиту беҷӯш.
Ҳазорон розҳо дар сина хун шуд,
Чароғи хотиротам гашта хомуш.
* * *
Макун айбам чу бини сарфиканда,
Ба авзои парешону ғаминам.
Ки куҳи ғам гирифта, пеши чашмам,
Ба ҳар су бингарам, ҷуз ғам набинам.
* * *
Ман он мавҷам, ки бо дарё ситезам,
Ман он гардам, ки бо саҳро ситезам.
Манам он ошиқи ошуфта ҳоле,
Зи худ бибрида бо дунё ситезам.
* * *
Ниҳоли орзубишкаста моем,
Ба сад андуҳу ғам побаста моем.
Ҳарифон рахт барбастанду рафтанд,
Чунин зору забун биншаста моем.
* * *
Насими раҳгузар бӯи ту дора,
Баҳорон нусха аз рӯи ту дора.
Ҳама кавну макону ломаконҳо,
Ҳаёҳую такопӯи ту дора.
* * *
Гаҳе масту гаҳе ҳушёрам аз ту,
Гаҳе хобу гаҳе бедорам аз ту.

Гаҳе рӯ дар ҳарам, гоҳе ба дайрам,
Чунин ошуфта ҳоле дорам аз ту.
* * *
Ҳадиси ишқи ту бишниданӣ буд,
Гули рухсори ту буиданӣ буд.
Чу фасли фарвадин бигзашт-бигзашт,
Баҳоре буд, баҳори диданӣ буд.
* * *
Ҷаҳон монанди зиндунаст бе ту,
Чаман ғарқобаи хунаст бе ту.
Ҳаёти Хизр бо ту ними рузаст,
Ва ними руз афзунаст бе ту.
* * *
Насибам аз ҷавонӣ, доғҳо шуд,
Даруни сина дил маҷруҳ гашта.
Саропои вуҷудам аз хаёле,
Саросар мазҳари андуҳ гашта.
* * *
Чу руъёи басе рангину дилкаш,
Дар ин зулматшабони зиндагонӣ.
Надонистам, куҷо рафту чаро рафт,
Ҷавонӣ во ҷавонӣ во ҷавонӣ.
* * *
Насибам як дили ғамошное,
Фиғон аз дасти бахти норасое.
Дили бегона бар ҳолам бисузад,
Шикоят мекунам, аз ошное.
* * *
Ба коми душманон, аз ман буридӣ,
Ту некӣ бо бадон кардӣ, чӣ дидӣ?
Кунун ту ронда аз дустию душман,
Ҳарончи коштӣ, имруз чидӣ.
* * *
Ё раб, зи ғами замона дилгир шудам,
Дар маҳбаси ғам, пой ба занҷир шудам.
Сад валвалаву шури ҷавонӣ доштам,
Дар айни ҷавониҳо кунун пир шудам.
* * *
Шӯълае к-андар дилам афрӯхтӣ,
То бақои зиндагӣ поянда бод.
Оташи шавқат саропои маро,
То абад сӯзанда бод, сӯзанда бод.
* * *
Бо, ки гӯям ончи фармудӣ бигӯ,
Дар хури ин гуфтугӯ мавҷуд не.
Ман чисон з-оташ бигӯям қиссаҳо,
Дар чароғи фаҳми эшон дуд не.
* * *
Раҳнаварди ҷодаи шавқи туям,
Аз ту меҷуям туро, эй раҳнамо.
Баъд аз ин дорам таманнои дигар,
Чашми хоболуди миллатро кушо.
* * *
Эй мусалмонзода, ғафлат то ба кай,

Ин хабисон дар пайи шуру шаранд.
Ақлу идрокат рабуданд, баъд аз ин,
Обрӯятро ба яғмо мебаранд.
* * *
Раҳбалад худ ҷоҳилу раҳношинос,
Мардумеро дар бало меафканад.
Ин гуруҳи ронда аз даргоҳи ҳақ,
Роҳи халқе ҳамчу шайтон мезанад.
* * *
Эй Худо! Ҳар кас, ки миллатро фурӯхт,
Чашми ноҳақбини ӯро кур соз.
Оламеро дар сиёҳӣ мекашад,
Дафъи зулмат аз барои нур соз.
* * *
Ман барои қавм дилхун гаштаам,
Лек нигаҳ аз руи таҳқирам кунанд.
Ман паи бишкастани занҷирашон,
Қасди эшон инки занҷирам кунанд.
* * *
Бас дигар сар хам намудан баъд аз ин,
Пеши пои ин палидан бас дигар.
Бас дигар инкори қавм инкори худ,
Бандагӣ бар ҳар касу нокас дигар.
* * *
Орзу дорам, ки лутфи кирдгор,
Толиби ҳақро мададгорӣ кунад.
Ақли охирбин аз ин пас оқибат,
Қавмро таълими бедорӣ кунад.
С 1988

Бубин захми дилам ночур гашта,
Чароғи зиндагӣ бе нур гашта.
Биё пурсони ҳоли нотавонам,
Танам аз дурият ранҷур гашта.
* * *
Агарчи зору ҳайрону асирам,
Бигирам коми дил в-онгаҳ бимирам.
Нагуфтам ончи гуфтам ихтиёрӣ,
Сухан рози диласту ман сафирам.
* * *
Шикасти дил қаноъатпарварам кард
Таманно шури олам бар сарам кард.
Будам бе ҳис ҳамчу санги роҳе,
Валекин ишқ омад гавҳарам кард.
* * *
Ба дил шодӣ, ба дил сӯзу гудозаст,
Ҳазорон қиссаву ногуфта розаст.
Ҳама дунё даруни дил биҷӯед,
Дари дил бар рухи ҷӯянда бозаст.
* * *
Туӣ оташ, туӣ дарёи ман дил,
Туӣ сармояи дунёи ман дил.
Надорам муниси розошное,
Туӣ сири ману савдои ман дил.

* * *
Туро аз обу аз гил офариданд,
Напиндорӣ, ки ботил офариданд.
Бар ин даъво агар бурҳон биҷӯӣ,
Бубин, к-андар барат дил офариданд.
* * *
Баҳор омад дилам пуризтиробаст,
Даруни синаам сад инқилобаст.
Чӣ андӯҳ аст дар дил ҷо гирифта,
Ду чашмам ғарқи об, ҳолам харобаст.
* * *
Баҳори зиндагӣ якранг бигзашт,
Ҷавонӣ баҳри ному нанг бигзашт.
Нафиҳмидам гузашти умр ҳаргиз,
Шигифто бо кадом найранг бигзашт.
* * *
Дил аз ман бурдию садпора кардӣ,
Аҷаб зулме ба ин бечора кардӣ.
Куҷо ҷуям суроғат, эй ситамгар,
Сарат гардам маро овора кардӣ.

С. 1987

Ту эй ангуштнамои аҳли идрок,
Ки маъруфию машҳури ҷаҳонӣ.
Такаллуфро надорам чашми дидан,
Умедам он, ки мағрурам нахонӣ.
* * ** * *
На қозиям на муфти, эй хирадманд,
На асрори дили касро бидонам.
Чаро шахсе, ки гӯяд мӯъминам, ман
Кунам инкору кофираш бихонам.
* * ** * *
Чу худ куҳи гунаҳ бар душ дорам,
Набинам дигаре бо чашми таҳқир.
Чу худ куфрони неъмат карда беҳад,
Насозам дигареро ҳукми такфир.
* * ** * *
Маро нисбат ба ту амри муҳоласт,
Ту «покию муназаҳ аз гунoҳӣ».
Бигӯ ҳар он чӣ гӯӣ худ бидонӣ,
Бикун ҳукми касон ҳар он чӣ хоҳӣ.
* * ** * *
С.1987

Чӣ созад чашм агар ҷайҳун нагардад,
Ҷигар садпораву пурхун нагардад.
Агар дил хун шавад, аз ранҷу меҳнат,
Таманно аз дилам берун нагардад.
* * * *
Зи дониш нуктаҳо гуфтам ба маҳфил,
Ҳарифон ҷоҳилу девона гуфтанд.
Дигарбор аз хару уштур бигуфтам,
Аҷаб оқил аҷаб фарзона гуфтанд.

* * * *
Ба сарҳо инқилоби ақл хоҳам,
Ба дилҳо, инқилоби сидқу эмон.
Таманно мекунам, бори Худоё,
Чароғи фитрати моро фурӯзон.
* * * *
Ба муслим чашми рушанбин бибахшо,
Ки созад имтиёзе неку бадро.
Ҷаҳолатро зи дониш фарқ созад,
Баробар нашмарад, инсону дадро.
* * * *
Бикун таъмири инсони навине,
Ки марги ногаҳон донад . . .
Шиносад ӯ каси аз нокасиҳо,
Тариқи нокаси донад ғуломе.
* * * *
Агар хоҳӣ шави манзури дунё,
Кунун дар анҷуман, аз гову хар гӯ.
Кунун бар ҷоҳилон олим бинеҳ ном,
Ба садҳо беҳунар, соҳиб ҳунар гӯ.
* * * *
Вале ман з-ин ҳама як су нишастам,
Дари сад орзу, бар худ бубастам.
Сари кибру ғурури нокасонро,
Басе бишкастаму з-онҳо бирастам.
* * * *
Худоё марг овар бар гурухе,
Ки дину миллати худро фурӯшанд.
Бар ашхоси забоновар, ки эшон,
Сухан бисёр донанду хамӯшанд.
* * * *
Бар ононе, ки баҳри ҷоҳу мансаб,
Суханро пучу бе маъно намуданд.
Бар ононе, ки баҳри бетамизон,
Ҳазорон достон иншо намуданд.

С. 1989

Худоё он маҳи хушкил куҷо рафт,
Бути бе меҳру сангин дил куҷо рафт.
Дилам бурду бирафту боз н-омад,
Надонам ӯ куҷову дил куҷо рафт.
***
Агар рӯзе баҳор ояд чӣ ҳосил,
Баҳори рафтаам дигар наояд.
Хазонрезасту дил пур мавҷи хун аст,
Ки сели ғам аз ин бештар наояд.
***
Ғараз аз изтироби дил чӣ бошад?
Маро аз зиндагӣ ҳосил чӣ бошад?
Забони гуфтугӯямро бибастанд,
Азизон беш аз ин мушкил чӣ бошад?
***

Ҷаҳони тозаи хуш обу ранге,
Даруни сина пинҳон дорам, эй дӯст.
Тамошо мекунам аз равзани дил,
Аз он сар дар гиребон дорам, эй дӯст.
***
Даруни сина асрори ниҳонӣ,
Ки ҳалли ин муамморо наёбам.
Гаҳе масруру гаҳ маҳзун бошам,
Гаҳе орому гаҳ пуризтиробам.
***
Басе дарде бувад дармон пазирад,
Биёбад оқибат рӯзе даворо.
Вале захме ба дил дорам, ки ҳаргиз,
На дармонро пазирад не даворо.
* * *
Агар бинӣ миёни муъминонаш,
Мусалмони басо комил намояд.
Миёни мулҳидону динфурӯшон,
Мусалмонӣ бараш ботил намояд.
***
Ҳазорон тавбае аз носипосӣ,
Дигар аз макру аз худношиносӣ.
Ҳазорон тавбаи бишкаста дорам,
Маро шуд тавбаҳо айни маъосӣ.
***
Зи зулму кину истикбор тавба,
Зи гуфтанҳои ноҳамвор тавба.
Зи уҷбу в-аз газофу худнамоӣ,
Ба пеши ҳазрати Саттор тавба.
***
Умеду орзу аз даст дода,
Ғуруби зиндагиро мунтазирам.
Дилам хоҳад, ки аз ғавғои дунё,
Ба кунҷи хилвате танҳо бимирам.
***
Эй, ки камар бастаи бар кини ман,
Душмани роҳу равишу дини ман.
Фош бигӯям дигар, эй бутпараст,
Бутшиканӣ, мазҳабу ойини ман.
****
Дилам хунаст дилам хунаст дилам хун,
Ғамам з-андоза берунаст берун.
Бигӯям гар ғами дил бо рафиқе,
Ҳамегӯяд, ки Маҷнунаст Маҷнун.
****
Бубин чашми пуробу ранги зардам,
Дили хунгаштаву оҳи бадардам.
Бикун раҳме, ки дар айни ҷавонӣ,
Мабодо аз ғамат девона гардам.
****
Бикун ҷонона бо ман меҳрубонӣ,
Ки мурдам дар фироқат ёри ҷонӣ.
Машав ғарра ба ҳусни дилрабоят,
Чу боди навбаҳораст навҷавонӣ.

****
Биё ҷоно нишин андар бари ман,
Нигоҳе кун ба чашмони тари ман.
Чунон аз оташи ишқат кабобам,
Ки доим дар табаст ин пайкари ман.
****
Мусалмонон ғами дил бо кӣ гӯям?
Давои дарди дилро аз кӣ ҷӯям?
Бидодам дил ба як шухи қашанге,
Нигоҳе ӯ намесозад ба сӯям.
****
Шудам ранҷуру афтодам ба бистар,
Хабар бурданд бар наздики дилбар.
Бигуфто бо камоли тундхуӣ:
Чунин девонаро маргаст беҳтар.
****
Чисон дарди диламро бо ту гӯям,
Аё сармаст моҳи тундхӯям.
Ба дил дорам таманнои висолат,
Зи дарду ҳасратат чун тори мӯям.
с. 1975
****
Маро ҳаргаҳ, ки аз чашмони мастат ёд меояд,
Дили девонаам бингар, ки дар фарёд меояд.
Намесозам фаромушат зи хотир, эй бути хушгил,
Туро аз ҳоли зори ман, замоне ёд меояд?
****

**Бо ёди ту**

Аз лавҳи дилам нақши хаёлат наравад,
В-аз пеши назар, акси ҷамолат наравад.
Дар оташи ҳиҷри ту ҳамесӯзаму лек,
Ҳаргиз зи сарам, ёди висолат наравад.

**Лутфи пинҳон**

Дӣ мулки дилам ғами ту ғорат мекард,
В-аз тоби ҷигар танам ҳарорат мекард.
Ман ғарқа миёни оташу наргиси ту,
Бо ғамза ба сӯи ман ишорат мекард.

## Дар пайравӣ аз Боботоҳири Урён
**( бо лаҳҷаи куҳистонӣ)**

Ба ҷони сардҷонон озарастум,
Бари сутадилон хокистарастум.
Чу заҳрам дар мазоқи бетамизон,
Ба коми аҳли маъно шаккарастум.
* * *
Бинозум шеваҳои дилбарита,
Нигоҳи шуху масту сарсарита.
Зи найранги ду чашмат, гиҷу виҷум,
Бинозум ҳилаву афсунгарита.
* * *
Гаҳе дар базми хубунум, чӣ чора?
Гаҳе дар дашту ҳомунум, чӣ чора?

Гаҳе сарҳалқаи риндуни сармаст,
Гаҳе дар банди зиндунум, чӣ чора?
* * *
Ғарибум, хундилонро дӯст дорум,
Навои булбулонро дӯст дорум.
Баҳорун руи гурум гул бикорен,
Ки мун, руи гулонро дуст дорум.
* * *
Дило аз дасти duздунат бидуздум,
Зи аҳволи парешунат бидуздум.
Дило чун Юсуфи дар чанги гургун,
Бурам аз чанги гургунат бидуздум.
* * *
Агар ғурбатқаринум, шод бошӣ,
Харобум кардаӣ, обод бошӣ.
Шикасти қомати ҳамчун алифум,
Ба боғи умри мун, шамшод бошӣ.
* * *
Шав умад, нолаи му бештар шуд,
Аламҳоят, ба ҷонум нештар шуд.
Ба сони аври боруни гиристум,
Сарупоям, зи ови дида тар шуд.
* * *
Ғарибӣ теша зад бар решаи мун,
Хазон умад, ба баргу решаи мун.
Дилам дар нозукӣ, чун шишае буд,
Ба санги ғам, шикаста шишаи мун.
* * *
Чаро девуна ранги, эй дил -эй дил,
Чаро бо му ба ҷанги, эй дил-эй дил.
Бикарди синаи му, пора-пора,
«Магар шеру палангӣ, эй дил-эйдил».
* * *
Чаро шабнам ба боғи мо наоя?
Чаро дилбар суроғи мо наоя?
Алови лахчае, дар сина дорум,
Чаро марҳам, ба доғи мо наоя.
* * *
Му аз ғамҳои ширини ту шодум,
Зи бадмеҳрии дерини ту шодум.
Маро дар хонаи ғам, мот кардӣ,
Зи найрангони фарзини ту шодум.
* * *
Дили моро ба базми маҳвашун бар,
Ба хубӣ гар намера, кашкашун бар.
Нишуни раҳ намедуна ғарибе,
Биги досташ, зи роҳи бенишун бар.
* * *
Ғаму ҳасрат миёни сина дорум,
Ба ҷунум оташи дерина дорум.
Дилам гум мезана андар баҳорун,
Ки му ҳам дилбари сабзина дорум.
* * *
Касе, ки аз раҳи ту ор дора,

Ҷафоҳои тура инкор дора.
Мусалмоне ба зоҳир ӯ валекин,
Ба зери пираҳан зуннор дора.
* * *

Насим овард паёме аз баҳорун,
Зи абри чашми му, селоби борун.
Гули ҳасрат ба боғи дил бирӯя,
Ба ёди чашми дарраҳинтизорун.
* * *
Биё фасли баҳорай, эй дил, эй дил,
Маро душман ҳазорай, эй дил, эй дил.
Биё суи ватан парвоз гирем,
Ки ҷонон интизорай, эй дил, эй дил.
* * *
Насими раҳгузар умад, ту бошӣ?
Ба ҷони му шарар умад, ту бошӣ?
Хабар умад, ки баъди солу моҳон,
Азизе аз сафар умад, ту бошӣ?

**Эҳдо ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ**

Ин мард, ки дар радифи мардони худост,
Фармудаи ӯ ҳама зи қуръони худост.
Домони иродаташ бигиру онгаҳ,
Фармон-ш бубар, ки сар ба фармони худост.
* * *
Ин марди Худо, ки аз табори дигараст,
Дар синаи поки ӯ шарори дигараст.
Ҳар дил, ки навошинос бошад, донад,
Савти хуши ӯ, зи шохсори дигараст.
* * *
**Ҳусни бенамак**

Дигар дилро ба дилҳо раҳ набоша,
Касе аз ҳоли дил огоҳ набоша.
Тамоми чоҳи оламро бикобӣ,
Дигар як Юсуфе дар чаҳ набоша.
* * *
Аҷаб моҳе ба зери чодаре буд,
Варо дар парда ҳусни дигаре буд.
Чаро аз рӯ бибурда обрӯро,
Магар деви лаъинаш раҳбаре буд.
* * *
Тароват дар гулистонам намонда,
Тараб дар базми мастонам намонда.
Мазоқи ошиқи мурдаст дар мо,
Намак дар ҳусни хубонам намонда.
* * *
Мурuват бо вафо зебанда будиӣ
Саҳаргаҳ бо сафо зебанда будӣ.
Дареғи ҳусни ин нопокбозон,
Малоҳат бо ҳаё зебанда будӣ.

* * *

Ҳадиси пуч, бар «машнав» наярза,
Дуруғинсубҳро партав наярза.
Чисозӣ бо рухи хуб, эй ҳавасбоз,
Ки ҳусни бенамак, як ҷав наярза.

* * *

Туро бо ҳусни худ савдо чӣ боша?
Чунин рафтори нозебо чӣ боша?
Магар ту лошаӣ бар лошахорон?
В-агарна бар сарат ғавғо чӣ боша.

* * *

Ба сурат зебу фар дорӣ, чӣ дорӣ?!
Ба сират шуру шар дорӣ, чӣ дорӣ?!
Ту як бозичаи бар танпарастон,
Магар аз ин хабар дорӣ, чӣ дорӣ?!

* * *

Зи рӯи хуби чун гулнор тавба,
Аз ин хушруи бадрафтор, тавба.
Намоиш медиҳад андоми худро,
Аз ин колову ин бозор тавба.

* * *

Ҳаёро дар гарав мондаст, донам.
Ба сад гулхан алав мондаст, донам.
Дилам хоҳад ғизои ҳусн, аммо
Таоми хубу шавмондаст, донам.

* * *

Дигар бар сайри бустонам ҳавас не,
Дигар бар васлу ҳиҷронам ҳавас не.
Зи рӯ бурданд хубон обрӯро,
Ҳавои рӯи хубонам ҳавас не.

* * *

**Ё Раб**

Ба водии талаб, аз бемадоронам макун ё раб,
Ҷудо аз корвони ҷоннисоронам макун ё раб.
Хато рафтам, хато гуфтам, хато кардам, хато дидам,
Вале андар радифи шармсоронам макун ё раб.
Арақпарвардаи шармам, зи гармиҳои нафсонӣ,
Ба дарёи залолат, ғарқи туфонам макун ё раб.
Дигар роҳе мабар к-анҷоми ӯ бошад пушаймонӣ,
Пушаймонам пушаймонам, пушаймонам макун ё раб.
Дили бирёну чашми ашкполонам бидеҳ имрӯз,
Ба фардои қиёмат дидагирёнам макун ё раб.
Ва аз борони раҳмат, пурлатофат кун баҳорамро,
Ба фасли тирамаҳ, хоҳони боронам макун ё раб.
Ҷаҳон ҷои парешонию ҳайронист, медонам,
Ба майдони қиёмат, зору ҳайронам макун ё раб.
На ҷои ҳайратаст, дар водии ҳайрат парешонӣ,
Вале дар водии маҳшар, парешонам макун ё раб.
Ба майдони, ки мардони ҳақиқат қад барафрозанд,
Зи лутфу марҳамат, аз сарбазеронам макуни ё раб.
Агар дархурди нироназ, дар ин дунё бисузонам,
Ҳаволат бар саъиру нори сӯзонам макун ё раб.

Навид худро зи хайли дӯстдорони ту медонад,
Ту берун аз шумори дустдоронам макун ё раб.

* * *
Ё раб, ту маро ба некии некон бахш,
Бо софию покии дили покон бахш.
Бо хандаи тифлакони ғофил зи гунаҳ,
Бо гиряву шевани гунаҳнокон бахш.
* * *
Ё раб ба дарат рӯи ниёз овардам,
Не ҳаҷу закоту, не намоз овардам.
Ҷоне, ки рамида буд аз даргаҳи ту,
Бигрифта ба даргаҳи ту боз овардам.

**Анҷом**

Мазмуни ин ҳикоят андар сухан нагунҷад,
Зафтаст луқмаи ишқ, андар даҳан нагунҷад.
Иҷоди пираҳан кард, шавқи ҳузур варна,
Он Юсуфе, ки дорам дар пираҳан нагунҷад.
Мурдобу зикри туфон, ноогаҳист, эй ҷон,
Баҳри муҳит ҳаргиз, дар як-ду дан[2] нагунҷад.
Мӯсо зи Хизр бишнид: «Лан тастаиъа», яъне,
Дар дафтари ду олам илми ладан нагунҷад.
Номаҳрамон гурезанд аз базми ишқ оре,
Ҷибрил пардадораст, то Аҳриман нагунҷад.
Арбоби фазл оре дар мулки худ ғарибанд,
Ҳар к-у бузург гардад, андар ватан нагунҷад.
Васфи дури ямонӣ бишнидаем аммо,
Ин ҷо дурест дигар, к-андар Яман нагунҷад.
Шери Худо шундӣ, дар чоҳ оҳ мегуфт,
Яъне, ки сирри ваҳдат дар анҷуман нагунҷад.
Дил соҳати худоист, майдони кибриёист,
Бас ҳарфи жарф гуфтам, дар илму фан нагунҷад.
Як дашт растахез аст, ҷоно Навиди моро,
Кин ҷилваи баҳорӣ дар сад чаман нагунҷад.

* * *

Чаманпардозие дорам ба рағми ақли пурсавдо,
Дар ин шаҳри пур аз ҳайрат, дар ин базми пур аз ғавғо.
На оҳанге зи сози улфатам бар гӯши ҷон ояд,
На нуре аз ҷамоли мутлақам бар чашми нобино.
Зи бас сар баркашидам аз гиребони фаромӯшӣ,
Шумори рӯзгорамро на имрӯз асту не фардо.
Ба хоб андар бидида мурғи ҷонам ошёни худ,

---
[2] Дан – хум, кӯза.

Ҳикоят мекунад гаҳ-гаҳ зи Ҷобулқову Ҷобулсо.
Ба шоми тираам гоҳе паёми нур меояд,
Ки бӯи пираҳан бишнидаам аз Юсуфи зебо.
Садои норасои дар гулӯбишкастаро монам,
Забони безабонӣ ку, ки рози дил кунам ифшо.
Қадам дар водии дил мениҳодам ақли саркаш гуфт:
«Надонам то куҷоҳо мераси зин роҳи нопайдо»
Ба ин ғукони мурдобӣ ҳадиси баҳр афсонаст,
Чӣ ҷои қулзуми ваҳдат ба он жарфову он паҳно.
Ман аз шаҳри гаронҷонон Худоё сахт дилгирам!
Магар рӯзе дар ин водӣ қиёмат мешавад барпо?!
Самандармашрабе кӯ, то кунад сайри ҷаҳони ман,
Ба оташхорӣ хӯ кардам дар ин гулхан Навидосо.

* * *

Эй фаротар аз ҳама пиндори мо,
Мо киему ин ҳама афкори мо.
Ғалла дар анбори андак вале,
Муши бисёр аст дар анбори мо.
Диди мо аз мо фаротар кай бувад?
Войи мову дидаву дидори мо.
«Нест бемори чу бемории дил»
Ту чӣ донӣ аз дили бемори мо.
Мар ҷунуноварагони ақлро,
Дарди сар афзояд ин гулзори мо.
Имтиёзи мову ту ин асту бас,
Дустонат душмани ғаддори мо.
Риштаи ин кор новарди ба каф,
Зин сабаб дори ба сар инкори мо.
Кор агар бо ҷомаву дастор буд,
Аз ту бодо ҷомаву дастори мо.
Баҳри раҳмат ҷӯш мезад дар азал,
Ғарқи ӯ шуд андаку бисёри мо.
Эътибори тан зи дил пайдо бувад,
Дар Бадахшон лаъли гавҳарбори мо.
Ин дами ёраст бар мо медамад,
Най шакар шуд аз лаби дилдори мо.
Ҷони мо гар ин сухан нашнида буд,
Аз тафаккур кай буд ин гуфтори мо?
Дар сари меҳру вафоем эй Навид,
Гарчи буди бар сари озори мо.

Душанбе соли 2003

Гар дасти мо ба домани васлат расо набуд,
Боре хаёли рӯи ту аз мо ҷудо набуд.
Аз дарди дил шикояти беҳуда чун кунем?
Дар маҳфиле, ки як дили дардошно набуд.
Дар боғҳо латофати пешин намондааст,
Ё дар баҳор шеваи поринаҳо набуд.
Гар маънии зиё ҳама нур аст пас чаро?
Нури Худо ба маҳфили аҳли зиё набуд.
Моро баҳои зиндагӣ ишқи ту буду бас,
Дидам, ки умри рафтаро ҷуз ин баҳо набуд.
Бу ту даме гар ойинапардози худ будам,
Ранги сафо ба чеҳраи ойинаҳо набуд.
Аз нашъаи шукуфтану болиданам мапурс,
Дар боғи мо ҳикояти боди сабо набуд.
Дорушшифои ақл бигаштам ба дарди ишқ,
Роҳи наҷот баставу номи даво набуд.
Бар рағми ақли муддаъӣ аз пургуноҳиям,
фатвои ишқро назаре бар хато набуд.
Дар шаҳри мо, ки ҳусн намак гум намудааст,
Дилбар ҳазор буду яке дилрабо набуд.
Дар хушдилӣ агар нафасе гум шудам зи ту,
Зери қабои хуррамӣ ғайр аз бало набуд.
Бо файзи оби раҳматам парварда эй Навид,
Дар киштзори фитратам тухми риё набуд.

* * *

Дар моварои ин фан илму фанест дигар,
К-ойинаи дили мо з-он рӯшанест дигар.
Ҳар гӯшае фитода мастеву лоуболе,
Дар хумми мо шароби мардафганест дигар.
Он ҷо раҳе надорад ҳар хому норасида,
Анбори ин сароро парвезанест дигар.
Не марду зан, ки дидӣ аз обу гил сиришта,
Аз ҷону дил сиришта марду занест дигар.
Умрат ба охир омад дар фикри ганҷу сарват,
Дар дил бирав, ки о ҷо як махзанест дигар.
Ку раҳзане, ки моро то кӯи ӯ кашонад,
К-андар камин нишаста сад раҳзанест дигар.
Ин аҳриман ба «лоҳавл» аз ту гурезад аммо,
Он кибру худнамоӣ аҳриманест дигар.
Сад пираҳан напӯшад айби ниҳони моро,
Дар махзани Илоҳӣ пироҳанест дигар.
Дасти Навид нагрифт сӯфиваше азеро,
Дасти иродати ӯ бар доманест дигар.

* * *

Ин чӣ шаҳрест пур аз ҳурвашон, хубу ороста субҳоналлоҳ,
Гулбунонад зи боғи малакут, ваҳ чӣ пироста субҳоналлоҳ.
Аз паси парда раҳи дил бизананд бо дусад нозу карашмай азалӣ,
Ин ҳама раҳзаниву луливашӣ аз куҷо хоста субҳоналлоҳ.
Ҳама аз олами нуранд магар, ки ба ҷуз рӯшанӣ пайдо набувад,
Рӯзу шаб роҳи фалак гум карда, меҳру маҳ коста субҳоналлоҳ.

Нозанине зи паси чодари ноз чеҳра бинмуду ҷаҳон дигар шуд,
Хам шуда қомати хубони ҷаҳон хоста нохоста субҳоналлоҳ.
Баъд аз ин роҳи қаландар бизанем мани шуридаи шайдову Навид,
Гӯшаи чодари ӯ боз кунем оста-оста субҳоналлоҳ.

* * *

Ба ҷонам шӯри маҳшар дар сарам савдост ё мавло,
Ба сози улфатам оҳанги истиғност ё мавло.
Рабуд луливаши барбатзане сабру қарорамро,
Ки оҳангаш на з-ин дунё на з-он дунёст ё мавло.
Парешонхотирам аз бас раҳи таъбир гум кардам,
Саводи номаам саргаштаи маъност ё мавло.
Саҳаровозаам аз файзи як субҳи дурӯғине,
Сафои дил асири зулмати шабҳост ё мавло.
На сурамро сарофиле паёмамро на ҷибриле,
Сафар дорам ба он манзил, ки нопайдост ё мавло.
Чу хум аз ман наёмад саҷдаи лабрези сад мастӣ,
Зи шӯри нашъаям холӣ маю миност ё мавло.
Варои ин чаманҳо як чаманзорест раббонӣ,
Ки нақши ин гулистонҳо аз ӯ бархост ё мавло.
Баҳореро фаротар з-ин баҳори рангу бӯ дидам,
Чӣ хуб асту чӣ мақбулу аҷаб зебост ё мавло.
Шунидастам бурун аз кавн дарёест руҳонӣ,
Ки ҳафт дарёи қулзум маҳви ин дарёст ё мавло.
Навид овораи саҳрои ҳайрат гашт медонӣ,
Дар ин водӣ чу гарди бесару бепост ё мавло.

Зи худ гум гаштаам, чун маънии мавҳумтаъбирам,
Ки дар ойинаҳо як ҷилва пайдо нест тасвирам.
Садое дар гулӯ чун мурғи бисмил мезанам пар-пар,
Ҳавои пар кашидан доштам, бастанд бо тирам.
Хати райҳониям к-андар сафоли кӯзаҳо руста,
Ба илҳоми баҳорӣ метавонӣ кард тафсирам.
Чу субҳи наврасида рафтане дар омадан дорам,
Ки чун хуршед меойиву ман он лаҳза мемирам.
Дар ин ғурбатсаро не аз хушиҳо кардаам манзил,
Зи пои норавони худ ба нокомӣ замингирам.
Куҷои эй далили раҳ, ки ин деви биёбонӣ,
Ҳаме раҳ мезанад ҳар лаҳза бо найрангу тазвирам.
Ба гирдоби ҳаводис чун ҳубоби рӯи дарёям,
Миёни мавҷи тӯфонӣ, чӣ меояд зи тадбирам.
Чу шабнам як нигаҳ болиданам фурсат ғанимат буд,
Чӣ гӯям, бо чунин камзарфиҳо ман узри тақсирам.
Бинои умр аз побаст дорад майли вайронӣ,
Навид аз рӯи ғафлатогаҳӣ дар фикри таъмирам.